# ҲИСОБОТИ
## солонаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои соли 2013

***ш. Душанбе – 2014***

**МУНДАРИҶА**


| | | |
|---|---|---|
| | **Сарсухан** | 3 |
| **1.** | **Омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ** | **4** |
| 1.1. | Омода ва доир намудани ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ | 4 |
| 1.2. | Омода ва доир намудани ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ | 12 |
| **2.** | **Дастовардҳои Шӯрои машваратӣ дар соли 2013** | **20** |
| 2.1. | Тақвият бахшидани низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ | 20 |
| 2.2. | Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ | 21 |
| 2.3. | Беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ | 22 |
| 2.4. | Идомаи ислоҳоти низоми андозбандӣ | 22 |
| 2.5. | Ҳимоя ва дастгирии соҳибкорон ва сармоягузорон | 23 |
| 2.6. | Рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ | 24 |
| 2.7. | Идомаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ | 28 |
| **3.** | **Оғози ислоҳот дар самтҳои гуногун** | **29** |
| 3.1. | Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта | 29 |
| 3.2. | Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат | 30 |
| 3.3. | Мусоидат ҷиҳати шомилшавии Тоҷикистон ба «Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961» | 30 |
| **4.** | **Мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ** | **32** |
| **5.** | **Интихоби (филтратсияи) мавзӯҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ** | **33** |
| **6.** | **Ҳамкорӣ бо шарикон** | **35** |
| 6.1. | Ҳамкорӣ бо бахши давлатӣ | 35 |
| 6.2. | Ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ | 35 |
| 6.3. | Ҳамкорӣ бо шарикони рушд | 36 |
| **7.** | **Интихоби аъзои нави Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби бахши хусусӣ, шарикони рушд ва сармоягузорони хориҷӣ** | **38** |
| **8.** | **Мизҳои мудаввар, семинарҳо ва форумҳо** | **39** |
| 8.1. | Мизҳои мудаввар | 39 |
| 8.2. | Муаррифномаҳо | 40 |
| 8.3. | Семинарҳо | 41 |
| 8.4. | Форумҳо | 41 |
| **9.** | **Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шӯрои машваратӣ барои соли 2014** | **43** |
| 9.1. | Идомаи ислоҳоти низоми андозбандӣ | 44 |
| 9.2. | Ислоҳоти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта | 44 |
| 9.3. | Ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ | 45 |
| 9.4. | Мусоидат ҷиҳати шомилшавии Тоҷикистон ба «Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961» | 46 |
| 9.5. | Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат | 47 |
| 9.6. | Ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ | 48 |
| 9.7. | Суръат бахшидан ба раванди ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии муҳосибот ва ҳисобдорӣ дар корхонаву муассисаҳо | 49 |
| **10.** | **Инъикоси фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар васоити ахбори омма** | **50** |
| | **Хулоса** | 52 |
| | **Замимаҳо** | 54 |

## САРСУХАН

Ҳисоботи мазкур бо мақсади пешниҳоди маълумот оид ба натиҷаҳои фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ (минбаъд «Шӯрои машваратӣ») дар соли ҳисоботии 2013 омода карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ ба самтҳои асосии зерин равона шуда буданд:

- Ташкил ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ва таҳия намудани маводҳо вобаста ба ҳар як масъалаҳои баррасишаванда;
- Доир намудани мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ;
- Муайян намудани мавзӯҳои асосӣ оид ба рушди соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ, ки аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳод шудаанд (ҷараёни филтратсия);
- Иттилоотонии ҷомеа оид ба рафти ислоҳот дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ;
- Гузаронидани ҷараёни интихоби аъзои нави Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусӣ, шарикони рушд ва сармоягузорони хориҷӣ;
- Ҳамкорӣ бо шарикон;
- Доир намудани таҳлилҳои иқтисодӣ ҷиҳати муайян намудани проблемаву монеаҳо ва омода намудани тавсияҳо ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва баррасии онҳо дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ;
- Фаъолият дар самти ташаккул ва рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ;
- Ташкил, гузаронидан ва иштирок дар мизҳои мудаввар, семинарҳо ва форуму конфронсҳо. Иштирок дар гурӯҳҳои корӣ.

Қобили қайд аст, ки соли 2013 дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар якчанд самтҳои афзалиятнок ислоҳот доир гардида, дар ин замина, як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ такони ҷиддӣ бахшиданд.

Ҳисоботи солонаи мазкур аз сарсухан,10 қисм ва хулосаву замимаҳо иборат мебошад. Инчунин ҳар як қисми он аз зерқисмҳои алоҳида, ки оид ба омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, дастовардҳои Шӯро дар соли 2013, оғози ислоҳот дар самтҳои гуногун, мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ, интихоби мавзӯъҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯро, ҳамкорӣ бо шарикон, интихоби аъзои нави Шӯрои машваратӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва форумҳо, самтҳои афзалиятноки фаъолият барои соли 2014 маълумот медиҳанд, таркиб ёфтааст.

Боварӣ дорем, ки ҳуҷҷати мазкур хонандаи гиромиро бо фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соли 2013 ба таври муфассал шинос хоҳад кард.

## 1. ОМОДА ВА ГУЗАРОНИДАНИ ҶАЛАСАҲОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Яке аз вазифаҳои асосии Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ва баррасӣ намудани масъалаҳои мубрами рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, дар давраи ҳисоботӣ ҷаласаҳои 11-ум ва 12-уми Шӯро гузаронида шуданд.

### 1.1. Омода ва доир намудани ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ.

Дар таърихи **30 апрели соли 2013,** таҳти раёсати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов ҷаласаи ёздаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа панҷ масъалаҳои мубрами фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд:

1. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;
2. Масъалаи ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Муаррифии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар таҳрири нав;
4. Ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;
5. Пешниҳоди масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи дувоздаҳуми Шӯрои машваратӣ оид ба идомаи ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ дар заминаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши фаъолияти суғуртавӣ.

Қабл аз оғози ҷаласа Сарвазири мамлакат, аъзои нави Шӯро аз ҷониби шарикони рушд Эдуард Ауер - Сафир, Роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ва Кристофер Миллер - Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистонро ба ҳозирин муаррифӣ намуд.

Дар ҷаласа гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлаталӣ Саидов оид ба натиҷаҳои мониторинги ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ шунида шуд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки қарорҳои қабулнамудаи ҷаласаҳои нуҳум ва даҳуми Шӯрои машваратӣ ба ислоҳоти низоми андозбандӣ, ташаккули шарикии давлат ва бахши хусусӣ, соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон, соддатар намудани ҷараёни санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ равона шудаанд.

Бо мақсади татбиқи босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» тибқи нақшаи чорабиниҳо корҳо идома доранд. Аз ҷумла лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи муайян намудани Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Дар бораи таъсис додани Муассисаи давлатии Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ таҳия гардида баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

Тибқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 10-уми Шӯро, Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» таъсис дода шуд, ки самти асосии фаъолияти он дастгирии молиявии соҳибкорӣ мебошад. Айни замон барои Фонди мазкур маблағҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо карда шудаанд.

Бо мақсади ҳавасманд намудани соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бовиҷдон аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ лоиҳаи «Тартиби ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорие, ки дар давраи мораторияи ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд» таҳия карда шуда, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Инчунин аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия оид ба муайян намудани андозсупорандагони беҳтарин таъсис дода шудааст, ки ҳарсола андозсупорандагони беҳтаринро муайян намуда, онҳоро бо тӯҳфаҳо сарфароз мегардонад.

Шакли дигари ҳавасмандкунии андозсупорандагони фаъолу бовиҷдон ин сарфа намудани вақти онҳо мебошад, ки вобаста ба ин аз ҷониби мақомоти андоз барномаи компютерии «Модули утоқи шахсии андозсупоранда бо низоми электронии эъломиякунонӣ» таҳия гардида, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Бо истифода аз ин имконият андозсупорандагон метавонанд ба мақомоти андоз ташриф наоварда ҳисоботи худро пешниҳод намоянд. Айни замон тақрибан 800 корхона ва соҳибкорони инфиродӣ аз ин навоварии низоми андозсупорӣ истифода мебаранд.

Вобаста ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯро намояндаи бахши хусусӣ дар Шӯрои машваратӣ, директори кулли ширкати "Помир Энерҷӣ" - Далер Ҷумаев ва Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон - Улф Ҳиндстром баромад намуданд.

Дар баромади худ Улф Ҳиндстром, аз ҷумла ба Котиботи Шӯрои машваратӣ барои омода намудани маълумоти муфассал (дар намуди ҷадвал) оид ба мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро изҳори миннатдорӣ намуда, ба он баҳои баланд дод. Ӯ зикр кард, ки Котиботи Шӯро ҳамкориҳои судмандро бо вазорату идораҳо ба роҳ монда, ҷараёни иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯроро дар мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ҳамоҳанг менамояд.

Инчунин қайд карда шуд, ки Шӯрои машваратӣ мунтазамислоҳоти муҳим ва заруриро вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ доир менамояд. Аз ҷумла ислоҳоти низоми андозбандӣ ва қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, тақвият бахшидани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, рушди бахши сайёҳӣ, масъалаи ташкили низоми "Равзанаи ягона" барои воридоту содироти молу маҳсулот ва амалиёти транзитӣ ва дигар ислоҳотҳо, ки бо ташаббуси Шӯрои машваратӣ гузаронида шуда истодаанд, хуб арзёбӣ карда шуданд. Дар маҷмӯъ, Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд аз номи шарикони рушд омодагии онҳоро ҷиҳати дастгирии татбиқи ислоҳоти қайдгардида иброз намуд.

Масъалаи дигаре, ки дар ҷаласаи 11-уми Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон мебошад. Вобаста ба масъалаи мазкур Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон - Фарҳод Акбаров ва Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон - Кристофер Миллер баромад намуданд.

Зимни баромадаш Фарҳод Акбаров, аз ҷумла қайд намуд, ки новобаста аз он, ки дар бахши қарзию молиявӣ фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани ҷолибнокии сармоягузорӣ дар ин соҳа ва баҳри таъмини пурраи талаботи аҳолии кишвар бо хизматрасониҳои молиявӣ, имкониятҳои истифоданашуда вуҷуд доранд.

Аз ин рӯ, масъалаи ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба баррасии Шӯро пешниҳод карда шуд.

Рейтинги кредитии соҳибихтиёрӣ ҳамчун баҳодиҳии хавф ҳангоми сармоягузорӣ дар кишвар арзёбӣ карда мешавад.

Барои Тоҷикистон ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрӣ иқдоми деринтизор ва аҳамиятнок мебошад. Дар мавриди аввал гирифтани чунин рейтинг аз оҷонсиҳои бонуфузи байналмилалии рейтингӣ ҷолибияти сармоягузории мамлакатро баланд бардошта, суръати афзоиши сармоягузории хориҷӣ ба кишвар бештар хоҳад гашт, ки ин барои иқтисодиёт хеле муҳим мебошад.

Ба ғайр аз ин, ташкилотҳои қарзӣ низ имконияти гирифтани рейтинги кредитии инфиродиро пайдо менамоянд ва он ташкилотҳое, ки дорои рейтинги кредитӣ мебошанд, нақши онро боз баланд мебардоранд.

Бо дарназардошти нуктаҳои баёнгардида, намояндагони бахши хусусӣ ба дастгирии ҳамаҷонибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон итминон намуданд.

Нисбати масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз ҷониби аъзои гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур, Роҳбари Ассосиатсияи "Маркази инкишоф ва дастгирии ассосиатсияҳои Тоҷикистон" – Файзалӣ Раҷабов муаррифӣ карда шуд. Инчунин баромади Роҳбари Намояндагии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон Штефан Эрбер низ вобаста ба масъалаи мазкур шунида шуд.

Файзалӣ Раҷабов дар баромадаш қайд намуд, ки пеш аз ҳама дар лоиҳаи қонуни мазкур ба масъалаҳои принсипҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкорӣ, хусусиятҳои таҳия ва қабул намудани санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки ба манфиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ дахл доранд, диққати махсус дода шуд.

Инчунин аз тарафи гурӯҳи корӣ ба масъалаҳои танзими давлатии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳиборӣ, самтҳои асоси дастгирӣ, дастгирии давлатии молиявии соҳибкорӣ ва кафолатҳои давлатии ҳимояи субъектҳои соҳибкорӣ таваҷҷӯҳи хоса дода шудааст.

Боиси хушнудист, ки имрӯзҳо бахши хусусӣ дар таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои рушди соҳавӣ ба таври васеъ ҷалб карда мешаванд ва фаъолона ширкат мекунанд. Вале бояд ҳамин нуқтаро низ қайд кард, ки мутаассифона дар марҳилаи муҳим, яъне вақти қабули санадҳо бахши хусусӣ дар баъзе ҳолатҳо дар канор мемонад.

Қобили зикр аст, ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи соҳибкорӣ соҳибкоронро ҳаматарафа дастгирӣ менамояд. Вале чунин дастгирӣ аз ҷониби дигар вазорату идораҳои соҳавӣ низ ба соҳибкорони ҳамон соҳа зарур шуморида мешавад.

Бинобар ин, дар ҷамъбасти баромади худ Файзалӣ Раҷабов аз Сарвазири мамлакат хоҳиш кард, ки ҷиҳати дастгирии соҳибкорон аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ супориш дода шавад.

Вобаста ба масъалаи мазкур, Сарвазири ҷумҳурӣ қайд намуд, ки ҳамаи пешниҳодоти бахши хусусӣ дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" ба инобат гирифта мешаванд.

Қобили қайд аст, ки имрӯзҳо муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи минтақавӣ низ рушду тавсеа ёфта, айни замон дар назди раисони ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳрҳои Кӯлоб, Истаравшан, Исфара, Панҷакент ва ноҳияи Фархор шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ таъсис дода шудаанд.

Мақсади асосии таъсиси шӯроҳои мазкур фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба рушди иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо ба ҳисоб рафта, ҳамзамон ба беҳтар гардидани некӯаҳволии шаҳрвандон, ғанӣ гардонидани буҷетҳои маҳаллӣ ва таҳкими ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ равона карда шудааст.

Дар ин замина, дар ҷаласаи 11-уми Шӯро, ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Қодири Қосим оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ ва вазъи феълии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоят шунида шуд.

Дар баромади худ Қодири Қосим иброз дошт, ки панҷ маротиба ҷаласаи Шӯрои машваратии назди Раиси вилоят баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои рушди савдои байнисарҳадӣ, ҳолат ва мушкилоти қарздиҳӣ ба соҳаи соҳибкорӣ, таклифу пешниҳодҳо ба лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва рушди соҳаҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ баррасӣ гардиданд.

Илова бар ин, бо мақсади иҷрои Барномаи давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 дар асоси қарори Раиси вилоят аз 25 июни соли 2012 нақшаи чорабиниҳои мушаххас қабул гардида, иҷрои онҳо дар Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди Раиси вилоят мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Ҳамасола вохӯрии Раиси вилоят бо соҳибкорони шаҳру ноҳияҳои вилоят ба ҳукми анъана даромада, имсол низ моҳи март вохӯрии Раиси вилоят бо соҳибкорони вилоят баргузор гардид ва дар асоси он нақшаи чорабиниҳо қабул шуда айни ҳол барои татбиқи он, чораҳои амалӣ андешида шуда истодааст. Ташкили сомонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар шабакаи интернет (www.gbao.tj) ва суроғаи электронӣ (hukumat@gbao.tj, hukumatgbao@mail.ru) имконият фароҳам меорад, ки соҳибкорон аз тамоми минтақаҳои вилоят бе сарфи зиёди вақту маблағ бевосита ба мақомот муроҷиат намоянд.

Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаҳои соҳибкорӣ ва сайёҳӣ дар вилоят ва мусоидат ба инкишофи ҳаматарафаи ин бахшҳо, ҳалли масъалаҳои зеринро зарур ҳисобид:

- Васеъ намудани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддати бонкӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ.
- Зарурати ташкили Консулгарии Ҷумҳурии Халқии Хитой дар шаҳри Хоруғ ҷиҳати таҳкими муносибатҳо бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, фаъолияти доимии гузаргоҳи Кулма ва зиёд намудани омаду рафти мусофирон, аз ҷумла сайёҳон тавассути ин гузаргоҳ. Чунки додани иҷозат барои рафтуомади сайёҳон тавассути гузаргоҳи Кулма ва ба ҷониби кӯли Сарез, миқдори воридоти сайёҳони хориҷиро дучанд зиёд мегардонад.

Боварӣ карда шуд, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯмаки бевоситаи Президенти мамлакат масъалаҳои мазкур ҳалли худро пайдо намуда, соҳаҳои соҳибкорию сайёҳӣ дар ВМКБ равнақ меёбанд ва ба рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят мусоидат хоҳанд намуд.

Оид ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа, Котиби масъули Шӯро – Давлаталӣ Саидов ахборот дод.

Дар баромади худ Котиби масъули Шӯро вобаста ба масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ дар мавзӯҳои беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши суғурта ва гузаронидани ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ дар заминаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ахборот пешниҳод намуд.

Аз Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шуд, ки ҷиҳати аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд таъсис додани гурӯҳи корӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва омода намудани пешниҳодҳо вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта ва идомаи ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ дар заминаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дастур дода шавад.

Инчунин дар муҳокима ва баҳсу мунозираҳо вобаста ба ҳар як масъалаи дар ҷаласа баррасигардида, Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Наҷмуддинов, Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Нусратулло Давлатов, Раиси Бонки миллӣ - Абдуҷаббор Ширинов, Роҳбари Намояндагии Хазинаи Байналмилалии Асъор дар Тоҷикистон - Ари Айзен ва Роҳбари Иттифоқи ассосиатсияҳои соҳибкорони вилояти Суғд - Маъсуда Тюряева иштирок намуданд.

**Дар хотимаи ҷаласа суханронии ҷамъбастии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.**

Сарвазири мамлакат қайд намуд, ки ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегарданд ва барои ноил гардидан ба инҳо, тадбирҳои ҷиддӣ андешида шуда истодаанд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва тақвият бахшидани ҷалби бештари сармоягузориҳо барои рушди минбаъдаи иқтисодии кишвар боз ҳам баланд бардоштани обрӯю нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Дар ин радиф, соли гузашта як қатор ислоҳоти муҳим гузаронида шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо ва Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид ё худ Конвенсияи Ню-Йорк оид ба эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражии хориҷӣ шомил гардид, ки бешубҳа ба боло рафтани нуфузи байналмилалии Тоҷикистон, рушди савдои байналмилалӣ, ҷалби сармоя, рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ, беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди бахши хусусӣ таконе хоҳад бахшид.

Шомилшавии Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо дар марҳилаи навини Ватани соҳибистиқлоламон аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳимест, ки бевосита ба рушди минбаъдаи устувори иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа равона карда шудааст.

Узвият дар ин созмони бонуфуз ба соҳибкорони ватанӣ ҷиҳати пешниҳоди молу хизматрасониҳои рақобатнок ба бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ мусоидат намуда, тавассути ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, воридоти технологияҳои муосир ва истеҳсоли маҳсулоти босифат ба рушди иқтисоди миллӣ кӯмак хоҳад намуд.

Бо истифода аз фурсати муносиб, Сарвазири мамлакат ба дӯстон ва шарикони ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон, ки моро дар раванди воридшавӣ ба Созмони Ҷаҳонии Савдо дастгирӣ карданд, бори дигар миннатдории самимии худро баён намуд.

Дар идомаи дастовардҳои зикргардида, яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар ҷаласаи 11-уми Шӯро мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат мебошад.

Сарвазири мамлакат қайд намуд, ки рейтинги кредитии соҳибихтиёрӣ сатҳи хавфнокӣ, қобилияти пардохтпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузории кишварро барои сармоягузорони хориҷӣ муайян менамояд. Муайян намудани рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби бештари сармояи хориҷӣ муҳим мебошад, чунки сармоягузорони хориҷӣ ҳангоми сармоягузории худ дар ин ё он кишвар аз рейтинги мазкур васеъ истифода мебаранд.

Ҳангоми мавҷуд набудани рейтинги номбурда одатан сармоягузорон дараҷаи хавфнокии сармоягузориро дар ин ё он кишвар аз сатҳи воқеии он баланд нишон медиҳанд, ки бар зиёни худи ҳамон кишвар мешавад.

Соҳиб шудан ба рейтинги кредитии соҳибихтиёрӣ ба ҷумҳурии мо барои муҳайё кардани сарчашмаҳои маблағгузории буҷети давлатӣ, рушди бозори қоғазҳои қиматнок ва идоракунии самараноки қарзи давлатӣ шароитҳои нав фароҳам оварда, хароҷоти хизматрасонии қарзи берунаро коҳиш медиҳад. Инчунин бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ метавонанд қарзҳои берунаро бо фоизҳои пасттар ва бо мӯҳлатҳои дароз барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт ҷалб намоянд.

Бинобар ин, имрӯз вақти он расидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон рейтинги кредитии соҳибихтиёрии худро ташкил карда, ба ин васила аз манфиатҳои номбурда бархурдор гардад.

Вобаста ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа оид ба қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар таҳрири нав, Сарвазири ҷумҳурӣ Оқил Оқилов қайд намуд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди фаъолияти соҳибкорӣ ислоҳоти ҷиддӣ гузаронида шуда истодааст. Танҳо соли 2012 дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабул гардида, дар идомаи ибтикорҳои Шӯро, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ» ва «Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузорӣ» қабул гардиданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат тадриҷан зиёд гардида истодааст.

Бо итминон метавон қайд намуд, ки қабули қонунҳои мазкур боз як қадами устувор барои рушди минбаъдаи соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ хоҳад шуд.

Вобаста ба масъалаи чоруми рӯзномаи ҷаласа, Сарвазири мамлакат иброз дошт, ки тадриҷан баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандони ҷумҳурӣ, аз ҷумла сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон яке аз мақсадҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати кишвар ба ҳисоб рафта, маблағгузориҳои давлатӣ дар ин самт торафт афзун гардида истодаанд.

Ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давоми солҳои 2001-2012, чор миллиарду 646 миллион сомонӣ ҷудо карда шуда, тайи чанд соли охир дар вилоят беш аз 1000 иншооти нави иҷтимоию иқтисодӣ, маъмурӣ ва фарҳангӣ сохта ба истифода дода шуд. Ба ғайр аз ин, аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳӣ дар 5 соли охир барои рушди соҳибкорӣ дар ВМКБ ба маблағи умумии қариб 465 миллион сомонӣ қарзҳои хурд дода шудаанд.

Яке аз роҳҳои муҳимтарин ва осонтарини баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва некӯҳаволии мардуми Бадахшон ин рушди савдои наздисарҳадӣ ва сайёҳӣ ба ҳисоб меравconfigurations.

Дар ин ҷода пулҳои мавҷуда ва сохташавандаи байни Тоҷикистону Афғонистон нақши бағоят бузург мебозанд. Маҳз ба воситаи ҳамин пулҳо имконият пайдо гардид, ки мардуми ҳарду соҳили дарёи Панҷ ба таври хеле осон, яъне бо истифода аз нақлиёти автомобилӣ мубодилаи молу ашёро ташкил намуда, ҳамкориҳои хубе барқарор созанд.

Бо ташкили бозорҳои наздисарҳадӣ ва равобити тиҷоратӣ соҳибкорон ва тоҷирони тоҷик низ имконият пайдо мекунанд, ки молу ашёи худро ба кишварҳои ҳамсоя ба савдо бароранд ва мавқеи иқтисодии худро мустаҳкам намоянд.

Тӯли солҳои истиқлолият дар ҳудуди вилоят як қатор корхонаҳои саноатӣ бунёд ёфта, фаъолият намуда истодаанд. Вале дар самти рушди истеҳсолот ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар вилоят имконияту захираҳои истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд. Чунин имкониятҳои васеъ дар соҳаҳои коркарди сангҳои табииву қимматбаҳо, металҳои ранга, маҳсулоти кишоварзӣ, бандубасти обҳои ошомидании чашмаҳои Помир ва дигар бахшҳо хеле фаровонанд.

Бо дарназардошти масъалаҳои зикргардида, аз ҷониби Сарвазири мамлакат ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ВМКБ як қатор дастуру супоришҳои мушаххас дода шуданд.

Оид ба мавзӯҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаиояндаи Шӯрои машваратӣ, ки аз ҷониби Котиби масъули Шӯро пешниҳод карда шуд, Сарвазири мамлакат зикр намуд, ки яке аз бахшҳои муҳиме, ки метавонад барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва ворид гардидани маблағҳои бештар ба буҷети давлат кӯмак намояд, ин фаъолият намудани низоми босуботи бахши суғурта маҳсуб мегардад.

Қобили зикр аст, ки ҷиҳати рушди соҳаи мазкур аз ҷониби Ҳукумати мамлакат санадҳои меъёриву ҳуқуқии дахлдор қабул шуда бошанд ҳам, заминаи ҳуқуқӣ дар ин самт то ҳол номукаммал боқӣ мондааст.

Аз ин рӯ, айни замон, дар ҷумҳурӣ шумораи ками ширкатҳои хусусии суғуртавӣ фаъолият менамоянд ва сатҳи ҷалби аҳолӣ ва соҳибкорон барои истифодаи хизматрасониҳои суғуртавӣ ҷавобгӯи талабот нест, ки ин ҳолат аз мусоид набудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар ин бахш шаҳодат медиҳад.

Фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта ва фаъолияти пурсамари ширкатҳои рақобатпазири суғуртавӣ имкон медиҳанд, ки маблағҳои аз ҳисоби суғурта ҷамъоваришуда барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт сармоягузорӣ карда шаванд.

Вобаста ба ин, бо мақсади рушди фаъолияти суғуртавӣ, таъсиси ширкатҳои рақобатпазири бахши суғурта ва бештар намудани воридоти маблағ ба буҷети

ҷумҳурӣ аз ҳисоби суғурта, доир намудани таҳлилҳои чуқур ва таҳияи тавсияҳо оид ба ташаккули бахши мазкур дар ҷумҳурӣ аҳамияти бузург дорад.

Мавзӯи дигари лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯро, ба низом даровардани фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ ба шумор меравад. Дар ин самт дар ҷумҳурӣ ислоҳоти ҷиддӣ татбиқ карда шуд. Як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо шумораи иҷозатҳо аз 600 адад то ба 86 адад кам карда шуда, расмиёти дастрас намудани онҳо низ соддатар гардонида шуданд.

Бо вуҷуди ин, идомаи ислоҳот дар ин самт ва дар доираи як санади меъёрию ҳуқуқӣ амалӣ намудани фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ мувофиқи мақсад ва талаби замон аст.

Инчунин Сарвазири мамлакат ҷиҳати ҳалли босуръати масъалаи раванди шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961»ва бархурдор гардидан аз манфиатҳои он таъкид намуд.

**Дар асоси нуқтаҳои баёнгардида, аз ҷониби Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Оқил Оқилов ба мақомот ва масъулини дахлдор ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои зайл дода шуданд:**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муроҷиати соҳибкорон оид ба таъсири Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар заминаи Кодекси мазкур қабул гардидаанд, аз ҷумла «Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият мекунанд» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451) ба рушди соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ ба рушди иқтисодии мамлакат таҳлили ҳамаҷониба гузаронида, аз натиҷааш ба ҷаласаҳои оянда Шӯро ахборот манзур намояд.
2. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон:
   - лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар таҳрири навро такмил дода, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;
   - якҷо бо вазорату идораҳои марбута, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд ҷиҳати идомаи ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ дар заминаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш дар ҷаласаҳои оянда Шӯро ахборот пешниҳод намояд;
   - мониторинги иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»-ро гузаронида, аз натиҷааш ба ҷаласаҳои оянда Шӯро ахборот манзур намояд.
3. Бонки миллӣ, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ва бо ҷалби шарикони рушди Тоҷикистон масъалаи ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистонро ҳаматарафа омӯхта, пешниҳод манзур намоянд.
4. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия якҷо бо вазорату идораҳои марбута, бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳлили зарурӣ гузаронида, натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои оянда Шӯро пешниҳод намоянд.
5. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, адлия ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вобаста ба ҳалли босуръати масъалаи шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага аз соли 1961 ё Конвенсияи Апостил чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ахборот пешниҳод намоянд.
6. Вазорату идораҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорони соҳаи худ тадбирҳои амалӣ андешанд. Иштироки бахши хусусӣ дар марҳилаи таҳия, қабул ва татбиқи

тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ оид ба рушди соҳибкорӣ таъмин карда шавад ва хулосаҳои пешниҳодкардаи бахши хусусии соҳавӣ ба инобат гирифта шаванд.

7. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон:
   - дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва бо ҷалби шариконони рушд барои фаъолияти пурсамари минтақаи озоди иқтисодии «Ишқошим» чораҳои муассир андешад ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот диҳад;
   - якҷо бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазорату идораҳои дахлдор масъалаи таъсиси минтақаи озоди иқтисодии «Мурғоб»-ро омӯхта, дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодот манзур намояд;
   - якҷо бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазорату идораҳои марбута ҷиҳати вусъат бахшидани савдои наздисарҳадӣ, муҳайё намудани шароити зарурӣ дар бозорҳои наздисарҳадӣ ва зиёд намудани ҳаҷми содироти молу маҳсулоти ватанӣ ва хизматрасонӣ ба бозорҳои Афғонистон ва дигар кишварҳои ҳамсоя чораҳои муассир андешад;
   - якҷо бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва саноат, кишоварзӣ ва дигар вазорату идораҳо дар самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла таъсиси корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва доруворӣ, сангҳо ва металҳои қимматбаҳо, бандубасти обҳои ошомиданӣ, рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарварӣ чораҳои таъхирнопазир андешида, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ахборот манзур намояд.
8. Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои соҳибкорӣ барои шинос намудани соҳибкорони Тоҷикистон бо муҳити иқтисодӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ворид гардидани онҳо ба бозорҳои Афғонистон ва иштироки онҳо дар лоиҳаҳои барқарорсозии кишвари ҳамсоя чораҳои зарурӣ андешад.
9. Ҳукумати мамлакат якҷо бо шариконони рушд ва бахши хусусӣ дар масъалаҳои зерин ҳамкории судмандро ба роҳ монанд:
   - татбиқи босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»;
   - таҳия, такмил ва татбиқи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» ва «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»;
   - ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
   - гузаронидани таҳлил оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта ва идомаи ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ дар заминаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ;
   - гузаронидани таҳлили таъсири Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба рушди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон;
   - таҳия ва татбиқи дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар доираи Шӯрои сармоягузорӣ қабул карда мешаванд.
10. Ваколатҳои аъзои Шӯро аз ҷониби шариконони рушд Улф Ҳиндстром – Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва Николас Гюгас – муовини Роҳбари Намояндагии Дафтари Ҳамкориҳои Швейтсария дар Тоҷикистон бинобар сабаби ба итмом расидани мӯҳлат қатъ карда шавад.
11. Номзадии аъзои нави Шӯро аз ҷониби шариконони рушд Эдуард Ауер – Сафир, Роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ва Кристофер Миллер - Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

Бинобар сабаби иваз шудани роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Сангтуда-1» Павел Лавров - Директори кулли ҶСК «НБО Сангтуда-1» аъзои Шӯро аз ҳисоби сармоягузорони хориҷӣ интихоб карда шавад.

### 1.2. Омода ва доир намудани ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ.

Дар таърихи 13 декабри соли 2013, таҳти раёсати Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи дувоздаҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа чор масъалаҳои рушди фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд:

1. Гузориш оид ба рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, аз ҷумла натиҷаҳои мониторинги иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ».
2. Муаррифии натиҷаҳои таҳлил ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ.
3. Пешниҳоди лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ.
4. Пешниҳоди яке аз масъалаҳои лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи оянда Шӯрои машваратӣ оид ба ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ дар Тоҷикистон.

Дар ҷаласа гузориши Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Қодири Қосим оид ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ шунида шуд. Қайд карда шуд, ки қарорҳои қабулнамудаи ҷаласаҳои даҳум ва ёздаҳуми Шӯрои машваратӣ ба густариши шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, идомаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ, ислоҳоти фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахшҳои сайёҳӣ ва суғурта, идомаи ислоҳоти низоми андоз ва рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ равона гардидаанд.

Аз ҷумла ҷиҳати идомаи ислоҳоти низоми андоз тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» ворид карда шуд. Дар ин замина, баъзе андозҳо бекор карда шуда ба истеҳсолкунандагони гушти мурғ, тухм ва хуроки чорво имтиёзҳо пешниҳод гардиданд. Ҳамчунин номгӯи фаъолиятҳои соҳибкорие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, васеъ гардид ва маблағи патент низ вобаста ба шакли фаъолияти соҳибкорӣ то андозае паст карда шуд, ки ин тадбирҳо барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат хоҳанд кард.

Зикр карда шуд, ки дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории доимоамалкунанда оид ба омӯзиш, таҳлил ва такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст.

Бо мақсади татбиқи босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва Муассисаи давлатии "Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ" таъсис дода шуда, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ тасдиқ карда шуд.

Барои иҷрои пурра ва саривақтии қарорҳои ҷаласаҳои 10-ум ва 11-уми Шӯро, аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо Котиботи Шӯро лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва

дастгирии давлатии соҳибкорӣ» таҳия гардида, ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шуд.

Ҷиҳати боз ҳам осон намудани оғози фаъолияти соҳибкорӣ, ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ идома ёфта, боназардошти пешниҳоди соҳибкорон дар ҷаласаи гузаштаи Шӯро ва Нақшаи кории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мониторинги иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» дар 16 мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва 68 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шуд.

Дар натиҷа муайян карда шуд, ки то ҳол баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" мухолифат доранд.

Бо супориши Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо мақсади густариши муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар водии Рашт, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ин минтақаи ҷумҳурӣ таъсис дода шуда, ҷаласаи якуми он баргузор гардид.

Вобаста ба масъалаи мазкур Раиси Шӯро, Президенти мамлакат қайд намуданд, ки "ҷиҳати татбиқи қарорҳои Шӯро корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Ҳамзамон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатиро зарур аст, ки барои фаъолияти пурсамар ва ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидани Шӯро ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

Дар баробари ин, татбиқи қарорҳои қабулнамудаи Шӯро оид ба татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими низоми иҷозатдиҳӣ пурра таъмин карда шаванд.

Аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мутобиқ карда шуда, ҷиҳати тариқи электронӣ ба роҳ мондани тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва мукаммалгардонии фаъолияти Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ чораҳои зарурӣ андешида шаванд" - хулоса намуданд Президенти мамлакат.

Вобаста ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯро ҳамчунин намояндаи бахши хусусӣ дар Шӯрои машваратӣ, директори кулли ширкати "Помир Энерҷӣ" - Далер Ҷумаев ва Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон - Улф Ҳиндстром баромад намуданд.

Аз ҷумла Далер Ҷумаев дар баромадаш қайд намуд, ки имрӯзҳо намояндагони бахши хусусӣ имконият доранд, ки дар таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба рушди соҳибкорӣ фаъолона ширкат намуда, дар қабули қарорҳои давлатӣ оид ба рушди соҳибкорӣ саҳми муносиб гузоранд.

Дар давраи ҳисоботӣ намояндагони бахши хусусӣ дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», фаъолияти гуруҳҳои корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта фаъолона ширкат намуданд.

Инчунин намояндагони бахши хусусӣ қарорҳои Шӯрои машваратиро оид ба ташкили рейтинги кредитии соҳибхтиёрии Тоҷикистон, шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961» ва дигар ислоҳотро, ки бо ташаббуси Шӯро амалӣ шуда истодаанд, пурра ҷонибдорӣ намуда, дар рафти татбиқи онҳо иштирок карда истодаанд.

Вобаста ба нақши бахши хусусӣ дар татбиқи қарорҳои Шӯрои машваратӣ Раиси Шӯро, Президенти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки "солҳои охир барои амалӣ намудани ташаббуси бахши хусусӣ ҷиҳати рушди соҳибкорӣ ва дар навбати аввал соҳибкории истеҳсолӣ фазои мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, бахши хусусӣ дар ободонӣ,

рушди иқтисодии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ҷумҳурӣ саҳми босазо гузошта истодааст.

Агар ба рақамҳои мушаххас назар кунем, танҳо, дар давоми ҳафт соли охир дар мамлакат зиёда аз 1600 корхонаи нави саноатӣ бо 50 ҳазор ҷойи корӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноати коркарди маъдан, коркарди нахи пахта, сабзавоту меваҷот ва дигар намудҳои ашёи хоми саноатӣ бунёд карда шуданд ва ба ин раванд бояд суръат бахшида шавад.

Саҳми бахши хусусӣ дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии мамлакат сол то сол афзоиш ёфта, соли ҷорӣ зиёда аз 50%-ро ташкил намуд.

Бо вуҷуди ин, Ҳукумати ҷумҳурӣ талош менамояд, ки соҳибкорон ба имкониятҳои то ҳанӯз истифоданашуда ҷиҳати ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, тавлидоти маҳсулоти рақобатпазиру ба содирот нигаронидашуда ва коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ ҳарчӣ бештар ҷалб карда шаванд”- иброз доштанд Сарвари давлат.

Оид ба саҳми шарикони рушд дар татбиқи қарорҳои Шӯро, Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон - Улф Ҳиндстром баромад намуда, гузаронидани ислоҳотро дар як қатор самтҳо баланд арзёбӣ намуд. Аз ҷумла ташкили Шӯро ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ, аз ҷониби Котиботи Шӯро дар ҳамкорӣ бо дигар шарикон таҳия намудани “Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо” ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат дар ин самт, гузаронидани таҳлили фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта махсусан қайд карда шуданд.

Ҳамзамон қайд гардид, ки Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дастгирии худро нисбати фаъолияти пурсамари Шӯрои машваратӣ ва дигар лоиҳаҳои афзалиятнок дар Тоҷикистон идома ва тақвият хоҳад бахшид.

Улф Ҳиндстром иброз дошт, ки фаъолияти ӯ ба сифати Намояндаи доимии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон ба поён мерасад ва ӯ аз ҳамкории самараноки Ҳукумати мамлакат ва дигар сохторҳо бо ин Бонк изҳори қаноатмандӣ намуда, миннатдории худро ба онҳо баён намуд.

Дар навбати худ Президенти мамлакат, Раиси Шӯро, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти пурсамари Улф Ҳиндстром ба ҳайси Намояндаи доимии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ва фаъолияти ин Бонк дар Тоҷикистон баҳои баланд дода, ба фаъолияти минбаъдаи ӯ ва Бонки мазкур бурдбориҳо таманно намуданд.

Аз рӯи масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа, Роҳбари Котиботи Шӯро, Роҳбари гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ - Завқиҷон Завқиев баромад намуда, оид ба натиҷаҳои фаъолияти гуруҳи корӣ, ки бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати омӯзиш, таҳлил ва пешниҳоди тавсияҳо барои рушди минбаъдаи бахши сайёҳӣ таъсис ёфта буд, маълумот дод.

Аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ дар ҳамкорӣ бо дигар аъзои гурӯҳи корӣ ҳуҷҷати таҳлилии «Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон» бо тавсияҳои мушаххас ва дар асоси он лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таҳия гардида, ҳамчун натиҷаи пурсамари корҳои анҷомгардида дар ҷаласаи 12-уми Шӯро муаррифӣ карда шуданд.

Оид ба масъалаи мазкур инчунин баромадҳои намояндаи бахши хусусӣ дар Шӯро, роҳбари ширкати сайёҳии “Кафолат” – Музаффар Саймуддинов ва Сафири Фавқулодда ва Мухтори Британияи Кабир дар Тоҷикистон - Робин-Орд-Смит шунида шуданд.

Дар баромадаш Сафири Британияи Кабир, аз ҷумла қайд намуд, ки тӯли чанд соли фаъолияташ дар Тоҷикистон аз манзараҳои дилфиреби сайёҳии мамлакати мо, мавзеҳои дастнораси он, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, 300 рӯзи офтобӣ ва дигар имкониятҳои сайёҳии кишвар таассуроти баланд бардоштааст.

Аз сиёсат ва ташаббуси Президенти мамлакат дар ин самт пуштибонӣ намуда, дастгирии шарикони рушдро ҷиҳати татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда иброз намуд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки "Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги сайёҳӣ мебошад, ки аз мавҷудияти ёдгориҳои гуногуни таърихиву фарҳангӣ, мавзеъҳои нодири тиббиву муолиҷавӣ, кӯҳнавардӣ ва дигар дороиҳое, ки табиат барои мо додааст, бармеоянд.

Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон бо мақсади рушди бахши сайёҳӣ корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Вале ин ҳанӯз моро қаноатманд карда наметавонад. Аз ҷумла пешниҳоди мавзеҳои сайёҳӣ ва тарғибу ташвиқи он, сатҳи хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, тартибу қоидаҳои соддаву осони дастрас намудани раводид, иҷозат ва иҷозатномаҳо, бақайдгирии сайёҳон, омор ва иттилооти бахши сайёҳӣ беҳбудии куллиро тақозо мекунанд.

Ҷиҳати истифодаи пурраи ин захираҳо амалӣ намудани як қатор тадбирҳо тибқи Нақшаи чорабиниҳои пешниҳодгардида бояд анҷом дода шаванд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки баислоҳоти соҳа идома бахшида, саҳми бахши сайёҳӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба таври назаррас баланд бардошта шавад"- хулоса намуданд Раиси Шӯро, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Оид ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа, Роҳбари Ассосиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон - Фарҳод Акбаров баромад намуда, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳониро муаррифӣ намуд.

Боиси тазаккур аст, ки вобаста ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, оғоз аз соли 2009 аз ҷониби Ҳукумати мамлакатислоҳоти муҳим гузаронида шуда истодааст ва андешидани чунин тадбирҳо идома доранд. Дар натиҷаи амалӣ намудани чорабиниҳои зарурӣ, мавқеи ҷумҳурӣ дар баҳогузориҳои байналмилалӣ тадриҷан беҳтар гардида истодааст.

Аз ҷумла тибқи Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ барои соли 2014 як қатор ислоҳоти гузаронидашуда, аз қабили дастрасӣ ба иттилооти қарзӣ тавассути ташкили Бюрои машваратию қарзии «Тоҷикистон» ва соддатару камхарҷ гардонидани раванди андозсупории субъектҳои соҳибкорӣ тариқи паст намудани меъёри баъзе намуди андозҳо ва муттаҳидкунии онҳо ба таври мусбӣ арзёбӣ карда шуданд.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки мувофиқи ҳисоботи мазкур самаранокии мутлақи ислоҳот дар маҷмуъ баланд шуда, ҷумҳурӣ ба сатҳи таҷрибаи беҳтарин дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» ду зина, яъне аз 45,1% то 47,5% наздик гардид.

Вале дар баробари ин, бояд як қатор тадбирҳое анҷом дода шаванд, ки барои боз ҳам беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои ҷумҳурӣ нигаронида шудаанд.

Аз ин рӯ, аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ таҳия карда шуд, ки як қатор чорабиниҳоро мувофиқи ҳар яке аз даҳ нишондиҳандаҳои Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" фаро мегирад. Интизор меравад, ки қабул ва амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои мазкур ба баланд шудани мавқеи Тоҷикистон дар Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" таконе хоҳад бахшид.

Ҳамзамон, таъкид карда шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чорабиниҳои вобаста ба Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" маҳдуд нагардида, гузаронидани ислоҳоти заруриро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва таъмини суботи иқтисодии мамлакат идома медиҳад.

Вобаста ба масъалаи мазкур инчунин Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон - Кристофер Миллер баромад намуда, як қатор таклифу пешниҳодот намуд.

Нисбат ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа, Котиби масъули Шӯро - Қодири Қосим ахборот дода, масъалаи ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондиро дар Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки он аз ҷониби ҳамаи аъзоёни Шӯрои машваратӣ дастгирӣ ёфт.

**Дар хотимаи ҷаласа суханронии ҷамъбастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд.**

Дар суханронии пурмӯҳтавои худ Раиси Шӯро, Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои рӯзномаи ҷаласаро ҷамъбаст намуда, вобаста ба ҳар як масъала фикру андешаҳои худро иброз намуданд.

Аз ҷумла вобаста ба рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон Президенти кишвар қайд намуданд, ки дар Тоҷикистон бо мақсади рушди бахши сайёҳӣ ва ҷалби васеи сайёҳон ба минтақаҳои сайёҳиву таърихии кишвар аз ҷониби Ҳукумати мамлакат корҳои зиёде анҷом дода шудаанд ва дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба мамлакат сол аз сол зиёд гардида истодааст.

Вале ин ҳанӯз моро қаноатманд карда наметавонад. Зеро то ба ҳол пешниҳоди мавзеъҳои сайёҳӣ аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ, аз ҷумла сайругаштҳои сайёҳӣ, боздид аз мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ, табиати зебо ва тарғибу ташвиқи он дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Бинобар ин, вақти он расидааст, ки ширкатҳои сайёҳии ватанӣ на танҳо барои фиристодани сайёҳон ба хориҷи кишвар машғул бошанд, балки бештар сайёҳонро аз хориҷи кишвар даъват намоянд. Чунки сайёҳӣ муаррифкунандаи симои мамлакат буда, одамон дар хориҷи кишвар давлатро, пеш аз ҳама, дар асоси гуфтугӯ бо сайёҳони воқеан ба мамлакат ташрифоварда мешиносанд.

Ғайр аз ин, рушди бахши сайёҳӣ ба соҳаҳои дигари алоқаманд низ манфиати зиёд меорад. Тибқи таҳлилҳои мутахассисон ба ҳисоби миёна ҳар як доллари дар бахши сайёҳӣ сарфшуда ба соҳаҳои дигари алоқаманд се доллари иловагӣ фоида оварда, инчунин аз ҳар як доллари дар бахши сайёҳӣ харҷшуда 91 сенти он дар иқтисоди ватанӣ боқӣ мемонад.

Илова ба ин, Тоҷикистон дар қалби Осиёи Марказӣ ҷойгир буда, метавонад тавассути қаламрави худ барои рафтуомади сайёҳон ба як қатор мамлакатҳои Аврупо, Осиёи Марказиву Ҷанубӣ ва минтақаи Укёнуси Ором мусоидат намояд ва мавқеи худро ҳамчун кишвари транзитӣ барои рушди сайёҳии минтақавӣ устувор намояд.

Бинобар ин, муҳайё сохтани шароити мусоид барои сармоягузорону сайёҳон ва пешниҳоди лоиҳаҳои ҷолиб барои ҳамкориҳои судманд ва бо ин мақсад ба роҳ мондани маданияти баланди хизматрасонӣ зарур мебошад.

Барои ҷалби сармоягузориҳо ба бахши сайёҳии Тоҷикистон дар марҳалаи кунунӣ бояд якчанд мавзеъҳои саёҳатии нодир, яъне мавзеъҳое, ки дар ҷаҳон танҳо хоси кишвари мо мебошанд, муайян карда шуда, барои ба сатҳи муосири сайёҳӣ расонидани онҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Дар ин самт бояд бахшҳои давлативу хусусӣ бо ҷалби шарикони рушд иқдомоти худро ҳамоҳанг намуда, барои рушди мавзеъҳои сайёҳии интихобшуда заминаҳои зарурии иқтисодӣ ва ҳуқуқиро фароҳам оранд.

Дигар масъалаи муҳими соҳа - дар сатҳи баланд таъмин намудани хизматрасонии мусофирон, аз ҷумла сайёҳон дар фурудгоҳҳои мамлакат ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ба шумор меравад. Дар ин самт то имрӯз аз ҷониби мақомоти марбута корҳои муайян амалӣ карда шудаанд.

Вале, мутаассифона, то ҳол сатҳи хизматрасонии мусофирон, аз ҷумла сайёҳон дар фурудгоҳҳои байналмилалии кишвар ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ тибқи талаботи муосир ба роҳ монда нашудааст. Аз ҷумла назорати сарҳадию гумрукӣ, интиқоли бағоҷи мусофирон ва хизматрасонӣ дар толорҳои фурудгоҳҳо беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд.

Ҳамчунин гаронии арзиши чиптаҳо, хизматрасонӣ дар дохили тайёраҳо ва корҳое, ки ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар фурудгоҳҳо вобастагӣ доранд, беҳбудии куллиро тақозо мекунанд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки тамоми мақомоти марбута, аз ҷумла кормандони фурудгоҳҳо, гузаргоҳҳои сарҳадиву гумрукӣ, корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти дахлдор вазифаҳои худро аз сидқи дил иҷро намуда, дар амал меҳмоннавоз будани халқи тоҷикро нишон диҳанд.

Инчунин Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ қайд намуданд, ки дар заминаи таҳлили вазъи сайёҳӣ дар кишвар лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст.

Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои мазкур як қатор тадбирҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлати Ҳукумати Тоҷикистонро вобаста ба беҳтаргардонии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ, аз ҷумла хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, раводид ва бақайдгирии сайёҳон, иҷозат ва иҷозатномаҳо барои ширкатҳои сайёҳиву сайёҳон ва омори бахши сайёҳӣ дар бар мегирад.

Тибқи пешгӯии коршиносон дар сурати татбиқи пурраи Нақшаи чорабиниҳои мазкур, саҳми мустақими бахши сайёҳӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар то соли 2020 то ба 5 фоиз ва саҳми ғайримустақими он барои рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёт то 15 фоиз расонида мешавад.

Вобаста ба масъалаи сеюми рӯзномаи ҷаласа Раиси Шӯро қайд намуданд, ки аз ҷониби Котиботи Шурои машваратӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кишвар дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ таҳия карда шудааст, ки он идомаи мантиқии ислоҳоти дар ин самт гузаронидашуда мебошад.

Мақсади асосии татбиқи Нақшаи чорабиниҳои мазкур беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт тавассути содда гардонидани оғози фаъолияти соҳибкорӣ, дастрас намудани иҷозатҳо, бақайдгирии моликият, дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ, ҳимояи сармоягузорон, маъмурикунонии андоз, аз байн бурдани баъзе монеаҳои сунъӣ ва ғайра ба шумор меравад, ки сари вақт амалӣ намудани онҳо, дар навбати худ нишондиҳандаҳои байналмилалии мамлакатро ба таври назаррас беҳтар менамояд. Бояд гуфт, ки баланд бардоштани нишондиҳандаҳои кишвар дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ барои вусъат пайдо кардани ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мусоидат менамояд. Зеро мусаллам аст, ки сармоягузорони хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии молиявӣ ба кишварҳои беҳтарини ислоҳотгар таваҷҷӯҳи хоса доранд.

Оид ба банди ниҳоии рӯзномаи ҷаласа Президенти кишвар зикр намуданд, ки ташкили бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ, яке аз бахшҳои муҳиме мебошад, ки метавонад барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва муҳайё гардонидани сармояи озод ба соҳибкорон кӯмак намояд.

Ҳарчанд дар мамлакат асосҳои ҳуқуқӣ барои ташаккули бозори аввалияи коғазҳои қиматнок муҳайё карда шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» ва дигар санадҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, вале боз ҳам тақвият бахшидани заминаҳои рушди соҳа мувофиқи мақсад аст.

**Дар асоси нуктаҳои баёнгардида, аз ҷониби Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақомот ва масъулини дахлдор ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои зайл дода шуданд:**

1. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ:

- якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва бо ҷалби шарикони рушд барои муайян намудани 4 мавзеъи сайёҳӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ намудани онҳо,

таҳия ва тарғибу ташвиқи бастаҳои маҳсулоти рақобатпазири сайёҳии мамлакат, марҳила ба марҳила гузаштан аз низоми иҷозатномадиҳии ширкатҳои сайёҳӣ ба низоми муосири баҳогузории сатҳи хизматрасонии онҳо тадбирҳои фаврии амалӣ андешад;

- ❖ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи туризм» дар таҳрири нав таҳия намояд ва дар мӯҳлатҳои муқарраргардида барои баррасӣ пешниҳод кунад.

2. Вазорати нақлиёт, Хадамоти гумрук, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ дар ҳамкорӣ бо намояндагиҳои ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ҷиҳати иҷрои корҳои зерин чораҳои таъхирнопазирро амалӣ намоянд:
   - ❖ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани сатҳи хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо, дохили ҳавопаймоҳо ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ;
   - ❖ азнавтаҷҳизонии компютерҳо, барномаҳои компютерӣ ва дигар таҷҳизоти азназаргузаронии мусофирон дар фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, аз ҷумла харид ва насб намудани таҷҳизот ва барномаи махсуси муттаҳида, ки ҳангоми вуруд ва судури сайёҳон онҳоро ба қайд гирифта, ба таври автоматӣ ба ҳамаи сохторҳои қудратӣ, амниятӣ ва оморӣ паҳн мекунад;
   - ❖ таъсиси комиссияи мустақил барои баҳогузории сатҳи тахассуснокии кормандони сохторҳои хизматрасонии фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва ба тариқи озмун ба кор қабул намудани кормандони нав;
   - ❖ таҷдиди назар намудани арзиши чиптаҳои ҳавопаймоӣ;
   - ❖ зиёд намудани хатсайрҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон ҳамчун кишвари транзитӣ.
3. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, дохилӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва Агентии омор ҷиҳати таҷдиди назар намудани низомҳои гуногуни раводид ва ба роҳ мондани низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳои сайёҳон барои гирифтани раводид, ташкили равзанаи алоҳида барои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ дар Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ, ба роҳ мондани механизмҳои муосири омори сайёҳӣ ва дуруст ҳисобу китоб намудани вуруду судури сайёҳон ва таъсири он ба рушди сайёҳии мамлакат тадбирҳои зарурии фаврӣ андешанд.
4. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:
   - а) якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳиро бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намояд;
   - б) якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳониро бо дарназардошти пешниҳоди намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд такмил дода, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод кунад;
   - в) якҷо бо дигар вазорату идораҳо барои фаъолияти пурсамар ва ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидани Шӯро ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ тадбирҳои зарурӣ андешад;
   - г) назорати татбиқи пурраи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро вобаста ба танзими низоми иҷозатдиҳӣ таъмин намояд.

5. Вазорату идораҳои марбута барои мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии худ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», ҷиҳати тариқи электронӣ ба роҳ мондани тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва мукаммалгардонии фаъолияти Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ чораҳои зарурӣ андешида, фаъолияти худро дар ин самт бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг кунанд.
6. Вазорати маориф ва илм, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои баландихтисоси бахши сайёҳӣ дар хориҷи мамлакат, аз ҷумла тавассути ҷудо намудани квотаҳои Президентӣ тадбирҳо андешанд.
7. Бонки миллӣ якҷо бо вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ таҳлили ҳамаҷониба доир намояд ва натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои ояндаи Шуро пешниҳод кунад.
8. Ба шарикони рушд тавсия дода мешавад, ки:
   а) ҷиҳати дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ мондани хизматрасонии мусофирон дар фурудгоҳҳои байналмилалии мамлакат ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ кӯмакҳои худро бештар намоянд;
   б) оид ба татбиқи пурсамари Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ кӯмакҳои амалӣ расонанд;
   в) ба мутахассисони бахши сайёҳӣ оид ба омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи сайёҳӣ дар хориҷи кишвар курсҳои кӯтоҳмуддат ташкил кунанд.

## 2. ДАСТОВАРДҲОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ ДАР СОЛИ 2013

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар соли 2013 дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ як қатор масъалаҳои муҳими рушди фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд, ки татбиқи босамари онҳо, бешубҳа, барои тақвият бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар ин самт мусоидат намуда истодаанд. Аз ҷумла фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар давраи ҳисоботӣ ба самтҳои зерин равона гардида буд:

- тақвият бахшидани низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ;
- беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ;
- идомаи ислоҳоти низоми андозбандӣ;
- ҳимоя ва дастгирии соҳибкорон ва сармоягузорон;
- рушди муколамаи давлат бахши хусусӣ;
- идомаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ;

Дар самтҳои мазкур Шӯрои машваратӣ дар давраи ҳисоботӣ ба дастовардҳои назаррас ноил шуд, ки онҳоро дар алоҳидагӣ ба таври муфассал дида мебароем.

### 2.1. Тақвият бахшидани низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ

Тавре қайд гардид, тақвият бахшидани низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз самтҳои фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар радифи ислоҳоти иқтисодӣ оид ба беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ амалӣ гардонида мешавад.

Бо мақсади татбиқи босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» аз 28 декабри соли 2012, №907 тибқи нақшаи чорабиниҳо корҳои назаррас ба сомон расонида шуданд. Аз ҷумла моҳи июли соли ҷорӣ бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва Муассисаи давлатии Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсис дода шуда, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ тасдиқ карда шуд.

Қайд кардан муҳим аст, ки яке аз вазифаҳои асосии Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ баррасӣ ва қабули лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Ҳайати Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз инҳо иборат мебошад:

- Раис – Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Раис – Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Аъзои Шӯро:

- Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Раиси Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Директори Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Директори Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ”- Котиби Шӯро;
- Роҳбари мақомоти марказӣ ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки барои бастани созишнома бо шарикони хусусӣ дар доираи

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон“Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ваколат дорад (узви муваққатӣ).

Фаъолияти пурсамари Шӯро ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои интихоб ва татбиқи бомуваффақи лоиҳаҳои инфрасохторӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мусоидат хоҳад кард.

## 2.2. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ

Ислоҳоти фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар соли 2013 мебошад. Ин ислоҳот бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати омӯзиш, таҳлил ва пешниҳоди тавсияҳо барои рушди минбаъдаи бахши сайёҳӣ дар ҷаласаи 10-уми Шӯро оғоз гардид. Дар ин замина бо қарори Котиби масъули Шӯрои машваратӣ, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.03.2013 таҳти №32 гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ бо мақсади иҷро намудани қарори протоколии ҷаласаи  10-уми Шӯрои машваратӣ, тавсияҳои Конфронси миллии сайёҳӣ ва инчунин ҷиҳати ҳамоҳангсозии кӯмакҳои техникии шарикони рушд баҳри рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Гуруҳи корӣ бо ҷалби шарикони рушд дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла: а) хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо, дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва омӯзиши хадамоти хизматрасонии муштариён; б) раводид ва бақайдгирӣ; в) иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ; г) омор ва маълумот ва  д) дигар ҷанбаҳои бахши сайёҳӣ таҳлили ҳамаҷониба гузаронида дар бахшҳои зикргардида асосан вазъи кунунӣ ва мушкилоти соҳаро мавриди омӯзиш қарор дод.

Гуруҳи корӣ дар ҳайати намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ бо ҷалби шарикони рушд барои иҷрои вазифаҳои худ фаъолияти пурсамар намуд. Аз ҷумла ба ғайр аз гузаронидани таҳлил дар самтҳои мухталифи сайёҳӣ ба ҶСК “Фурудгоҳи Байналмилалии Душанбе”, Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ, Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилӣ ва Агентии омор сафарҳои корӣ намуда, аз вазъи хизматрасонии ин сохторҳо ба сайёҳон аз наздик шинос шуд.

Дар натиҷаи фаъолияти пурсамари гурӯҳи корӣ ҳуҷҷати таҳлилии «Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон» бо тавсияҳои мушаххас ва дар асоси он лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таҳия гардида, дар ҷаласаи 12-уми  Шӯро муаррифӣ карда шуданд.

Модели номбурда аз се ҷанбаи асосӣ - маркетинг, дастрасӣ ва таҳияи маҳсулот иборат аст, ки онҳо дар навбати худ ба 10 қисми асосӣ, яъне тадқиқоти бозор, тарғибот ва фуруши маҳсулоти сайёҳӣ, нигоҳдории тамос бо сайёҳон, нақлиёт ва сарҳадот, раводид, иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатҳо барои сайёҳон ва ширкатҳои сайёҳӣ, сабади маҳсулоти сайёҳӣ, сифати он, омӯзиш ва омору иттилооти соҳа тақсим мешаванд. Дар маҷмуъ модели номбурда 49 тавсияро оид ба рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар бар мегирад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ як қатор тадбирҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлати Ҳукумати Тоҷикистонро вобаста ба беҳтаргардонии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ, аз ҷумла хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, раводид ва бақайдгирии сайёҳон, иҷозат ва иҷозатномаҳо барои ширкатҳои сайёҳиву сайёҳон ва омори бахши сайёҳӣ дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки татбиқи самараноки тавсияҳои номбурда аз ҳамаи ҷонибҳо, аз ҷумла мақомоти давлатӣ, ширкату ассосиатсияҳои сайёҳӣ, васоити

ахбори омма, шарикони рушд ва ҳатто аҳолии кишвар дарки баланди масъулият ва ҳамкории судмандро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, вобаста ба масъалаи мазкур аз ҷониби Раиси Шӯро, Президенти ҷумҳурӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 12-уми Шӯро ба масъулин ва вазорату идораҳои марбутаи бахши сайёҳӣ барои идома бахшидан ба  ислоҳоти соҳа, ба таври назаррас баланд бардоштани саҳми бахши сайёҳӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва амалӣ намудани як қатор тадбирҳо тибқи Нақшаи чорабиниҳои пешниҳодгардида дастуру супоришҳои дахлдор дода шуд (нигаред ба зерқисми 1.2. саҳифаҳои 17-19).

Итминон карда шуд, ки қабул ва татбиқи Нақшаи чорабиниҳои мазкур ба рушди устувори бахши сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ва бархурдор шудан аз манфиатҳои он таконе хоҳад бахшид.

### 2.3. Беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ

Боиси тазаккур аст, ки вобаста ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, оғоз аз соли 2009 аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ислоҳоти муҳим гузаронида шуда истодааст ва андешидани чунин тадбирҳо идома доранд.

Бинобар ин, тавре қаблан қайд гардида буд, дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Котиботи Шурои машваратӣ якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ боназардошти фикру мулоҳизаҳои соҳибкорон ва шарикони рушд лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кишвар дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ таҳия гардида, ба ҷаласаи 12 –уми Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шуд.

Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои мазкур, як қатор чорабиниҳоро ҷиҳати беҳтар намудани ҳар яке аз даҳ нишондиҳандаҳои  Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» фаро гирифта ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт тавассути содда гардонидани оғози фаъолияти соҳибкорӣ, дастрас намудани иҷозатҳо, бақайдгирии моликият, дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ, ҳимояи сармоягузорон, маъмурикунонии андоз, аз байн бурдани баъзе монеаҳои сунъӣ ва ғайра нигаронида шудааст.

Бояд гуфт, ки қабул ва сари вақт амалӣ намудани Нақшаи чорабиниҳо ба баланд шудани мавқеъ ва нишондиҳандаҳои байналмилалии ҷумҳурӣ дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ва вусъат пайдо кардани ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мусоидат менамояд.

Аз ин лиҳоз дар ҷаласаи 12-уми Шӯро аз 13 декабри соли 2013 ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Тоҷикистонро оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ бо дарназардошти пешниҳоди намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд такмил дода бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд (нигаред ба зерқисми 1.2. саҳифаҳои 18-19). Тибқи нишондоди бандҳои Нақшаи чорабиниҳо лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳиягардида дар мӯҳлатҳои муқарраргардида бояд мувофиқа ва қабул карда шаванд.

Инчунин аз намояндагони шарикони рушд хоҳиш карда шуд, ки дар ҷараёни иҷрои Нақшаи чорабиниҳои мазкур ва дигар тадбирҳо ҷиҳати беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ширкати фаъолона дошта бошанд.

### 2.4. Идомаи ислоҳоти низоми андозбандӣ

Тавре ҳамагон медонанд, аз ҷониби Комиссияи давлатӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ, Кодекси андози Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия гардид, ки амали он аз оғози соли 2013 шурӯъ карда шуд. Ҳамзамон тибқи Паёми Президенти ҷумҳурӣ ба Маҷлиси Олии мамлакат баъзе муқаррароти Кодекси андоз ҳоло ҳам таҳлили ҳаматарафаро талаб менамояд ва сохтору мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҷиҳати омӯзиш ва такмили онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Вобаста ба ин соҳибкорон низ дар ҷаласаи 11-уми Шӯро нисбати баъзе мушкилоти Кодекси андози нав изҳори нигаронӣ намуданд. Аз ин рӯ дар ҷаласаи 11-уми Шӯро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки вобаста ба муроҷиати соҳибкорон оид ба таъсири Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар заминаи Кодекси мазкур қабул гардидаанд, аз ҷумла "Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият мекунанд" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз августи соли 2012, №451) ба рушди соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ ба рушди иқтисодии мамлакат таҳлилҳои ҳамаҷониба гузаронида аз натиҷааш ба ҷаласаҳои оянда Шӯро ахборот манзур намоянд.

Инчунин бо мақсади омӯзиш, таҳлил ва такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармоиши Вазири молия аз 19.07.2013, №71) гурӯҳи кории доимоамалкунанда таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст.

Вобаста ба ин, тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», қабул карда шуд, ки пурра ба дастгирии соҳибкорон равона карда шудааст.

Тибқи тағйироту иловаҳои қабулшуда, номгӯи фаъолиятҳои соҳибкорие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, васеъ гардида маблағи патент низ вобаста ба шакли фаъолияти соҳибкорӣ то андозае паст карда шуд. Ҳамзамон баъзе андозҳо бекор карда шуда ба истеҳсолкунандагони гушти мурғ, тухм ва хуроки чорво имтиёзҳо пешниҳод гардиданд, ки ин тадбирҳо барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат хоҳанд кард.

### 2.5. Ҳимоя ва дастгирии соҳибкорон ва сармоягузорон

Тавре қаблан қайд гардид, ҷиҳати рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат ислоҳоти ҷиддӣ гузаронида шуда ин раванд мунтазам идома дорад. Аз ҷумла дар самти ҳимоя ва дастгирии соҳибкорон ва сармоягузорон яке аз ташаббусҳои навбатӣ ин таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар таҳрири нав мебошад, ки дар ҷаласаи 11-уми Шӯро баррасӣ гардида, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ гардид.

Аз мӯҳтавои лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар таҳрири нав бармеояд, яке аз вазифаҳои асосии татбиқи қонуни мазкур таъмини асосҳои ҳуқуқии ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонию танзими давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро муқаррар менамояд. Тибқи муқаррароти ин қонун дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар самтҳои зерин амалӣ мегардад:

- беҳтар намудани қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои танзими соҳибкорӣ;
- таъсис ва рушди марказҳои дастгирии соҳибкорӣ, бизнес-инкубаторҳо, майдончаҳои технологӣ, минтақаҳои саноатӣ ва дигар иншоотҳои инфрасохтори соҳибкорӣ;
- таъмини методологӣ-таълимӣ, илмӣ-методӣ ва иттиллоотии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ;

- дастгирии молиявии соҳибкорӣ.

Яке аз самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ин дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкорӣ мебошад. Тибқи қонуни мазкур ин шарт тариқи пешниҳоди грантҳои давлатӣ барои ташкил ва татбиқи лоиҳаҳои аҳамияти иҷтимоидошта дар соҳаҳои иқтисодиёт, пешниҳоди грантҳои давлатӣ барои рушди соҳибкорӣ дар байни занҳо, татбиқи барномаҳои махсуси сармоягузорӣ, қисман бо кафолати давлатӣ таъмин намудани қарзҳои субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла тавассути Фонди дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ки бастаи назоратии саҳмияҳояш ба давлат таалуқ дорад, амалӣ мегардад.

Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» бо мақсади боз ҳам васеътар намудани дастрасии соҳибкорон ба захираҳои қарзӣ, бо супориши Президенти ҷумҳурӣ дар ҷаласаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъсис дода шуд, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо маблағгузорӣ карда мешавад. Мақсади асосии фонди мазкур дастгирии молиявии соҳибкорон ва пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок бо фоизҳои мусоид мебошад.

Тибқи талаботи қонуни мазкур давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

## 2.6. Рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ

Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои таъсис ва ташаккули муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ низ заминаи мусоид фароҳам оварда, ҷиҳати рушди бемайлони он суръати тоза бахшида истодааст. Дар ин радиф шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, водии Рашт, ноҳияи Фархор, шаҳрҳои Кӯлоб, Истаравшан, Исфара ва Панҷакент таъсис дода шуда, фаъолияти пурсамар менамоянд.

Мақсади асосии шӯроҳои минтақавӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти шаҳру ноҳияҳо мебошад, ки ҳамзамон ба некӯаҳволии сокинон, ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ ва таҳкими ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ равона карда мешавад. Фаъолият дар ин самт, пеш аз ҳама бо он алоқаманд аст, ки ташкил ва устуворсозии муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ ба пайгирӣ кардан ва баҳо додани натиҷаҳои ислоҳот ва натиҷаҳои он на танҳо дар марказ, балки дар маҳалҳо низ имкон медиҳад.

Дар ин радиф, фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ дар заминаи таҷрибаи самараноки Шӯрои миллӣ ба роҳ монда шуда масъалаҳое, ки дар доираи салоҳияти Шӯроҳои минтақавӣ баррасӣ карда намешаванд, барои баррасӣ ба Шӯрои миллӣ пешниҳод карда мешаванд.

### ♦ Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

Санаи 15 августи соли 2013 ҷаласаи панҷуми Шӯрои машваратии назди Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ гузаронида шуд. Дар он чунин масъалаҳои муҳим баррасӣ карда шуданд, аз ҷумла:

1. Таҳлили вазъи бахши сайёҳӣ ва таҳияи иловаҳо ба Барномаи рушди сайёҳии вилоят.

2. Омодагӣ ба Анҷумани байналмиллалии иқтисодӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.
3. Пешниҳод ва муҳокимаи таклифҳо оид ба масъалаи лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро.

Дар кори ҷаласа Раиси ВМКБ, котиби масъули Шӯрои машваратии назди Раиси ВМКБ, котиби масъули Шӯрои машваратии назди Раиси Вилояти Хатлон, аъзоёни Шӯрои машваратӣ, роҳбарони сохторҳои марбутаи Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии вилоят, намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ ширкат варзиданд.

Вобаста ба масъалаҳои баррасигардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

**♦ Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон**

Дар таърихи 31 июли соли 2013 ҷаласаи чоруми Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар назди Раиси вилояти Хатлон баргузор гардид. Дар ҷаласа масъалаҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

- Ҷойивазкунии аъзои Шӯрои машваратӣ ва тасдиқи ҳайати нави Шӯро;
- Гузориш оид ба муаррифии натиҷаи омӯзиш ва пешниҳодоти гурӯҳи корӣ дар мавзӯи истифодабарии самараноки об дар хоҷагиҳо;
- Пешниҳодоти гурӯҳи корӣ оид ба бартараф намудани монеаҳо ва мушкилот дар самти рушди сайёҳӣ дар вилояти Хатлон;
- Баррасии лоиҳаи нақшаи фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар нимсолаи дуюми соли 2013;
- Баррасии масъалаҳои лоиҳаи рузномаи ҷаласаи панҷуми Шӯрои машваратӣ.

Дар хотимаи ҷаласа аз ҷониби Раисикунандаи ҷаласаи Шӯрои машваратӣ, муовини Раиси вилоят, Р. Раҷабов бо назардошти муҳокимаи масъалаҳои рузномаи ҷаласа ба намояндагони масъули мақомоти давлатӣ супоришу тавсияҳои дахлдор дода шуд.

**♦ Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Суғд**

Дар таърихи 3 апрели соли 2013 дар Қасри Арбоби ш. Хуҷанд ҷаласаи чоруми Шӯрои машваратии назди Раиси вилояти Суғд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ баргузор гардид.

Нишасти мазкурро Раиси вилоят ва ҳамзамон раиси Шӯро Қ. Расулзода ифтитоҳ намуда, нахуст тибқи рӯзнома аъзоёни нави Шӯроро муаррифӣ кард.

Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилоят, Қ. Расулзода аз мавқеи бахши сайёҳӣ дар тараққиёти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ёдовар шуд.

Дар кори ҷаласа инчунин ахбороти сардори Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии вилоят оид ба рафти иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, гузориш ва муҳокимаҳо дар мавзӯи «Рушди бахши туризм» ва пешниҳоди лоиҳаи рӯзномаи кории ҷаласаи панҷуми Шӯрои машваратӣ шунида шуд. Иштирокдорон ҳамчунин перомуни вазъияти сайёҳӣ, муаммову монеаҳои он дар вилояти Суғд ва имкониятҳои инфрасохторҳои саёҳии вилоят сӯҳбат намуданд.

Мавриди зикр аст, ки дар кори ҷаласа роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, раисони шаҳру ноҳияҳо, намояндагони ташкилотҳои байналхалқӣ, ташкилоту муассисаҳои сайёҳӣ, роҳбарони ассотсиатсияҳо, меҳмонон - намояндагони вилоятҳои Хатлон, Кӯҳистони

Бадахшон, ноҳияҳои тобеи марказ ва намояндагони васоити ахбори умум иштирок доштанд.

Дар хотимаи ҷаласа вобаста ба масъалаҳои баррасигардида, қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд.

**♦ Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт**

Хурсандиовар аст, ки соли ҷорӣ бо ташаббуси навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт таъсис дода шуда, 13 сентябри соли 2013 ҷаласаи якуми он баргузор гардид. Мақсади таъсиси Шӯро ин беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо ба минтақаи Рашт, ба роҳ мондан ва ташаккули муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар минтақа, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба ин васила баланд бардоштани некӯаҳволии мардуми ин водӣ ба шумор меравад.

Бо розигии Президенти ҷумҳурӣ, Раиси Шӯро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар водии Рашт, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон Котиби масъули Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таъин карда шуд.

Итминон карда мешавад, ки Шӯрои навтаъсис дар водии Рашт дар радифи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва шӯроҳои дигари минтақавӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои ташаккули муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар минтақаи Рашт, беҳтаргардонии фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ва баррасӣ намудани масъалаҳои мубрами рушди соҳибкориву сармоягузорӣ, ки аз ҷониби соҳибкорони минтақа пешниҳод карда мешаванд, мусоидат хоҳад кард.

Дар маҷмӯъ, дар зарфи солҳои Истиқлолият давлат ва ҳукумати мамлакат ҷиҳати барқарорсозӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоии водии Рашт таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда истодааст, ки дар натиҷа ин гӯшаи Ватанамон имрӯз ба як диёри ободу зебо табдил ёфтааст.

**♦ Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар шаҳри Кӯлоб**

Дар таърихи 20 июни соли 2013 ҷаласаи Шӯрои машваратии назди Раиси шаҳри Кӯлоб оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ таҳти раёсати Раиси шаҳри Кӯлоб, Раиси Шӯрои машваратӣ Абдуғафор Раҳмонов доир гардид. Дар ҷаласа намояндагони мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ширкат намуданд.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Завқиҷон Завқиев дар ҷаласа иштирок намуда, оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Шӯрои машваратии назди Раиси шаҳри Кӯлоб оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ баромад намуд ва вобаста ба мавзӯи мазкур таклифу пешниҳодоти муфид манзур кард.

Дар ҷаласа иштирокчиён оид ба мавзӯҳои баррасишаванда фикру андешаҳои худро иброз дошта, вобаста ба ин қарорҳои дахлдори Шӯро қабул гардид.

**♦ Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии шаҳри Истаравшан**

Ҷаласаи аввалини Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии назди Раиси шаҳри Истаравшан рӯзи 28 январи соли 2013 баргузор гардид. Дар ҷаласаи нахустин масъалаҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтанд:

- Шиносоӣ бо Шӯрои машваратӣ: мақсад, вазифаҳо ва аъзои он.
- Баррасии Низомномаи Шӯрои машваратӣ.
- Маълумот оид ба натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳри Истаравшан барои соли 2012.
- Баррасии натиҷаҳои фаъолияти Нозироти андози шаҳри Истаравшан дар соли 2012 ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав.

Оид ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои зарурӣ қабул гардиданд.

**♦ Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии шаҳри Исфара**

Ҷаласаи аввалини Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии назди Раиси Исфара рӯзи 1 феврали соли 2013 гузаронида шуда, дар он масъалаҳои зерин баррасӣ карда шуданд:

- Баррасии мақсад, вазифаҳо ва Низомномаи Шӯрои машваратӣ;
- Муҳокимаи натиҷаҳои иқтисодию иҷтимоии шаҳри Исфара дар соли 2012.
- Баррасии Барномаи рушди шаҳри Исфара барои солҳои 2013-2017;
- Сӯҳбати озод оид ба масъалаҳои андоз ва содироти маҳсулоти хушконидашуда.

Вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои зарурӣ қабул гардиданд.

**♦ Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии шаҳри Панҷакент**

Шӯрои машваратӣ оид ба рушди иқтисодии Раиси шаҳри Панҷакент дар асоси Қарори Раиси шаҳри Панҷакент таҳти № 493 аз 30 октябри 2012 таъсис дода шуда, ҷаласаи аввали он 5 маи соли 2013 гузаронида шудааст. Дар ҷаласаи аввалини Шӯро масъалаҳои зерин мавриди муҳокима қарор гирифтанд:

- Баррасии лоиҳаи Низомнома ва сохтори Шӯрои машваратӣ.
- Баррасии ҳолати иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент дар семоҳаи соли 2013.
- Баррасии раванди амалигардонии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Панҷакент барои солҳои 2011-2015.
- Баррасии Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ».

Вобаста ба ҳар як масъалаи дар ҷаласа баррасишуда, қарорҳои зарурӣ қабул гардиданд.

**♦ Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ноҳияи Фархор**

Шӯрои машваратии назди Раиси ноҳияи Фархор оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соли 2013, 2 ҷаласаи худро гузаронид.

Дар ҷаласаҳои Шӯро масъалаҳои таъсиси корхонаҳои истеҳсолии коркарди шир, корхонаи истеҳсолии коркарди меваю сабзавот, сохтани чойхонаи миллӣ ва ошхонаю меҳмонхона дар қаламрави ноҳия мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Соҳибкорон ваъда доданд, ки дар сурати аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷудо намудани замин пешниҳодҳоро дастгирӣ менамоянд.

Шӯрои машваратии назди раиси ноҳияи Фархор оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ барои ҷалб кардани соҳибкорон ҷиҳати сохтани корхонаҳои хурду миёна, ташкили ҷойҳои навӣ корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳия тамоми чораҳоро заруриро андешида истодааст.

Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таҳлили фаъолияти шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мунтазам гузаронида шуда ва натиҷаҳои он ба тавсияҳо ҷиҳати боз ҳам беҳтар ва самаранок намудани фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ ба ҷаласаҳои оянда Шӯро пешниҳод карда мешавад.

### 2.7. Ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ

Яке аз дастовардҳои дигари Шӯрои машваратӣ ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ дар мамлакат мебошад, ки аз соли 2008 оғоз гардида, се соли охир пурра татбиқ гардида истодааст. Сабаби асосии амалигардонии ислоҳоти мазкур нишондиҳандаҳои пасти байналмиллалии ҷумҳурӣ дар самти фазои сармоягузорӣ мебошад, ки бинобар сабаби танзими зиёди давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд омадааст.

Аз ин рӯ ҷиҳати боз ҳам осон ва содда намудани оғози фаъолияти соҳибкорӣ, ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ дар соли 2013 идома ёфта, бо назардошти пешниҳоди соҳибкорон дар ҷаласаи 10-уми Шӯро ва Нақшаи кории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мониторинги иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»дар 16 мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва 68 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шуд.

Дар натиҷаи санҷиши фаъолияти 13 мақомоти марказии иҷозатдиҳанда маълум шуд, ки аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Қонун аз ҷониби ин мақомотҳо 7 701 ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла 5 999 ҳуҷҷат ба мӯҳлати номаҳдуди амал, 973 ҳуҷҷат ба мӯҳлати амали иҷозатнома ва 2 811 ҳуҷҷат ба дигар мӯҳлат дода шудаанд.

Дар баробари ин ҷиҳати ба тариқи электронӣ ба роҳ мондани тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилҳо гузаронида шуда, корҳои амалӣ ба нақша гирифта шудааст.Таҳлилҳо собит сохтанд, ки на ҳамаи мақомоти иҷозатдиҳанда, ки ба унвонии Кумита маълумот ирсол намудаанд сомонаи расмӣ ва суроғаи электронии худро доранд, ки ин амал барои татбиқи ҳадафҳои қонунгузории низоми иҷозатдиҳӣ монеаи сунъӣ ба вуҷуд меорад.

Тибқи натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, аз ҷумла ҷиҳати боз ҳам коҳиш додани шумораи иҷозатҳо, тариқи электронӣ ба роҳ мондани тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ таҳлилҳо гузаронида шуда, корҳои амалӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Вобаста ба идомаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар ҷаласаи 12-уми Шӯро аз 13 декабри соли 2013 Президенти мамлакат таъкид намуданд, ки "иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро оид ба татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими низоми иҷозатдиҳӣ пурра таъмин карда шаванд.

Аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» мутобиқ карда шуда, ҷиҳати тариқи электронӣ ба роҳ мондани тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва мукаммалгардонии фаъолияти Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ чораҳои зарурӣ андешида шаванд".

## 3. ОҒОЗИ ИСЛОҲОТ ДАР САМТҲОИ ГУНОГУН

Қайд намудан зарур аст, ки дар давраи ҳисоботӣ дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ якчанд ислоҳоти муҳим оғоз ёфт. Ин ислоҳот ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта, ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат ва мусоидат ҷиҳати шомилшавии Тоҷикистон ба "Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961" нигаронида шудаанд. Ба таври муфассал оид ба моҳият, мақсад ва вазъи ислоҳот дар бахшҳои минбаъдаи ҳисоботи мазкур маълумот пешниҳод карда мешавад.

### 3.1. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта

Яке аз масъалаҳои асосии рушди соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ дар сатҳи нокифояи рушд қарор доштани бахши суғурта ва номукаммал будани заминаи меъёрию ҳуқуқии он мебошад. Аз ин лиҳоз қобили қайд аст, ки дар марҳилаи кунунӣ мавҷуд будани низоми устувори суғурта омили муҳими рушди фаъолияти сармоягузориву соҳибкорӣ ва ворид гардидани маблағҳои бештар ба буҷети давлат маҳсуб мегардад.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати рушди соҳа корҳои муайяне анҷом дода шудаанд. Як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртакунонӣ» қабул гардиданд, ки ба рушди соҳа мусоидат намуда истодаанд.

Вале, заминаи меъёрию ҳуқуқӣ барои рушди бахши суғурта то ҳол номукаммал боқӣ мондааст ва ҷараёни рушди соҳаи суғурта, ки омили муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, мувофиқи матлаб сурат намегирад. Дар соли 2012 дар ҷумҳурӣ 14 ширкатҳои хусусӣ, 2 ширкати давлатӣ ва 1 ширкати миёнарави суғуртавӣ фаъолият намуданд, ки тамоми шаклҳои суғурта ва минтақаҳои ҷумҳуриро фарогир нестанд.

Агар ба таҷрибаи мамлакатҳои дунё дар ин самт назар кунем, маълум аст, ки шаклҳои гуногун ва самараноки суғурта аз қабили суғуртакунонии саломатӣ, амвол, ҳодисаҳои фавқулодда, мусофирони нақлиёти ҳавоӣ ва заминӣ, борҳо ва боркашонӣ, хатари фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои гуногун ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Рушди самараноки шаклҳои зикргардидаи суғуртакунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои ривоҷу равнақи фаъолияти соҳибкорӣ ва ворид гардидани маблағҳои иловагӣ ба буҷет мусоидат хоҳад намуд.

Фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта ва фаъолияти пурсамари ширкатҳои рақобатпазири суғуртавӣ имкон медиҳанд, ки маблағҳои аз ҳисоби суғурта ҷамъоваришуда барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт сармоягузорӣ карда шаванд.

Вобаста ба ин, гузаронидани ислоҳот дар самти мусоид намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши суғурта бо мақсади рушди фаъолияти суғуртавӣ, таъсиси ширкатҳои рақобатпазири бахши суғурта ва бештар намудани воридоти маблағ ба буҷети ҷумҳурӣ аз ҳисоби суғурта, доир намудани таҳлилҳои чуқур ва таҳияи тавсияҳо оид ба ташаккули бахши мазкур дар ҷумҳурӣ аҳамияти бузург дорад.

Аз ин рӯ, мувофиқи банди 4 Протоколи ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ки дар таърихи 30-юми апрели 2013 баргузор гардид, супориш дода шуд, ки «вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия якҷо бо вазорату идораҳои марбута, бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳлили зарурӣ гузаронида,

натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод намоянд».

Дар ин асос ҷиҳати иҷрои пурраи ин банди Протоколи ҷаласаи 11-уми Шӯро дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва намояндагони бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд гуруҳи корӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худро идома дода истодааст.

Айни замон, аз ҷониби гуруҳи корӣ як қатор тавсияву пешниҳодот ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта омода карда шудааст.

Котиботи Шӯро дар навбати худ дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши масъалаи мазкур як қатор тавсияҳоро ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод намуд.

### 3.2. Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат

Соли сипаригашта дар самти рушди соҳаи қарзию молиявии кишвар корҳои мушаххасе анҷом дода шуданд. Ҷиҳати такмил ва мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба стандартҳои байналмиллалӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ин соҳа як қатор қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардиданд.

Дар идомаи дастовардҳои Шӯро оид ба баланд бардоштани обрӯю нуфузи мамлакат дар миқёси байналмилалӣ, яке аз масъалаҳои муҳим ва навбатие, ки дар ҷаласаи 11-уми Шӯро аз 30 апрели соли 2013 мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ин ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат мебошад. Масъалаи мазкур имконияти мурочиат намуданро ба созмонҳои бонуфузи ҷаҳонии рейтингӣ бо мақсади додани рейтинги кредитии соҳибихтиёрӣ ба Тоҷикистон барои муайян намудани қобилияти қарзпардозӣ ва ҷолибияти сармоягузорӣ ифода менамояд.

Рейтинги кредитии соҳибихтиёрӣ ҳамчун баҳодиҳии хавф ҳангоми сармоягузорӣ дар кишвар арзёбӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ баҳодиҳие, ки аз тарафи созмонҳои байналхалқии рейтингӣ пешниҳод мегардад, метавонад ҳамчун асос ҳангоми қабули қарор оид ба ҷойгиркунии сармоягузориҳои дарозмудат дар Тоҷикистон, чӣ дар намуди маблағгузорӣ ба сармояи оинномавӣ ва чӣ дар намуди пешниҳоди захираҳои қарзӣ, баромад кунад.

Рейтинги кредитии соҳибихтиёрӣ яке аз воситаҳои самарабахши иттилоотӣ ва тарғиби давлат мебошад. Рейтингҳои додашуда ва ҳисобот аз рӯи онҳо дар воситаҳои ахборӣ оммавии гуногуни ҷаҳонӣ нашр мешаванд ва ба истифодабарандагони иттилооти молиявӣ дастрас мебошанд. Ва аз ҳама муҳим соҳиб гаштани давлат ба рейтинги кредитии соҳибихтиёрӣ аз шаффофияти сохторҳои иқтисодии давлат шаҳодат медиҳад ва ба ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ мусоидат менамояд.

Вобаста ба масъалаи мазкур Бонки миллии Тоҷикистон кӯшиш намуда истодааст, ки бо оҷонсиҳои бонуфузи байналмилалӣ ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монад.

Аз ин рӯ, кӯшишҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон тибқи супориши протоколии ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар маҷмуъ қобили дастгирӣ мебошад.

### 3.3. Мусоидат ҷиҳати шомилшавии Тоҷикистон ба “Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961”

Дар қатори ислоҳоти соли 2013 дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ оғозгардида боз як ислоҳоти дигареро низ қайд кардан зарур аст, ки ҳалли он барои рушди соҳибкорӣ, беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва боз ҳам баланд шудани имиҷи сармоягузории мамлакат мусоидат менамояд.

Ин масъалаи тезонидани раванди шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз соли 1961 мебошад. Тибқи муқаррароти Конвенсия, ҳуҷҷатҳои сармоягузорони хориҷӣ дар Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои соҳибкорони Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷии шомилшуда бе расмиёти дохилӣ эътироф карда мешаванд. Инчунин, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар кишварҳои шомили Конвенсия содда ва камхарҷ мегардад.

Ин барои сарфа намудани вақту маблағ ва соддагардонии ҷараёни барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои сармоягузорони хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ ҳангоми сармоягузорӣ ё фаъолияти соҳибкории онҳо, ҳамчунин фаъолияти меҳнатии муҳоҷирони тоҷик дар хориҷи кишвар кӯмак менамояд.

Дар маҷмӯъ, шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага барои ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад намуд.

Аз ин рӯ, дар ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ ба вазоратҳои корҳои хориҷӣ, адлия ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки вобаста ба ҳалли босуръати масъалаи мазкур чорабиниҳои заруриро амалӣ намуда, аз натиҷааш ахборот пешниҳод намоянд.

Вобаста ба ин, дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ таҳти №121313(12.2-4) аз 08.01.2013 барои баррасии масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961» гурӯҳи корӣ таъсис дода шудаст.

## 4. МОНИТОРИНГИ ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ ҚАБУЛНАМУДАИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Дар қатори омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, яке аз вазифаҳои муҳими Котиботи Шӯрои машваратӣ ин доир намудани мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ, таҳия намудани ҳисобот оид ба натиҷаҳои он ва гузориши муфассали Котиби масъули Шӯро вобаста ба масъалаи мазкур мебошад. Назорати умумӣ ҷиҳати иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби Котиби масъули Шӯрои машваратӣ пеш бурда мешавад ва аз ҷониби Котиботи Шӯро мунтазам ба Котиби масъули Шӯро маълумот пешниҳод карда мешавад.

Котиботи Шӯрои машваратӣ пайваста ҷадвали махсуси мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро таҳия намуда, дар сомона ҷой медиҳад. Ҷадвали Нақшаи мониторинг ба назорати натиҷаҳои бевоситаи ҳар як чорабинии алоҳида ва супоришҳо, инчунин омода намудани ҳисоботи васеи натиҷаҳои мониторинг нигаронида шудааст.

Бо мақсади мунтазам ба роҳ мондани ҷамъоварии маълумот, мубодилаи иттилоот ва гузаронидани таҳлил, ки дар ҷараёни доир намудани мониторинг заруранд, Котиботи Шӯрои машваратӣ бо намояндагони вазорату идораҳои марбутае, ки ҷиҳати ичрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар заминаи супоришҳои протоколии ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ қабул гардидаанд, масъул мебошанд, инчунин намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд як қатор вохӯриву мулоқотҳо доир менамояд. Натиҷаҳои чунин мулоқотҳо аст, ки ба Котиботи Шӯрои машваратӣ маълумотҳо оид ба ҷараёни иҷрои бандҳои протоколҳои ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ аз ҷониби шарикон пешниҳод карда мешаванд.

Натиҷаҳои фаъолияти мазкур ҷамъбаст гардида, ҳисобот оид ба мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва гузориши муфассали Котиби масъули Шӯро таҳия гардида, якҷо бо дигар маводҳои ҷаласаҳои Шӯро ба Котиби масъули Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда мешаванд. Ҳисоботи мазкур маълумоти муфассалро оид ба ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ, натиҷаҳои иҷрои ин ё он қарор ё қисман иҷро гардидани он аз ҷониби мақомоти марбутаи давлатӣ, инчунин иштироки бахши хусусӣ ва шарикони рушд дар ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ дар худ таҷассум менамояд.

Дар ин замина, маълумоти муфассал оид ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои 10-ум ва 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Замимаи 1 (дар намуди ҷадвал) ва зербандҳои 1.1. ва 1.2. Ҳисоботи мазкур пешниҳод шудаанд.

## 5. ИНТИХОБИ (ФИЛТРАТСИЯИ) МАВЗӮҲО БАРОИ БАРРАСӢ ДАР ҶАЛАСАҲОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Шӯрои машваратӣ майдони муколамаи озоди бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ мебошад, ки тавассути он бахши хусусӣ метавонад ба қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти соҳибкорӣ ва кулли иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири калон расонад. Дар асоси механизми зикргардида бахши хусусӣ мушкилоти худро мустақиман ба роҳбарияти олии мамлакат пешниҳод менамояд. Пешниҳодоти бахши хусусӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Мақсади доир намудани чараёни интихоби мавзӯҳо (филтратсияи масъалаҳо) аз он иборат аст, ки мавзӯҳои аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳодгардида бо ҳамаи ҷонибҳои ҳавасманд баррасӣ карда мешаванд ва мавзӯҳои афзалиятнок аз байни онҳо ҷудо карда мешаванд. Дар натиҷа мавзӯҳои рӯзмарра ва афзалиятнок барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ интихоб карда мешаванд.

Бахши хусусӣ на танҳо заминаи муҳим барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон аст, инчунин сарчашмаи мӯътамад барои дастрас намудани иттилооти рӯзмарра ва зарурӣ оид ба мушкилот ва монеаҳое, ки дар роҳи рушди соҳибкорӣ қарор доранд, ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳия намудани лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ба пешниҳодоти бахши хусусӣ афзалияти хоса дода мешавад.

Бо мақсади таъмини пурраи шаффофият ва самаранокии ҷараёни филтратсия, Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷиҳати омода намудани номгӯи мавзӯҳое, ки дар ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ баррасӣ карда мешаванд, корҳои назаррасеро ба сомон расонидааст.

Котиботи Шӯрои машваратӣ вохӯриҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо намояндагони бахши хусусӣ доир намуд, ки дар онҳо як қатор масъалаҳои муҳиме, ки ҳалли онҳо барои рушди соҳибкорӣ мусоидат менамоянд, пешниҳод гардиданд.

Якчанд масъалаҳои муҳим ва афзалиятнок инчунин дар Мизи Мудаввар дар мавзӯи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ», ки бо ибтикори Котиботи Шӯрои машваратӣ баргузор гардида буд, аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳод карда шуданд.

Дар натиҷаи гузаронидани филтратсия дар давоми соли 2013 мавзӯъҳои зерин аз ҷониби намояндагони бахши хусуси пешниҳод гардиданд:

1. Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат.
2. Шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага (Конвенсияи Апостил) оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз соли 1961.
3. Ҳавасмандгардонии ширкатҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ ҷиҳати зиёд намудани гардиши молиявии онҳо.
4. Ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва фаъол гардонидани фаъолияти Биржаи марказии фондии Тоҷикистон.
5. Суръат бахшидани раванди ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии муҳосибот ва ҳисобдорӣ дар корхонаву муассисаҳо.
6. Масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши фаъолияти суғуртавӣ.
7. Барқарор намудани рекламаи операторҳои мобилӣ тавассути шабакаҳои телевизионӣ.
8. Ташкили минтақаи озоди саноатӣ дар мамлакат ба монанди «Промбаза»-и назди Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон, ки ба марказ наздик мебошад, тавассути пешниҳод намудани қитъаҳои замин ва муҳайё намудани шароитҳои муосири истеҳсолӣ.
9. Таъмини механизмҳои самараноки татбиқи қонунҳои қабулгардидае, ки фаъолияти соҳибкориро ба танзим медароранд.

10. Бартараф намудани таъсири манфии Кодекси андоз ба рушди соҳибкорӣ.
11. Таъмини татбиқи пурраи усули кассавии баҳисобгирии андоз тибқи Кодекси андоз.
12. Барои соҳибкорони соҳаи истеҳсолӣ ҳисоб ва ситонидани маблағи андоз аз арзиши илова баъди коркард, истеҳсол ва ё фурӯши маҳсулоти истеҳсолкарда, на дар вақти воридоти ашёи хом.
13. Гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи соҳавии бахши хусусӣ дар мамлакат аз тарафи ассосиатсияҳои соҳавии соҳибкорон дар ҳамкорӣ бо бахши давлатӣ ва шарикони рушд.
14. Пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ аз рӯи ҷадвали прогрессивии андозбандӣ ҳангоми пардохтани андози иҷтимоӣ барои соҳибкороне, ки зиёда аз 20 ҷои корӣ ташкил намудаанд.

Масъалаҳои мазкур аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ мавриди таҳлил ва омӯзиши муфассал қарор дода шуда, барои баррасӣ дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод гардида истодаанд.

## 6. ҲАМКОРӢ БО ШАРИКОН

### 6.1. Ҳамкорӣ бо бахши давлатӣ

Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ майдони муколамаи озод байни давлат ва бахши хусусӣ ба шумор меравад. Давлат тавассути сохторҳои худ бештар ба идоракунӣ ва танзими равандҳои иқтисодӣ машғул буда, бевосита бо доираҳои соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ сару кор мегирад.

Котиботи Шӯрои машваратӣ пайваста бо бахши Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ, Шӯъбаи ислоҳоти иқтисодӣ ва инвеститсияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаҳои соҳавии дигари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазир ва Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳои давлатӣ ҳамкории судманд менамояд.

Барои мисол, дар соли ҷорӣ ҷиҳати иҷрои қарори протоколии ҷаласаи 10-уми Шӯро вобаста ба омӯзиш ва таҳлили бахши сайёҳӣ ва дар ин замина пешниҳод намудани тавсияҳо бо мақсади тавсеа бахшидан ба раванди рушди сайёҳӣ гуруҳи корӣ дар ҳайати намояндагони бахшҳои давлативу хусусӣ бо ҷалби шарикони рушд таъсис дода шуд. Ба гуруҳи кории мазкур намояндагони сохторҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати нақлиёт, Вазорати кишоварзӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумрук ва ғайраҳо шомил карда шуданд.

Гуруҳи корӣ ба ҳама сохторҳо ва идораҳое, ки бо сайёҳон бевосита сару кор мегиранд, аз ҷумла фурудгоҳи байналмилалии ш. Душанбе, Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ, Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилӣ ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари корӣ намуда, ба фаъолияти ин сохторҳо аз наздик шинос шуд. Дар сафарҳои корӣ аъзои гуруҳ ба ҷанбаҳои гуногуни бахши сайёҳӣ шинос шуда, назари мутахассисони соҳаро ҷиҳати беҳтар гаштани фаъолияти онҳо барои давраҳои оянда ба инобат гирифтанд.

Ҳамин тариқ, дар доираи фаъолияти гуруҳи корӣ як қатор вохӯриҳо бо сохторҳои гуногуни бахши давлатӣ гузаронида шуда, ба ҳамкориҳои Котиботи Шӯро бо сохторҳои давлатӣ тақвият бахшида шуд.

Шӯрои машваратӣ минбаъд низ барои тақвият бахшидани ҳамкориҳои худ бо бахши давлатӣ корҳои заруриро анҷом хоҳад дод.

Дар маҷмӯъ, бахши давлатӣ дар фаъолияти Шӯро нақши муҳим дошта, ҳамчун мақоми машваратӣ, танзимкунанда ва татбиқкунанда баромад мекунад.

### 6.2. Ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ

Бахши хусусӣ дар фаъолияти Шӯрои машваратӣ нақши калидӣ дорад. Мақсади асосии Шӯро, ки бо ибтикори Президенти ҷумҳурӣ, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шудааст, муайян ва бартараф намудани мушкилоти бахши хусусӣ мебошад. Бо шарофати фаъолияти Шӯрои машваратӣ, бахши хусусӣ имкон дорад, ки мушкилоти худро бевосита ба роҳбарияти олии кишвар расонад.

Айни замон, 5 нафар намояндагони бахши хусусӣ узви Шӯрои машваратӣ мебошанд.

Дар соли ҷорӣ Котиботи Шӯро дар самтҳои гуногуни фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он, аз ҷумла беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ, таҳияи ҳуҷҷати “Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо” ва дигар ҷанбаҳо бо бахши хусусӣ ҳамкории фаъол намуд.

Бахши хусусӣ дар фаъолияти гуруҳи корӣ, аз ҷумла оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ”, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав иштироки назаррас намуда, дар сафарҳои корӣ ба сохторҳо ва корхонаҳои гуногун мароқи баланд зоҳир намуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бахши хусусӣ дар ҳамаи шаклҳои соҳибкорӣ фаъолият намуда, дар баъзе ҳолатҳо ба мушкилоти гуногуни корӣ дучор мешавад. Ин мушкилот метавонад истеҳсолӣ, маъмурӣ, идоравӣ, сунъӣ ва ғайра буда, ба пешрафти ташабуссҳои бахши хусусӣ монеа эҷод намояд.

Бинобар ин, роҳбарияти ҷумҳурӣ, коршиносон ва мутахассисон бештар ба он ақидаанд, ки бахши хусусӣ бояд фаъолтар бошад ва мавқеи худро барои ишғоли бозори дохилии молу хизматрасонӣ дар шароити кунунӣ мустаҳкам намояд. Ҳамчунин бахши хусусӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии давлат, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми муносиб гузорад.

Котиботи Шӯрои машваратӣ ҳамкориҳои судмандро бо бахши хусусӣ идома дода, барои баланд бардоштани нақши он дар иқтисодиёти мамлакат талош хоҳад кард.

## 6.3. Ҳамкорӣ бо шарикони рушд

Дар соли ҳисоботӣ Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷиҳати татбиқи самараноки қарорҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва амалисозииислоҳотҳои иқтисодӣ бо шарикони рушди Тоҷикистонҳамкории судманд дошт. Рӯйхати шарикони рушд дар Намудори 1 нишон дода шудааст.

**Намудори 1.**

**Ҳамкорони Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби шарикони рушд**




Котибот пайваста бо шарикони рушд мулоқотҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баргузор намуд. Инчунин намояндагони шарикони рушд 1 нафар аз ҳисоби шарикони рушди дуҷониба ва 1 нафар аз ҳисоби шарикони рушди бисёрҷониба узви Шӯрои машваратӣ мебошанд.

Яке аз шарикони асосии Шӯрои машваратӣ Бонки Аврупои Таҷдид ва Рушд мебошад, ки ба фаъолияти Шӯро ва Котиботи он мусоидати техникӣ менамояд.

Дар самти соддагардонии низоми андозбандӣ, такмили тартиби иҷозатномадиҳӣ ва пешбурди ислоҳоти низоми иҷозатдиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ, Шӯрои машваратӣ бо Намояндагии Корпоратсияи Байналмиллалии Молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст. Корпоратсияи Байналмиллалии Молиявӣ пардохти хизматрасонии сомонаи интернетии Котиботро дар давоми солҳои 2011-2013 ба ӯҳда гирифт, ки ин як дастгирии хуб ба ҳисоб меравад.

Айни замон, бо мақсади иҷрои бандҳои алоҳидаи Протоколи ҷаласаи 10-уми Шӯро, Котиботи Шӯрои машваратӣ бо Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ ва Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таҳлил гузаронид, ки натиҷаҳои он бо тавсияҳо дар ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ муаррифӣ карда шуданд.

Инчунин Котиботи Шӯро ҷиҳати беҳсозии нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ бо намояндагиҳои Бонки Ҷаҳонӣ ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ ҳамкорӣ намуда истодааст.

Натиҷаи чунин ҳамкориҳои судманд бо Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2011 дар қатори 10 кишвари пешбарандаи ислоҳот тибқи Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ мавқеъ гирифт.

Намояндагии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмиллалӣ дар Тоҷикистон бо Шӯрои машваратӣ дар самти таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва соддагардонии санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҳамкорӣ менамояд.

Дигар ҳамкорони Шӯрои машваратӣ Дафтари ҳамкориҳои Швейтсария дар Тоҷикистон, Намояндагии Агентии ИМА оид ба ҳамкориҳои байналмиллалӣ дар Тоҷикистон, Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон, Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон, Бонки Осиёии Рушд ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ мебошанд, ки бо Шӯрои машваратӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории пурсамар менамоянд.

## 7. ҶАРАЁНИ ИНТИХОБИ АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ АЗ ҲИСОБИ ШАРИКОНИ РУШД ВАСАРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ

Бояд қайд намуд, ки тибқи Низомнома ва Регламенти кории Шӯрои машваратӣ, дар давраи ҳисоботӣ корҳо оид ба татбиқи механизми интихоб/иваз намудани аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби шарикони рушди дуҷониба ва бисёрҷониба идома дода шуданд.

Дар ин давра, ду аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби шарикони рушди дуҷониба ва бисёрҷониба иваз карда шуданд.

Дар натиҷа, дар ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ ду нафар аъзои Шӯрои машваратӣ аз ҳисоби шарикони рушд, аз ҷумла ҷаноби Эдуард Ауер - Сафир, Роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ва ҷаноби Кристофер Миллер - Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон муаррифӣ карда шуданд.

Илова ба ин, бояд қайд намуд, ки дар ҷаласаи 13-уми Шӯрои машваратӣ 5 нафар аз ҳисоби бахши хусусии ватанӣ ба узвияти Шӯрои машваратӣ интихоб карда мешаванд.

# 8. МИЗҲОИ МУДАВВАР, СЕМИНАРҲО, ФОРУМҲО

## 8.1. Мизҳои мудаввар

Дар давраи ҳисоботӣ роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар кори як қатор мизҳои мудаввар, форумҳо, семинарҳо ва ҷаласаҳои шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ширкат намуданд. Аз ҷумла чорабиниҳои асосӣ:

Дар таърихи 05 феврали соли 2013, дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, мизи мудаввар дар мавзӯи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – ҳамчун воситаи таъминкунандаи муколамаи озоди давлат ва бахши хусусӣ» баргузор гардид.

Дар кори мизи мудаввар намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахши хусусӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон иштирок намуданд.

Мизи мудавварро Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиҷон Завқиев ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки мақсади доир намудани мизи мудаввар ҷамъбасти дастовардҳои Шӯрои машваратӣ дар соли 2012 ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шӯро барои соли 2013, инчунин мубодилаи афкор байни шарикон мебошад.

Сипас, маърӯзаи Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиҷон Завқиев оид ба фаъолияти Шӯро дар соли 2012 шунида шуд. Зикр гардид, ки дар соли ҳисоботӣ Шӯрои машваратӣ таҳти сарварии Раиси Шӯро, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ду ҷаласаи худро гузаронид, ки дар онҳо як қатор масъалаҳои мубрами беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ӯ дар баромадаш қайд намуд, ки “ислоҳоти татбиқшударо дар самтҳои муҳайё намудани заминаи ҳуқуқиву иқтисодӣ барои ташаккули шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ислоҳоти низоми андозбандӣ, соддагардонии расмиёти маъмурӣ барои сармоягузорон, соддатар намудани ҷараёни санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии фаъолияти соҳибкорие, ки тавассути иҷозатнома амалӣ карда мешаванд ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ҳамчундастовардҳои назарраси Шӯрои машваратӣ дар соли гузашта номбар кардан ҷоиз аст.

Мавриди зикр аст, ки натиҷаҳои ислоҳоти доиршуда аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, Тоҷикистон тибқи Ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ “Пешбурди соҳибкорӣ” дар соли гузашта мавқеи худро боз 6 зина боло бурд.

Котиботи Шӯрои машваратӣ дар ҳамкории зич бо намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд мунтазам номгӯи масъалаҳои афзалиятнокро барои доир намудани ислоҳот муайян намуда, вобаста ба ҳар як масъалаи аз ҷониби бахши хусусӣ пешниҳодшуда таҳлилҳои лозимӣ мегузаронад ва натиҷаи онҳоро ба баррасии Шӯрои машваратӣ пешниҳод мекунад”.

Дар хотимаи суханронии худ Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Завқиҷон Завқиев зикр намуд, ки дар асоси пешниҳодҳои бахши хусусӣ масъалаҳои зерин, аз ҷумла тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ; беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта; ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат; мусоидат ба шомил гардидани Тоҷикистон ба “Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961” ва идомаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки Шӯрои машваратӣ дар соли 2013 муайян гардиданд.

Сипас, дар кори мизи мудаввар аз номи шарикони рушди Тоҷикистон, Роҳбари Намояндагии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, Улф Ҳиндстром ва аз номи бахши хусусӣ Раиси Ассосиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Изатулло Лалбеков баромад намуда, фаъолияти Шӯроро дар соли сипаригашта хуб арзёбӣ намуданд.

Дар интиҳои мизи мудаввар байни иштирокчиён баҳсу мунозираҳо сурат гирифта, ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ фикру пешниҳодоти муфид манзур шуданд.

## 8.2.Муаррифномаҳо

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҳукумати мамлакат масъалаи рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  сиёсати фаъол ва мақсаднокро дар самти беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ амалӣ мегардонад, ки ба баланд бардоштани рейтинги ҷолибнокии сармоягузории мамлакат равона карда шудааст. Дар рафти гузаронидани чунин сиёсат Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории фаъолро бо гуруҳи Ҳисоботи "Пешбурди Соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ ва Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ амалӣ мегардонад.

Рӯзи 1 ноябри соли 2014 дар дафтари Намояндагии Бонки Ҷаҳонӣ дар Душанбе муаррифии расмии Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» барои Тоҷикистон дар соли 2014 баргузор гардид, ки дар он намояндагони бахшҳои давлатию хусусӣ ва шарикони рушд ширкат намуданд. Дар чорабинӣ аҳамияти Ҳисоботи «Пешбурди Соҳибкорӣ» барои баҳодиҳии натиҷаҳои ислоҳоти гузаронидашуда ва дастовардҳои мамлакатҳо дар натиҷаи ин ислоҳот муайян карда шуда зикр гардид, ки мувофиқи Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» дар соли 2014  дар Тоҷикистон ду ислоҳоти мусбӣ ба қайд гирифта шудааст.

Аз ҷумла ба қадри назаррас беҳтар гардидани дастрасӣ ба иттилооти қарзӣ дар натиҷаи ташкили Бюрои хусусии қарзӣ ва соддаю камхарҷ гардидани раванди андозсупорӣбарои корхонаҳои соҳибкорӣ дар натиҷаи паст гардидани меъёри андоз ба фоидаи корхонаҳо, муттаҳиднамоии андози минималӣ ба даромади корхонаҳо бо андоз аз фоида ва инчунин барҳам додани андоз аз фуруши чакана хуб арзёбӣ карда шуданд. Дар баробари ин таъкид гардид, ки мувофиқи ҳисоботи мазкур самаранокии мутлақи ислоҳот дар маҷмуъ баланд шуда, мамлакат ба сатҳи таҷрибаи беҳтарин дар Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" ду зина, яъне аз 45,12% то 47,52% наздик гардид.

Инчунин тибқи Ҳисоботи мазкур қисми зиёди ислоҳоти бахши андоз ва ҷоринамоии «Равзанаи ягона» оид ба воридоту содирот дар Ҳисоботи соли оянда «Пешбурди Соҳибкорӣ» ба инобат гирифта хоҳанд шуд.

Дар рафти чорабинӣ Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣЗавқиҷон Завқиев низ баромад карда илова намуданд, ки аз ҷониби Котиботи  Шӯрои машваратӣ лоиҳаи нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Ҷаҳонӣ таҳия карда шудааст.  Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои мазкур як қатор чорабиниҳоро мувофиқи ҳар яке аз даҳ нишондиҳандаҳои "Пешбурди соҳибкорӣ" фаро гирифта, айни замон бо шарикон баррасӣ гардида истодааст. Лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳо оид ба нишондиҳандаҳои ҶТ дар  Ҳисоботи "Пешбурди Соҳибкорӣ" боназардошти тавсияву пешниҳодҳои ҷонибҳо ба ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти ҶТ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда мешавад.

Интизор меравад, ки қабул ва амалӣ гардидани нақшаи чорабиниҳои мазкур ба баланд шудани мавқеи Тоҷикистон дар Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" таконе хоҳад бахшид. Дар баробари ин таъкид карда шуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чорабиниҳои вобаста ба Ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ" маҳдуд нагардида, гузаронидани ислоҳоти заруриро ҷиҳати беҳтар намудани фазои

сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва таъмини суботи иқтисодии мамлакат идома медиҳад.

### 8.3. Семинарҳо

Дар таърихи 6-уми декабри соли 2013 дар меҳмонхонаи Ҳаят Реҷенсии ш. Душанбе Ҳамоиш оид ба рушди бахши сайёҳӣ, ки аз ҷониби Ассосиатсяи ширкатҳои сайёҳии Тоҷикистон (ТАТО) ташкил шуда буд, баргузор гардид.

Ҳадафи асосии ташкил ва баргузории ин чорабинӣ муайян намудани иқтидору саҳмгузории бахши хусусӣ дар рушди бахши сайёҳӣ иборат буд.

Дар кори Ҳамоиши мазкур намояндаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ширкат намуда, ба иштирокчиён иттилоъ дод, ки Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷиҳати иҷрои қарорҳои ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ фаъолияти худро идома дода, дар доираи гуруҳи корӣ, якчанд корҳои назаррасро анҷом дод.

Гуруҳи корӣ бо ҷалби шарикони рушд дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла: **а)** хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо, дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва омӯзиши хадамоти хизматрасонии муштариён; **б)** раводид ва бақайдгирӣ; **в)** иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ; **г)** омор ва маълумот ва **д)** дигар ҷанбаҳои бахши сайёҳӣ таҳлили ҳамаҷониба гузаронид. Дар бахшҳои зикргардида асосан вазъи кунунӣ ва мушкилоти соҳа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар заминаи он Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон бо фарогирии тавсияҳо ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои бахши сайёҳӣ таҳия карда шуд. Дар асоси тавсияҳои пешниҳодгардида, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таҳия гардид ва ба ҷаласаи ояндаи Шӯро пешниҳод карда мешавад.

Ҳуҷҷати таҳлилии “Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо” аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ таҳти сарварии Роҳбари гуруҳи кории мазкур Завқиҷон Завқиев бо иштироки коршиноси байналмилалӣ оид ба рушди бахши сайёҳӣ профессор Филлип Ридл, ки бо дастгирии Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистон ҷалб шудааст, таҳия гардида, бо пешниҳодоти аъзои дигари гуруҳи кории мазкур, аз ҷумла бахши хусусӣ ва гуруҳи кории шарикони рушд омода карда шудааст. Инчунин дар ҳуҷҷати таҳлилӣ натиҷаҳои таҳлили рушди бахши сайёҳӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ки бо дастгирии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ доир гардида буданд, ба инобат гирифта шудаанд.

### 8.4. Форумҳо

Дар таърихи 18 майи соли 2013 дар шаҳри Душанбе дар доираи воҳӯрии 38-уми солонаи Шӯрои мудирони Бонки Исломии Рушд бо дастгирии Корпоратсияи исломӣ оид ба рушди бахши хусусии Гурӯҳи Бонки Исломии Рушд, таҳти сарпарастии Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Форуми соҳибкории Душанбе – 2013» баргузор гардид. Дар кори Форум Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Матлубхон Давлатов, Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муродалӣ Алимардон, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Далаталӣ Саидов, Директори Корпоратсияи Исломӣ оид ба рушди бахши хусусӣ, Халед Ал-Абудӣ, роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ, намояндагони бахши хусусӣ, аз ҷумла сармоягузорону соҳибкорони кишварҳои аъзои Бонки Исломии Рушд иштирок намуданд.

Форумро бо сухани ифтитоҳӣ Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлаталӣ Саидов оғоз бахшида, меҳмонони олиқадрро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфт.

Дар ҷараёни форуми мазкур Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Завқиҷон Завқиев атрофи фаъолият ва дастовардҳои афзалиятноки Шӯрои машваратӣ муаррифнома пешниҳод намуд.

Дар таърихи 2 октябри соли 2013 дар бинои Китобхонаи миллии Тоҷикистон Форуми занони соҳибкор дар мавзӯи «Бонувони соҳибкори Тоҷикистон» (таҷриба, мушкилот ва дурнамо) доир гардид.

Форуми мазкур бо ташаббуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассосиатсияи миллии занҳои соҳибкори «Кадбону» бо мақсади мусоидат ба фаъолияти соҳибкории бонувон, мубодилаи таҷриба, баррасии мушкилот ва дурнамои фаъолияти онҳо ташкил карда шуд.

Дар кори Форум Муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Руқия Қурбонова, Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Абдуллоева, Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сумангул Тағоева, намояндаи доимии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон Марша Олив, намояндаи Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ Рейнхард Войтек, роҳбари ЮНИСЕФ Лайло Моширӣ иштирок ва суханронӣ карданд.

Дар кори форум инчунин намояндагони Кумита оид ба корҳои иҷтимоӣ, оила ва нигаҳдории тандурустии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, муассисаҳои таълимӣ, занҳои фаъоли соҳибкор, кормандони бонкҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, намояндагони ҳамаи соҳаҳои соҳибкорӣ иштирок доштанд.

Дар Форум масъалаҳои қонунгузорӣ барои фаъолияти озоди соҳибкории занон, грантҳои президентӣ барои занони соҳибкор (40 грант ба маблағи 200 ҳазор сомонӣ), ёрии беруна барои дастгирии ҳамаҷонибаи занони деҳот, ташкили марказҳои дастгирӣ, омӯзиши соҳибкорӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Қайд гардид, ки айни замон дар ҷумҳурӣ зиёда аз 300 лоиҳа ва барномаҳои гуногун барои омӯзиши тиҷорати хурду миёна, 200 ташкилоти ҷамъиятӣ дар доираи рушди занони соҳибкор фаъолият мекунанд ва айни замон дар ҷумҳурӣ 160 ҳазор нафар занон ба соҳибкорӣ машғуланд.

Барои фаъолияти хуби истеҳсолӣ 16 нафар занони соҳибкор бо ифтихорнома «Барои комёбиҳои тиҷоратӣ ва саҳми арзанда дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон» сарфароз гардонида шуданд. Аз ҷумла раиси фонди байналмилалии ҳунарҳои халқӣ «Ҳафт пайкар» - Қаюмова М, раиси хоҷагии деҳқонии ноҳияи Ҳисор - Ҳамроева Х, директори кулли ҶДММ «Фон-дарё» - Абдуллоева С, директори кулли ҶДММ «Ромсар» - Аслонова Ҳ. ва дигарон бо чунин ифтихорнома қадрдонӣ карда шуданд.

Қайд карда шуд, ки баробарии гендерӣ дар соҳаи соҳибкории Тоҷикистон метавонад яке аз омилҳои асосии баландшавии даромади умумии истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ гардад.

Дар анҷоми Форум бонувони соҳибкори Тоҷикистон аз рӯи меҳру ихлос ва самимияти беандоза якдилона ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муроҷиатнома қабул карданд.

## 9. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ БАРОИ СОЛИ 2014

Бо мақсади идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он фаъолияти худро дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ ва пешниҳоди масъалаҳои бахши хусусӣ ба ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ давом хоҳад дод.

Фаъолияти минбаъдаи Котиботи Шӯрои машваратӣ барои мунтазам омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, доир намудани мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои машваратӣ, таҳия ва қабули нақшаҳои кории Котиботи Шӯрои машваратӣ ва гузаронидани корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва натиҷаҳои бадастомада равона карда мешаванд.

Дар соли 2014 самтҳои зерин барои Шӯрои машваратӣ афзалиятнок ҳисобида мешаванд.

### 9.1. Идомаи ислоҳоти низоми андозбандӣ

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 1 январи соли 2013 татбиқ шуда истодааст.

Аз ин рӯ, дар ҷаласаи 11-уми Шӯро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки вобаста ба муроҷиати соҳибкорон оид ба таъсири Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар заминаи Кодекси мазкур қабул гардидаанд, ба рушди соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ ба рушди иқтисодии мамлакат таҳлили ҳамаҷониба гузаронида, аз натиҷааш ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро ахборот манзур намояд.

Бинобар ин, тавре дар банди 2.4. Ҳисоботи мазкур қайд карда шудааст, бо Фармоиши Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2013, №71 бо мақсади омӯзиш, таҳлил ва такмили Кодекси андози ҶТ дар назди Вазорати молияи ҶТ гурӯҳи кории доимоамалкунанда таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст.

Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамоянд, ки таҳлилҳои иқтисодӣ, вохӯриҳо бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон рафти татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451, инчунин муроҷиату дархостҳои андозсупорандагон нишон дод, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур ба миён омадааст.

Бо ин мақсад, ба Кодекси андоз, инчунин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 "«Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Аз ҷумла вобаста ба аниқ намудани объекти андоз ҳангоми фурӯши ғайристатсионарии молҳои омехтаи ниёзи мардум ва маҳсулоти кишоварзӣ (бандҳои 9 ва 13), аз 105 то 90 сомонӣ кам кардани маблағи пардохт барои патент барои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои халқӣ (сандуқҳо, гаҳвораҳо, зарфҳои чӯбин ва ғайраҳо) (банди 11), зиёд намудани намудҳои фаъолияте, ки дар асоси патент иҷозат дода шудааст, аз ҷумла фурӯши газетаю маҷалаҳо (банди 12), фаъолияти дӯзандагӣ, сартарошӣ, таълимӣ репититорӣ (банди 34), таъмир, вулканизатсия (банди 35), фаъолияти байторӣ ва фаъолияти омӯзишӣ (бандҳои 47 ва 48) ба назар гирифта шудааст. Инчунин дар бандҳои 24, 30 ва 42 пардохт барои андози иҷтимоӣ аз 150 сомонӣ то 100 сомонӣ кам карда шудааст, ки ба фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунанд, таъсири мусбӣ мерасонад.

Тағйирот ба бандҳои дигари Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси патент амалишаванда барои дастгирии соҳибкорони инфиродӣ таҳия шудааст.

Бо мақсади ҳавасманд намудани андозсупорандагони фаъолу бомасъулият, инчунин беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ва сарфа намудани вақти онҳо, аз ҷониби Кумитаи андоз барномаи алоҳидаи копютерии Системаи иттилоотии андоз «Пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ» такмил ва мавриди истифода қарор дода шудааст, ки айни ҳол 1720 андозсупоранда эъломиҳои худро ба мақомоти андоз тариқи электронӣ пешниҳод намуда истодаанд.

Яке аз роҳҳои дигари муҳими ҳавасманд намудани соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бомасъулият ин таъин кардани санҷиши риояи қонуггузории андоз нисбати фаъолияти онҳо аз руи хавфҳо, яъне бо истифода аз усули баҳодиҳии хавфҳо мебошад.

Истифодабарии усули баҳодиҳии хавфҳо дахолати беасосро ба фаъолияти андозсупорандагон маҳдуд намуда, аз тарафи дигар ба интизоми андозсупории андозсупорандагон таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар маҷмӯъ, ислоҳоти низоми андозбандӣ идома дорад. Котиботи Шӯро минбаъд низ мониторинги иҷрои Кодекси андозро гузаронида, аз натиҷааш ахборот пешниҳод менамояд.

## 9.2. Ислоҳоти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта

Тавре қаблан қайд гардида буд, мувофиқи супориши банди 4 Протоколи ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ «вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия якҷо бо вазорату идораҳои марбута, бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳлили зарурӣ гузаронида, натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро пешниҳод намоянд». Дар ин асос ҷиҳати иҷрои пурраи ин банди Протоколи ҷаласаи 11-уми Шӯро дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худро идома дода истодааст.

Фаъолияти гурӯҳи корӣ дар бахши суғурта ба таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба мукаммалгардонии қонунгузории бахши суғурта, рушди ҳамаи шаклҳои суғурта, баланд бардоштани рақобатпазирии ин бахш ва дар маҷмӯъ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта равона карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки гурӯҳи кории бахши суғурта фаъолияти худро аз омӯзиши ҳуҷҷати барномавии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои асосии бахши суғурта дар Тоҷикистон оғоз намуда, тавсияҳои дар он пешниҳодшударо нисбати фароҳам овардани имконият барои рушди рақобат дар бахши суғурта, пурзурнамоии назорати соҳа ва таъмини мустақилият ба мақомоти назоратии бахши суғурта, инчунин такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолият дар бахши суғурта мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод. Дар баробари ин гурӯҳи корӣ бо тадқиқоти аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ гузаронидашуда маҳдуд нагардида, таҳлили бозори суғуртаи ихтиёриро низ гузаронид.

**Намудори 2. Масъалаҳои асосии бахши суғурта дар Тоҷикистон (пешниҳоди масъалаҳо аз ҷониби пурсидашудагон ба ҳисоби фоиз)**




Тавре, ки аз Намудори 2 маълум аст, дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили бахши суғурта дар мамлакат масъалаҳои эътимоди нокифояи аҳолӣ нисбат ба ширкатҳои суғуртавӣ, норасоии мутахассисони соҳибтахассус (актуарийҳо), ҷавобгӯ набудани стандартҳои таълимӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ ба талаботи муосири бозори суғурта, рақобати носолим, ҷавобгӯ набудани хизматрасонии ширкатҳои суғуртавӣ ба талаботи стандартҳои байналмиллалии суғурта, сатҳи пасти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, мавҷуд набудани ассосиатсияи ташкилотҳои суғуртавӣ ва ташкилотҳои азнавсуғуртанамоӣ дар мамлакат, рушди нокифояи суғуртаи тиббӣ муайян карда шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар натиҷаи фаъолияти гурӯҳи корӣ ҳисоботи гурӯҳи корӣ ва дар асоси он лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳия гардида, ба ҷаласаҳои навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда мешаванд.

### 9.3. Ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ

Яке аз корҳои асосие, ки ҳангоми оғози фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода мешавад, дастрас намудани иҷозат ва иҷозатномаҳо барои амалӣ намудани ин ё он намуди фаолият мебошад.

Аз ин рӯ, бо мақсади осон ва содда намудани ҷараёни дастрас кардани иҷозат ва иҷозатномаҳо, коҳиш додани шумораи онҳо ва таъмини шаффофият дар ин раванд, аз соли 2008 ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ дар мамлакат оғоз гардида, се соли

охир пурра татбиқ гардида истодааст. Як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо шумораи иҷозатҳо аз 600 адад то ба 86 адад кам карда шуда, расмиёти дастрас намудани онҳо низ соддатар гардонида шуданд.

Бо мақсади иҷрои нуқтаҳои алоҳидаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат аз соли 2012 ҷиҳати то 50 фоиз кам кардани теъдоди иҷозатҳо ва тавассути низоми электронӣ ба расмият даровардани беш аз 30 фоизи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда истодааст.

Аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии шарикони рушд сомонаи махсус (ww.ijozat.tj) вобаста ба дастрас намудани иҷозатҳо ва иҷозатномаҳо ташкил карда шуда, дар он маълумоти зарурӣ оид ба иҷозатҳо ва тартиби дастрас намудани онҳо инъикос карда шудааст, ки кори соҳибкоронро осон мегардонад.

Ҳамзамон, бо мақсади рушди бемайлони фаъолияти соҳибкорӣ ва самаранок амалӣ намудани фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ, идомаи ислоҳот дар ин самт мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Зеро айни замон, иҷозатномаҳо тибқи санади қонунгузорӣ 67 ададро ташкил медиҳанд. Дар ҷумҳурӣ маҷмуан ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномаҳо 187 ададро ташкил медиҳанд, ки боиси рушди босуботи соҳибкорӣ шуда наметавонад.

Бинобар ин, дар ҷаласаи 11-уми Шӯро, бо дарназардошти нуқтаҳои зикргардида, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки якҷо бо вазорату идораҳои марбута, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд ҷиҳати идомаи ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ дар заминаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш дар ҷаласаҳои оянда Шӯро ахборот пешниҳод намояд.

Ҳамчунин масъалаи мазкур дар ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ аз 13 декабри соли 2013 мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба мақомоти марбута супоришҳои дахлдор дода шуд, ки дар зербанди 1.2. Ҳисоботи мазкур маълумот пешниҳод шудааст.

### 9.4. Мусоидат ҷиҳати шомилшавии Тоҷикистон ба "Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961"

Бояд қайд намуд,ки шомилшавии Тоҷикистон ба "Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961" дар қатори масъалаҳои муҳими рушди соҳибкориву сармоягузорӣ меистад ва ҳалли он барои рушди соҳибкорӣ, беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва боз ҳам баланд шудани симои сармоягузории мамлакат мусоидат менамояд.

Тибқи муқаррароти Конвенсия, ҳуҷҷатҳои сармоягузорони хориҷӣ дар Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои соҳибкорони Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷии шомилшуда бе расмиёти дохилӣ эътироф карда мешаванд. Инчунин, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар кишварҳои шомили Конвенсия содда ва камхарҷ мегардад.

Чи хеле ки дар банди 3.3. ҳисоботи мазкур қайд карда шуд, шомилшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага барои сарфа намудани вақту маблағ ва соддагардонии ҷараёни барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои сармоягузорони хориҷӣ ва соҳибкорони ватанӣ ҳангоми сармоягузорӣ ё фаъолияти соҳибкории онҳо, ҳамчунин фаъолияти меҳнатии муҳоҷирони тоҷик дар хориҷи кишвар кӯмак менамояд.

Дар маҷмӯъ, шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага барои ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад намуд.

Аз ин рӯ, дар ҷаласаи 11-уми Шӯро ба вазоратҳои корҳои хориҷӣ, адлия ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки

вобаста ба ҳалли босуръати масъалаи мазкур чорабиниҳои заруриро амалӣ намуда, аз натиҷааш ахборот пешниҳод намоянд.

Айни замон, корҳои зарурӣ аз ҷониби вазоратҳои қайдгардида идома дошта, Котиботи Шӯро мониторинги иҷрои онро гузаронида истодааст.

### 9.5. Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон

Чи хеле ки қаблан дар банди 3.2. ҳисоботи мазкур қайд гардид, рейтинги кредитии соҳибихтиёрӣ сатҳи хавфнокӣ, қобилияти пардохтпазирӣ ва ҷолибияти сармоягузории кишварро барои сармоягузорони хориҷӣ муайян менамояд. Муайян намудани рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби бештари сармояи хориҷӣ муҳим мебошад, чунки сармоягузорони хориҷӣ ҳангоми сармоягузории худ дар ин ё он кишвар аз рейтинги мазкур васеъ истифода мебаранд.

Аз ин лиҳоз, дар ҷаласаи 11-уми Шӯро ба Вазорати молия ва Бонки миллӣ супориш дода шуд, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ва бо ҷалби шарикони рушди Тоҷикистон ҷиҳати ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон дар соли ҷорӣ аз ҷониби созмонҳои бонуфузи ҷаҳонии рейтингӣ чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ахборот пешниҳод намоянд.

Инчунин дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ №71154 (12.2-6) аз 20 ноябри соли 2013 Бонки миллӣ бояд тибқи хулосаи вазорату идораҳои марбута, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҷамъбаст карда шудааст, чораҷӯӣ намояд.

Мувофиқи маълумоти ҷамъбастии Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар ҷаҳон оҷонсиҳои маъруфи махсусгардонидашудаи байналмилалии рейтингӣ, аз қабили "Стандартс энд Пуарс" ( Standard&Poor's), "Мудис Инвесторс Сервис" (Moody's Investors Service), "Фитч" (Fitch), "Ди Би Ар Эс" (DBRS) ва ғайра фаъолият мекунанд, ки сармоягузорони хориҷӣ рейтинги онҳоро пурра эътироф мекунанд. Оҷонсиҳои номбаршуда иқтидори кофӣ ва таҷрибаи бештар аз садсоларо дар самти рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ доро мебошанд.

Дар байни ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Қазоқистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Украина, Белорус, Молдова ва Федератсияи Россия аллакай рейтинги кредитии соҳибихтиёрии худро ташкил кардаанд.

**♦Рейтинги оҷонсии "Стандартс энд Пуарс":**

Россия (ВВВ), Белорус (В-), Гурҷистон (ВВ), Қазоқистон (ВВВ+), Озарбойҷон (ВВВ-) ва Украина (В).

**♦Рейтинги оҷонсии "Мудис Инвесторс Сервис":**

Россия (Baa1, устувор), Арманистон (Ba2, устувор), Белорус (B3, манфӣ), Қазоқистон (Baa2, мусбӣ), Молдова (B3, устувор), Озарбойҷон (Baa3, устувор) ва Украина (Caa1, манфӣ).

**♦Рейтинги оҷонсии "Фитч":**

Россия (ВВВ+, устувор), Арманистон (ВВ, устувор), Гурҷистон (ВВ, устувор), Қазоқистон (А-, устувор), Озарбойҷон (ВВВ-, устувор) ва Украина (В, устувор).

Рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон ба сармоягузорони хориҷӣ имкон медиҳад, ки онҳо оид ба вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ ва дараҷаи хавфнокии сармоягузорӣ ба иқтисодиёти малакатамон маълумоти зарурӣ ва воқеиро пайдо кунанд. Зеро, рейтинги мазкур аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ба сифати баҳогузории воқеии хавфи сармоягузорӣ ба иқтисодиёти ин ё он давлат баррасӣ карда мешавад.

Аз ин хотир, рейтингии кредитии соҳибихтиёрии давлат барои Тоҷикистон ҷиҳати зиёд намудани ҳавасмандии сармоягузорони хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат мусоидат хоҳад намуд ва доштани рейтинги мазкур дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди кишварамон хеле муҳим мебошад.

Бинобар ин, мувофиқи хулосаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо боназардошти манфиатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ ва пурра бархурдор гардидан аз самараи рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо оҷонсиҳои махсусгардонидашудаи байналмилалии рейтингии "Стандартс энд Пуарс", "Мудис Инвесторс Сервис" ва "Фитч", ки соҳиби обрую нуфузи байналмилалӣ буда, дар байни сармоягузорони хориҷӣ эътироф карда мешаванд, мувофиқи мақсад дониста мешавад

### 9.6. Ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ дар Тоҷикистон

Бояд қайд намуд, ки интихоби мавзӯи мазкур барои баррасӣ дар ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ бо мақсади рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, пешниҳоди мазкур аз ҷониби бахши хусусӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратӣ матраҳ гардидааст.

Ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок барои муҳайё гардонидани сармояи озод ба соҳибкорон, рушди корхонаву муассисаҳо, ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва таъмини гарави камхарҷ барои қарзгирандагон муҳим мебошад.

Бо мақсади мустаҳкам намудани пойгоҳи ҳуқуқии ташкил ва рушди бозори қоғазҳои қиматнок як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ» ва дигар санадҳо қабул карда шуданд, ки шаклҳои муосири идоракунии корпоративӣ, аз ҷумла қоидаҳои бастани созишномаҳо бо шахсони манфиатдор, ӯҳдадориҳои аъзои мақомоти идоракунии ҷамъиятҳои саҳомиро дар бар гирифта, ҳуқуқ ва манфиатҳои саҳомонро таъмин менамоянд.

Айни замон, бозори коғазҳои қиматноки ҷумҳуриро ба се қисм тақсим кардан мумкин аст. **Якум:** бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, **дуюм:** бозори коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) ва **сеюм:** бозори коғазҳои қиматноки корпоративӣ.

Агар ба таҷрибаи кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ назар кунем, дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон ин шакли фаъолият хеле рушд намуда, барои ҷалби бештари сармояи дохиливу хориҷӣ кӯмак мерасонад.

Тибқи иттилои коршиносон барои фаъолияти пурсамар кардани бозори қоғазҳои қиматнок муҳайё намудани инфрасохтори Биржаи марказии фондии Тоҷикистон, дар сатҳи кофӣ таъмин намудани пардохтпазирии бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, таъмини мутахассисони соҳа, ҷорӣ кардани меъёрҳои байналмилалии ҳисобдорӣ ва мукаммал кардани заминаи қонунгузории бозори такрории коғазҳои қиматнок зарур шуморида мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки фаъолияти самараноки бозори такрории қоғазҳои қиматнок фишанги муҳими идоракунии макроиқтисодӣ низ ба ҳисоб меравад. Бозори такрории қоғазҳои қиматнок захираҳои молиявиро аз соҳаҳои каммаҳсул ба соҳаҳои нисбатан даромаднок ва афзалиятнок ҷалб ва сафарбар карда, ба ҷобаҷокунии самараноки захираҳои сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти нуктаҳои баёнгардида дар ҷаласаи 12-уми Шӯро ба Бонки миллӣ супориш дода шуд, ки якҷо бо вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва бо ҷалби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок таҳлили ҳамаҷониба гузаронад ва натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои ояндаи Шуро пешниҳод намоянд.

Айни замон дар назди Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ таъсис гардида, фаъолияти худро дар ин самт идома дода истодааст.

### 9.7. Суръат бахшидани раванди ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии муҳосибот ва ҳисобдорӣ дар корхонаву муассисаҳо

Мавриди тазаккур аст, ки ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии муҳосибот ва ҳисобдорӣ дар корхонаву муассисаҳои мамлакат, дар қатори масъалаҳои муҳими рушди фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дорад.

Вобаста ба масъалаи мазкур санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор қабул карда шудааст. Вале, бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда ҷараёни гузаштани корхонаҳову муассисаҳо ба меъёрҳои байналмилалии муҳосибот ва ҳисобдорӣ ба таври зарурӣ сурат намегирад. Танҳо низоми бонкии Тоҷикистон аз соли 2007 сар карда пурра ба меъёри байналмилалии муҳосибот ва ҳисобдорӣ гузаштааст, вале аз ҷониби соҳаҳои дигар то ҳол ба ин масъала диққати зарурӣ зоҳир карда намешавад.

Бояд зикр намуд, ки мутобиқ будани тарз ва усули ҳисобу китоб дар идоракунии корхонаҳо яке аз омилҳои асосие мебошад, ки ҳангоми ҷалби сармоя кори сармоягузорон ва ҳам корхонаҳои ватаниро осон мегардонад ва барои рушди ҳамкориҳо бо ширкатҳои пешрафтаи хориҷӣ мусоидат менамояд.

Бинобар ин, баррасӣ намудани масъалаи мазкур дар яке аз ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ ва марҳила ба марҳила то соли 2020 ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии муҳосибот ва ҳисобдорӣ дар корхонаву муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун узви ҷудонашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад.

## 10 . ИНЪИКОСИ ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ ДАР ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

Котибот мақоми кории Шӯрои машваратӣ буда, на танҳо барои таъмини корҳои ташкилию методӣ ва техникии фаъолияти Шӯрои машваратӣ масъул аст, балки корҳои иттилоотии фаъолияти Шӯрои машваратиро низ таъмин менамояд. Аз ин рӯ, таъмини иттилоот қисми таркибии фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ буда, ба масъалаи пешниҳоди маълумот ба ҷомеа ва таъмини шаффофият ҳамчун яке аз қисмҳои чараёни муколамаи давлат ва бахши хусусӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ Котиботи Шӯрои машваратӣ бо мақсади таъмини шаффофият, маълумотҳои зарурирo оид ба натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои машваратӣ ба ҷомеа пешниҳод намудааст. Аз ҷумла Бюлетени моҳонаи Котиботи Шӯрои машваратӣ ва дигар варақаҳои иттилоотӣ таҳия гардида, ба шарикон ирсол карда шуданд. Аз ҷониби роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо мақолаҳо оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ба нашр расонида мешаванд. Инчунин роҳбарият ва мутахассисони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар васоити ахбори омма, аз ҷумла радиову телевизион баромад намуда, дар сомонаи интернетии Шӯрои машваратӣ маълумотҳои муфассал ҷой дода шудаанд.

Барои пешниҳоди маълумот ба шарикон оид ба фаъолияти Шӯрои машваратӣ, Котиботи Шӯро дар бораи чорабиниҳои муҳим дар бахши соҳибкорӣ, ҷалби сармоя, рушди бахши хусусӣ, муколамаи давлат ва бахши хусусӣ, маълумотҳои заруриро ҷамъоварӣ намуда, Бюллетени моҳонаи худро таҳия менамояд. Дар давраи ҳисоботӣ 10 Бюллетен бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳия гардида, ба шарикон ирсол карда шуданд ва инчунин дар сомонаи интернетии Шӯрои машваратӣ бо суроғаи www.investmentcouncil.tj ҷой дода шудаанд.

Пас аз доир намудани ҳар як ҷаласаи Шӯрои машваратӣ, Котибот маълумотномаи васеъро оид ба ҷараёни ҷаласа, рӯзномаи корӣ, натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ ва қарорҳои дар ҷаласа қабулгардида таҳия намуда, ба шарикон ирсол намудааст. Инчунин дар давраи ҳисоботӣ якчанд варақаҳои алоҳидаи иттилоотӣ оид ба дастовардҳо ва фаъолияти Шӯрои машваратӣ таҳия карда шуда, ба ҷонибҳои ҳавасманд пешниҳод гардиданд.

Илова ба ин, буклети «Давлат ва бахши хусусӣ – ҳамкорӣ барои рушди устувор» таҳия карда шуда, дар Мизи мудавваре, ки дар таърихи 5 феврали соли 2013 бо ибтикори Котиботи Шӯрои машваратӣ доир гардида буд, муаррифӣ карда шуд. Дар буклет самтҳои асосӣ, тартиби фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он дар давраи ҳисоботӣ, ҳамкорӣ бо шарикон, инчунин дастовардҳои асосӣ дарҷ гардиданд. Буклети зикргардида бо мақсади пешниҳоди иттилооти васеъ оид ба Шӯрои машваратӣ ва самтҳои фаъолияти он на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки пешниҳоди иттилоот ба ҷомеаи байналмилалӣ таҳия карда шудааст. Буклет бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр гардид.

Фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он, инчунин афзалиятҳо ва роҳҳои минбаъд беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ислоҳот вобаста ба татбиқи беҳтарнамоии фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар иттилооти зарурӣ пайваста дар сомонаи интернетии «Азия Плюс» ва дигар нашрияҳо интишор гардиданд.

Ҷиҳати инъикоси васеъи фаъолияти пурсамари чандсолаи Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо шабакаҳои телевизиони тоҷик барномаи васеи телевизионӣ оид ба ислоҳоти гузаронидашуда дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва натиҷаҳои ёздаҳ ҷаласаи Шӯрои машваратӣ таҳия, сабт ва пахш гардид.

Ҳамчунин дар доираи омода ва гузаронидани ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ, Роҳбари Котиботи Шӯро дар шабакаҳои телевизионӣ баромад мекунад. Дар давраи ҳисоботӣ баромадҳои Роҳбари Котибот пас аз ҷаласаҳои 11-ум ва 12-уми Шӯро вобаста ба натиҷаҳои онҳо дар шабакаҳои телевизионӣ пахш гардид.

## ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, ҳисоботи мазкур дастовардҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориро дар соли 2013 дар бар мегирад.

Мавриди қайд аст, ки бо шарофати фаъолияти пурсамари Шӯрои машваратӣ дар як катор самтҳои муҳими рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ислоҳоти ҷиддӣ гузаронида шуданд ва ин раванд бомаром идома дорад.

Аз ҷумла ислоҳоти зерин дар соли ҳисоботӣ дар доираи фаъолияти Шӯро татбиқ шуданд:

- Ислоҳоти низоми андозбандӣ, аз ҷумла қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ва санадҳое, ки дар заминаи ин Кодекс қабул шудаанд;
- Ташкил ва тақвият бахшидани низоми ташкиливу ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, аз ҷумла таъсиси Шӯро ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- Ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, аз ҷумла таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” дар таҳрири нав ва таъсиси Фонди дастгирии соҳибкорӣ;
- Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ, аз ҷумла таҳияи ҳуҷҷати “Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо” ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ;
- Огози ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта;
- Беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ, аз ҷумла таҳияи лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ;
- Ислоҳоти низоми санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ”;
- Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат;
- Тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ, аз ҷумла таъсиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар водии Рашт;
- Идомаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ;
- Мусоидат ба шомилшавии Тоҷикистон ба “Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961” ва ғайра.

Ҳисоботи мазкур маълумоти муфассалро оид ба фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ дар соли тақвимии соли 2013 дар бар мегирад, аз ҷумла:

- Омода ва гузаронидани ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратӣ аз таърихи 30 апрели соли 2013;
- Омода ва гузаронидани ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ аз таърихи 13 декабри соли 2013;
- Дастовардҳои Шӯрои машваратӣ дар соли 2013;
- Оғози ислоҳот дар самтҳои гуногун;
- Мониторинги иҷои қарорҳои Шӯрои машваратӣ;
- Интихоби мавзӯҳо (ҷараёни филтратсия) барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ;
- Интихоби аъзои нави Шӯро аз ҳисоби шарикони рушд ва сармоягузорони хориҷӣ;

- Маълумот дар бораи мизҳои мудаввар, семинарҳо ва конфронсҳо;
- Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шӯро барои соли 2014;
- Инъикоси фаъолияти Шӯро дар васоити ахбори омма.

Дар натиҷа, ислоҳоти гузаронидашуда барои беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ мусоидат намуда, ба рушди бахши хусусӣ ва ҷалби бештари сармоя ба иқтисодиёти ватанӣ такони ҷиддӣ бахшиданд. Масалан, дар натиҷаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ шумораи иҷозатҳо аз 605 то 86 адад коҳиш дода шуд. Дар 11 моҳи соли 2013 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 263598 адад расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2012, 11,5% ё 21157 субъекти соҳибкорӣ зиёд шудааст. Ҳиссаи бахши хусусӣ дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ дар соли 2013 то 50% афзудааст. Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар 9 моҳи соли 2013 486 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 57 млн. доллари ИМА зиёд аст.

Ба натиҷаҳои бадастомада маҳдуд нашуда, Шӯрои машваратӣ ислоҳотро идома медиҳад ва барои соли 2014 низ дар як қатор самтҳои афзалиятноки зерин ислоҳот идома дода мешаванд:

- Ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлат;
- Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта;
- Идомаи ислоҳоти низоми андозбандӣ;
- Идомаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ;
- Мусоидат намудани ба шомилшавии Тоҷикистон ба "Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961";
- Ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ;
- Суръат бахшидан ба раванди ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии муҳосибот ва ҳисобдорӣ дар корхонаву муассисаҳо ва ғайра.

**Замима**

**Ҷадвали мониторинги**
**чараёни иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаҳои 10-ум ва 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**

| **Қарорҳои протоколии ҷаласаи даҳуми Шӯрои машваратӣ аз 19 октябри соли 2012** | | | |
|---|---|---|---|
| **Мазмуни супоришҳои протоколӣ** | **Мӯҳлати иҷро** | **Ҷараёни иҷро** | **Эзоҳ** |
| Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои барномаҳои ҳамкорӣ бо шарикони рушди Тоҷикистон ҷудо намудани маблағҳоро ҷиҳати рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла воридоти технологияи муосир ва таъсиси корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба инобат гирад. | Доимӣ | ***Мунтазам мавриди иҷро қарор дорад.***<br><br>Масъалаи мазкур ҳамеша мадди назари доимии Ҳукумати мамлакат қарор дорад. | |
| 1. Котиби масъули Шӯро ва Котиботи Шӯро ҷараёни иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратиро таҳти назорат гирифта, ҷиҳати татбиқи пурра ва босамари онҳо чораҳои муассир андешанд. | Доимӣ | ***Мунтазам дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br><br>Аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мониторонги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро мунтазам гузаронида шуда, натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои Шӯро пешниҳод карда мешавад.<br>Айни замон, тибқи Барқияномаи Котиби масъули Шӯро, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз тамоми вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷараёни иҷрои бандҳои Протоколи ҷаласаи 10-уми Шӯро маълумотҳо дастрас шуда, ҷамъбаст гардида истодаанд.<br>Инчунин ахбороти Котиби масъули Шӯро оид ба натиҷаҳои мониторинги иҷрои қарорҳои қабулнамудаи Шӯро таҳия гардида, дар | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ҷаласаи 11-уми Шӯрои сармоягузорӣ, ки доир гардидани он дар таърихи 30 апрели соли 2013 ба нақша гирифта шудааст, пешниҳод мегардад. | |
| 2. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>- оид ба татбиқи самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» тибқи нақша-чорабиниҳои таҳиягардида чораҳои муассир андешад;<br>- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири навро бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ такмил дода, тибқи тартиби муқаррargардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.<br>- якҷо бо Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи Шӯрои машваратӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва шарикони рушд бо ҷалби коршиносони соҳа оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таҳлил гузаронида, натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод гардад;<br>- якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои марбута оид ба масъалаи ҳавасманд намудани | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br><br>**-** Бо мақсади татбиқи босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» тибқи нақшаи чорабиниҳо корҳо идома доранд. Аз ҷумла лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи Мақоми ваколатдори шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ва «Дар бораи Муассисиаи давлатии Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» таҳия гардида, баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои марбута ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.<br>- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири нав такмил дода шудааст ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 қабул карда мешавад.<br>- бо қарори Раиси Кумита аз 27.03.2013 №32, гурӯҳи корӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд ва коршиносони соҳа оид ба масъалаҳои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таъсис дода шудаст. Гуруҳи корӣ пурмаҳсул фаъолият намуда, дар самтҳои зерин, аз ҷумла:<br>**а)** хизматрасониҳо дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва омӯзиши хизматрасонии муштариён; **б)** раводид ва бақайдгирӣ; **в)** иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ; **г)** омор ва маълумот ва **д)** дигар ҷанбаҳои бахши сайёҳӣ таҳлилҳо гузаронид.<br>Дар бахшҳои зикргардида асосан вазъи кунунӣ ва мушкилоти соҳа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар заминаи он Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон (Ҳисоботи гурҳи корӣ) бо фарогирии тавсияҳо ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои бахши сайёҳӣ таҳия карда шуд. Дар асоси тавсияҳои пешниҳодгардида, лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таҳия карда шудааст ва ба ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда мешавад. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бовиҷдон тадбирҳо андешида, корҳои васеи фаҳмондадиҳӣ ва семинарҳои бозомӯзӣ баҳри баланд бардоштани маърифати андозсупории соҳибкорон доир намояд ва чораёни мазкур тариқи васоити ахбори омма ба таври васеъ инъикос карда шавад. | | Маълумоти муфассал оид ба фаъолияти гуруҳи корӣ, натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳо дар ҳуҷҷати "Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо" оварда шудааст.<br>- аз ҷониби Кумита дар ҳамкорӣ бо ассосиатсияҳои соҳибкорӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба ҳавасманд намудани соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бовиҷдон гузаронида мешавад. Аз ҷумла дар таърихи 1-уми феврали соли ҷорӣ дар маркази вилояти Хатлон шаҳри Қӯрғонтеппа ва 2 феврал дар шаҳри Кӯлоб мулоқоти созандаи роҳбарияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, намояндагони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо соҳибкорон, роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва соҳибкороне, ки дар соли 2013 корхонаҳои саноатӣ таъсис медиҳанд, баргузор гардид.<br>Бо мақсади ҳавасманд намудани соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бовиҷдон аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссия оид ба муайян намудани андозсупорандагони беҳтарин таъсис дода шудааст, ки ҳарсола андозсупрандагони беҳтаринро муайян менамояд.<br>Шакли дигари ҳавасмандкунии андозсупорадагони фаъолу бовиҷдон ин сарфа намудани вақти онҳо мебошад, ки вобаста ба ин аз ҷониби мақомоти андоз барномаи компютерии «Модули утоқи шахсии андозсупоранда бо низоми электронии эъломиякунонӣ» таҳия гардида, андозсупорандагон метавонанд ба мақомоти андоз ташриф наоварда ҳисоботи худро пешниҳод намоянд. Айни замон тақрибан 800 корхона ва соҳибкорони инфиродӣ аз ин навоварии низоми андозсупорӣ истифода мебаранд.<br>Гузаронидани семинар-машваратҳо ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон вобаста ба қонунгузории андоз, аз ҷумла татбиқи амлии Кодекси андоз яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисобмеравад.<br>Вобаста ба ин, кормандони мақомоти андоз дар ду моҳи соли ҷорӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 190 семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор намуда, инчунин дар ин давра тавассути | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | воситаҳои ахбори омма 34 маротиба барномаҳои таҳлиливу омӯзишӣ дар шакли алоҳидаи бахши иқтисодӣ ва иттилоотӣ пешкаши тамошобинон ва шунавандагон гардониданд.<br>Кодекси андози ҶТ дар таҳрири нав дар ҳаҷми 50000 адад (ба забони тоҷикӣ 40000 адад ва русӣ 10000 адад) чоп карда шуда, ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин ташкилоту муассисаҳо ва андозсупорандагон ройгон дастрас карда шуд.<br>Корҳо дар ин самт мунтазам идома доранд. | |
| 4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буҷети давлатии соли оянда ҷудо намудани маблағҳои зарурирo барои таъсиси Фонди муштараки қарздиҳии хурд барои соҳибкорон, алалхусус соҳибкории истеҳсолӣ ба инобат гирифта, ҷиҳати таъсиси Фонди мазкур чораҳои амалӣ андешанд. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Иҷро шуд.***<br>Ҷиҳати иҷрои банди мазкур, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 5 феврали соли 2013 №34, Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» таъсис дода шуд.<br>Самтҳои асосии фаъолияти Фондро таъминоти молиявии барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳо ва чорабиниҳо дар самти дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар, фаъолияти таълимӣ, иттилоотию таҳлилӣ, таҳририю интишоротӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд. | |
| 5. Вазоратҳои кишоварзӣ, энергетика ва саноат, Палатаи савдо ва саноат, Иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва бо ҷалби шарикони рушд барои таъсиси созмонҳо ё ташкилотҳои якҷояи истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва содироткунандагон чораҳои мушаххас андешанд. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Вазорати кишоварзии ҶТ бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 августи соли 2012 таҳти №383 "Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" қабул гардидааст, ки амалӣ гардидани барномаи мазкур барои таъсиси созмонҳо ё ташкилотҳои якҷояи истеҳсолкунандагон, ташкил ва рушди иттифоқҳои кооперативҳо мусоидат хоҳад намуд.<br>Аз рӯи Барнома мусоидат намудан ба хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) ихтиёрӣ, истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва ассосиатсияҳои бозори кишоварзӣ, ки манфиатҳои гурӯҳҳои мазкури кишоварзиро ҳимоя ва намояндагӣ мекунанд, пешбинӣ гардидааст, ки | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | он ба ташкил ва рушди чунин созмонҳо, ассосиатсияҳо аввалан дар сатҳи маҳаллӣ мусоидат мекунад. Дар ин самт як қатор лоиҳаҳои санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кооперативҳо” таҳия ва қабул гардида, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” дар ҳоли мувофиқа қарор дорад.<br><br>Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон омодагии худро ҷиҳати таъсиси созмонҳо ё ташкилотҳои якҷояи истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва содироткунандагон изҳор намудааст. Ассосиатсияҳои соҳавии узви Палатаи савдо ва саноат ба созмонҳои зикршуда ҳамчун узви комилҳуқуқ ҷалб карда мешаванд. | |
| 6. Вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва саноат, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар мақомоти марбута барои татбиқи бомаром ва пурраи «Барномаи давлатӣ оид ба афзун намудани имконияти содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот барои солҳои 2011-2012» ва рушди бемайлони минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ», «Данғара» ва «Ишкошим» бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд чораҳои зарурӣ андешанд. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди самараноки МОИ-и ҷумҳурӣ якҷо бо маъмуриятҳои ин минтақаҳо корҳои зерин амалӣ карда шуданд.<br>**Минтақаи озоди иқтисодии “Панҷ”:**<br>Маъмурият то имрӯз аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва маблағҳои ҷудокардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зеринро амалӣ намудааст:<br>1) -таҳияи Нақшаи кулли тарҳкашӣ (Генплан) ва топографӣ;<br>-лоиҳаи сохтмони хатти об, лоиҳаҳои пойгоҳи обкашӣ ва пойгоҳи обтакшинкунӣ;<br>2) Корҳои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа;<br>-сохтмони хатти об бо дарозии 2510 метр ва Пойгоҳи муваққатии обкашӣ;<br>-сохтмони деворбандии атрофи минтақа бо дарозии 760 метр;<br>- таъмири бинои Маъмурият ва сохтмони хатти барқи дохилии минтақа;<br>То имрӯз 9 ширкат ҳамчун субъекти МОИ «Панҷ» ба қайд гирифта шудааст. Қисме аз онҳо фаъолият доранд ва қисми дигар ба воридоти таҷҳизоти технологӣ, корҳои ташкилии коргоҳҳои | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | истеҳсолиро анҷом дода истодаанд.<br>**Минтақаи озоди иқтисодии "Данғара":**<br>Маъмурият то имрӯз аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва маблағҳои ҷудокардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зеринро амалӣ намудааст:<br>- Оғози сохтмони бинои Маъмурияти МОИ;<br>- Лоиҳаҳои хароҷоти Нақшаи генералӣ ва нақшаи хати оби минтақа;<br>- оғози сохтмони марҳилаи аввали иншооти иҳотакунандаи атрофи минтақа;<br>- оғози корҳои лоиҳаи сметавии сохтмони роҳ ва хати барқи минтақа.<br>Айни замон, дар МОИ "Данғара" 7 ширкат ҳамчун субъекти минтақа ба қайд гирифта шудааст, ки онҳо корҳои омодагиро ҷиҳати сохтмони корхонаҳои истеҳсолии худ амалӣ намуда истодаанд.<br>**Минтақаи озоди иқтисодии "Ишқошим":**<br>Дар минтақаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ҷиҳати сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа корҳои зерин амалӣ карда шудааст:<br>- таъмири бинои маъмурии минтақа;<br>- корҳои топографию геодезӣ;<br>- идомаи нақшаи генералии минтақа ва идомаи сохтмони хати обгузар.<br>Ҷиҳати ҷалби таваҷҷӯҳи сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба ин минтақаҳо, рӯзҳои 11 ва 12 октябри соли 2012 дар вилояти Суғд Конфронси дуюми байналмилалӣ дар мавзӯи «Нерӯи сармоягузории вилояти Суғд» ва рӯзҳои 24 ва 25 октябри соли 2012 дар вилояти Хатлон нахустин Конфронси байналмилалии иқтисодӣ дар мавзӯи «Имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди вилояти Хатлон» бо дастгирии шарикони рушд баргузор гардиданд. Инчунин бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №565 аз 8 октябри соли 2012 Фонди ҷумҳуриявии рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҶТ таъсис дода шуд. | |
| 7. Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти гумрук, Палатаи савдо ва саноат, Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи | Нимсолаи аввали | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Дар доираи татбиқи "Барномаи ҷорӣ намудани системаи Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| оҳани Тоҷикистон» ҷиҳати сари вақт дастрас намудани кодҳои роҳи оҳан ва дигар ҳуҷҷатҳои барои содироти маҳсулот зарурӣ чораҳои мушаххас андешида, ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» барои содироту воридоти молро суръат бахшанд. | соли 2013 | дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ марбут ба масъалаҳои соддагардонии тартиби савдои байналмилалӣ, кам намудани хароҷоти муомилот, суръат бахшидан ба ҷараёни барасмиятдарории гумрукӣ, дастрас намудани кодҳои роҳи оҳан, баланд бардоштани самаранокии тақсимоти захираҳо, ки ба шаффофият ва рушди савдои байналмилалӣ мусоидат мекунад, як зумра корҳо ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла бо қарори Ҳукумати ҶТ Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба татбиқи Барнома ташкил карда шудааст.<br>То ин давра панҷ ҷаласаи Кумитаи ҳамоҳангсоз гузаронида шуд, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни масъалаи ташкили системаи “Равзанаи ягона” оид ба содироту воридот ва транзити молҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.<br>Дар назди Кумитаи ҳамоҳангсозӣ 3 гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ, ҳуҷҷати электронӣ ва масъалаҳои мувофиқакунонии маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои савдои хориҷӣ истифода мешаванд, ташкил гардида, фаъолияти худро идома дода истодааст. | |
| 8. Вазоратҳои кишоварзӣ, энергетика ва саноат дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо бо мақсади мубодила ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар заминаи хоҷагиҳои пешқадами боғу токпарварӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзии вилояти Суғд семинар-машваратҳои амалӣ ва курсҳои бозомӯзиро ташкил намуда, мутахасисони ҷавонро барои азхуд намудани таҷрибаи пешқадами соҳа ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва хориҷа сафарбар намоянд. | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Вазорати кишоварзӣ тасмим гирифтааст, ки дар давоми соли 2013 боназардошти намоён будани таҷрибаи пешқадами соҳаи боғу токпарварӣ ва коркради маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои вилояти Суғддар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар заминаи хоҷагиҳои пешқадам дар миқёси ҷумҳурӣ семинар-машваратҳо доир намояд.<br>Ҳамзамон, соли 2012, 30 нафар мутахассисон аз дастгоҳи марказии вазорат ва 59 нафар аз зерсохторҳои вазорат барои таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ ба Ҷ.Х. Хитой, Туркия, Қазоқистон ва Қирғизистон фиристода шуданд.<br>Мувофиқи нақшаи Вазорати энергетика ва саноат ҳар сол дар мавсими коркарди меваю сабзавот дар корхонаҳои саноатии соҳа семинар-машваратҳои амалӣ гузаронида мешавад, ки дар кори он мутахассисони ботаҷриба иштирок намуда, ба мутахассисони ҷавон таҷрибаи пешқадами соҳаро меомӯзонанд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Дар соли 2013, дар давраи мавсими коркарди меваю сабзавот гузаронидани чунин семинар – мешваратҳо дар корхонаҳои вилояти Суғд дар назар дошта шудааст. | |
| 9. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва саноат, мелиоратсия ва захираҳои об, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Палатаи савдо ва саноат, Иттифоқи «Тоҷикматлубот» барои ба роҳ мондани содироти оби ошомиданӣ ба кишварҳои хориҷӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд. | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br><br>Тибқи иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдо айни замон дар ҷумҳурӣ 20 корхонаи саноатӣ, ки ба истеҳсоли обҳои маъданӣ ва дигар нӯшокиҳои ташнашикан машғуланд, фаъолият мекунанд, ки бозори дохилии ҷумҳуриро таъмин намуда, қисме аз маҳсулоти истеҳсошудаи барои содирот нигаронидашударо ба хориҷи кишвар ба фурӯш мебароранд.<br><br>Тибқи иттилои Вазорати энергетика ва саноат соҳаи истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан ва обҳои маъданӣ, ки зиёда 60 корхонаҳои хурду миёнаро дарбар мегирад, дар солҳои охир хеле рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсоли ин номгӯи маҳсулотро дар соли 2012 ба 6 млн.декалитр расониданд. Ин нишондиҳанда назар ба ҳаҷми истеҳсоли солҳои то 90-ум 2 маротиба зиёд мебошад. Барои ба хориҷи кишвар содир намудани онҳо аз тарафи корхонаи муштараки “Оби Зулол”-и ш. Истаравшан корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда, ҳоло корхона барои содироти обҳо ба Туркманистон, Федератсияи Россия ва Афғонистон шартнома бастааст. | |
| 10. Вазоратҳои энергетика ва саноат, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ дар ҳамкорӣ бо шарикони рушди Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи дастрас намудани шарти техникӣ ҷиҳати пайвастшавӣ ба шабакаи барқ барои корхонаҳои саноатӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ «Пешбурди соҳибкорӣ» чораҳои | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br><br>Вобаста ба масъалаи мазкур як қатор чорабиниҳо дар лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати ҶТ оид ба беҳтар намудани нишондиҳандахои ҶТ дар Ҳисоботи “Пешбурди соҳибкорӣ”-и Бонки Ҷаҳонӣ, ки аз ҷониби Котиботи Шуро таҳия карда шудааст, ба нақша гирифта шудааст. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| зарурӣ андешанд. | | | |
| 11. Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои марбута барои ихтисор намудани номгӯи ҳуҷҷатҳо ҳангоми ташкили хоҷагии деҳқонӣ ва дастрас намудани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин чораҳои муассир андешанд. | Соли 2013 | ***Корҳои муайян иҷро шудааст.***<br><br>Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтисор намудани номгӯи ҳуҷҷатҳо ҳангоми ташкили хоҷагии деҳқонӣ ва дастрас намудани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин тадбирҳо андешида, тибқи қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.02.2010, №105 ва мутобиқи моддаи 6 Кодекси замини ҶТ, Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин аз тарафи мақомоти давлатии заминсозии ҶТ ва мақомоти он дармаҳалҳо дар мӯҳлати на дертар аз 25 рӯзи корӣ аз лаҳзаи воридшудани ариза (мактуб, дархост) бо замима тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ (парвандаи заминсозӣ) дода мешавад.<br><br>Барои осонтар ва соддатар гардонидани ҳуҷҷатгузориҳо ва сари вақт бо Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таъмин намудани заминистифодабарандагон тибқи Фармони Раиси Кумитаи заминсозӣ ва геодезӣ ваколати барасмиятдарории Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба Кумитаи заминсозии вилоятҳо вогузор карда шудааст. | |
| 12. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>- нақшаи шашмоҳаи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкориро таҳия намуда, тавассути рӯзномаву маҷаллаи соҳавии бахши андоз ва саҳифаи интернетии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шаш моҳ қабл аз оғози санҷиш ба соҳибкорон пешниҳод намояд;<br><br>- ҳар семоҳа оид ба ҳаҷми андозҳои пинҳонкардашуда аз ҷониби соҳибкорон ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад***.<br><br>Тибқи иттилои Кумитаи андоз нақшаи ягонаи санҷишҳои маҷмӯии (комплексии) андозсупорандагон барои нимсолаи аввали соли 2013 ба фармоиши Кумитаи андоз аз 16.01.2013, №16 тасдиқ гардидааст, ки он дар ҳафтаномаи “Боҷу хироҷ” чоп карда шуда, дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) бо номи “Нақшаи санҷишҳо дар нимсолаи аввали соли 2013” ҷойгир карда шудааст ва андозсупорандагон метавонанд аз он истифода баранд.<br><br>Нақшаи санҷишҳои маҷмуии (комплексии) андозсупорандагон барои нимсолаи дуюми соли 2013 ба фармоиши Кумитаи андоз аз 22.07.2013, №251 тасдиқ гардидааст, ки он дар ҳафтаномаи “Боҷу хироҷ” чоп карда шуда, дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷой дода | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Тоҷикистон маълумот пешниҳод намуда, инчунин маълумоти мазкурро дар саҳифаи интернетии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намояд. | | шудааст. | |
| 13. Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи пурраи «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014» чораҳои муассир андешад. | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад***.<br>Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои банди 13, Протоколи №1с/12.2-13 ҷаласаи Х-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 19 октябри соли 2012, доири татбиқи пурраи «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014” иттилоъ медиҳад, ки аз давраи қабули Барномаи мазкур чораҳои муассир андешида корҳои муайяне ба анҷом расонида шудааст.<br>Мутобиқи Фармоиши Директори Агентӣ таҳти рақами №71/ф аз 9 ноябри соли 2011, Нақшаи чорабиниҳои Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои супоришҳое, ки аз Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №459 аз 4 октябри соли 2011 «Дар бораи Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар сохтмон барои солҳои 2012-2014» бармеоянд тасдиқ гардидааст, ки иборат аз 8 банд буда кулли масъалаҳои Барномаро фаро гирифтааст.<br>Нақшаи-чорабиниҳои Барномаи мазкур ба кормандони масъули дастгоҳи марказии Агентӣ, ташкилотҳои зерсохтори он ва ба тамоми мақомотҳои маҳаллии меъмории шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ирсол карда шуданд. Рафти иҷрои масъалаи мазкур дар ҳар як ҷаласаи навбатии мушовараи Агентӣ мавриди мӯҳокима қарор гирифта қарорҳои дахлдор қабул карда мешавад.<br>Натиҷаи ҳамин корбарӣ буд, ки Барномаи мазкур дар ташкилоту корхонаҳои зерсохтори Агентӣ ва мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | оид ба иҷрои он нақша - чорабиниҳои дохилиидоравӣ ба тасвиб расонида шуданд, ки амалӣ гардонидани онҳо зери назорати доимӣ қарор дода шудааст.<br>Мақсади асосии Барнома ин беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, соҳибкорӣ ва бартараф кардани мушкилоти мавҷуда дар соҳаи сохтмон ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, вале нарасидани кадрҳои баландихтисоси соҳа, мавҷуд набудани системаи ягонаи автоматизатсияшуда, ба пуррагӣ таъмин набудани шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо нақшаҳои генералӣ, мавҷуд набудани ҳамкорӣ миёни мақомоти меъморию шаҳрсозӣ бо хадамотҳои муҳандисӣ - техникӣ, як қадар мушкилиҳоро ба бор овардааст.<br>Аз ҷумла:<br>**Оид ба иҷрои банди 1, Нақшаи чорабиниҳои Барнома** дар соли 2012 барои дастгирии мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иловатан мебоист, ки 40 воҳиди корӣ бо ҳисоби хароҷотҳои умумӣ дар ҳаҷми 2899,0 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда, соли 2013 дар нақша ҳаст, ки 20 воҳиди корӣ бо ҳисоби хароҷотҳои умумӣ дар ҳаҷми 1488,9 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шавад, мутаасифона ин масъала то ҳол ҳалли худро наёфтааст ва аз ҷониби Вазорати молия то инҷониб ягон ҷавоби саҳеҳ дода нашудааст, ки боиси нигаронӣ мебошад.<br>Таъминоти моддию техникӣ ва маблағгузории фаъолияти мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ низ боиси нигаронӣ мебошад,чунки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» таҳти №380 аз 20 марти соли 2008 ва Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №933 аз 28 декабри соли 2012 маблағгузории мақомотҳои маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ (аз Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) амалӣ карда мешуд, вале ин масъала низ то имрӯз ҳалли худро наёфтааст.<br>Ба ин нигоҳ накарда соли 2012, дар мувофиқа бо лоиҳаи ташкилоти хориҷии "Оксфам," баҳри татбиқи амалии Қарори Ҳукумати | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №282 аз 6 майи соли 2009,“ ва Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014, оиди таъминоти моддию-техникӣ, мақомотҳои маҳаллии меъморию шаҳрсозии ноҳияҳои Мӯъминобод ва Рӯдакӣ бо таҷҳизотҳои компутерӣ таъмин карда шуда ҳамкориҳо идома дорад.<br>Ҳоло аз 65 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ Нақшаҳои генералии 28 шаҳру ноҳияҳо таҳия гардида, мавриди амал қарор доранд. Боқимонда 37 адади дигараш бошад, аз сабаби эътибори мӯҳлаташон гузаштан тасҳеҳро талаб доранд.<br>Дар давоми соли 2012 тасҳеҳи нуҳ лоиҳаи Нақшаи генералӣ ба охир расонида шуда (маркази ноҳияҳои Ишкошим, Файзобод, Рӯшон, Шӯробод, Ғарм, шаҳри Ҳисор ва шаҳраки Оби-Гарм) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, шаҳри Сарбанду маркази ноҳияи Ҷ.Румӣ дар арафаи тасдиқ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон қарор дорад.<br>Имрӯзҳо дар коркарди пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии «Шаҳрофар» иҷрои таҳияи Нақшаҳои генералии шаҳраки Нови ноҳияи Спитамен – 100%, шаҳри Истаравшан – 100% ба анҷом расонида шуда лоиҳаи Нақшаи генералии шаҳрҳои Исфара – 70%, Конибодом – 95%, Панҷакент – 80% ва Истиқлол(Табошар) – 95%, инчунин маркази ноҳияҳои Дарвоз – 70%, Мӯминобод – 70% ва Темурмалик – 70% аз ҷониби мутахассисони пажуҳишгоҳ мавриди тасҳеҳ қарор доранд.<br>**Оид ба иҷрои банди 2, Нақшаи чорабиниҳо** мувофиқ ба розигии Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 сентябри соли 2012, №15/5-151 рӯзҳои 10-11 октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе ҷаласаи VI-уми Комиссияи нархгузории Шӯрои байниҳукуматии ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид, ки дар ин чорабинии мазкур имконият фароҳам омад, ки мутахассисони соҳаи нархгузорӣ оид ба масъалаҳои ҷойдошта доири нархгузории фаъолияти сохтмонӣ таҷрибаи якдигарро омӯзанд ва ба нақша гирифта шуд, ки дар ҷаласаҳои минбаъда | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | масъалаи системаи суиурта дар соҳаи сохтмон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.<br>**Оид ба иҷрои банди 3**, **Нақшаи чорабиниҳо** дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ" аз 16 апрели соли 2012 дар моддаи 42-и Қонуни мазкур тағйироти зарурӣ ворид карда шуда, ҷиҳати пешгирии бунёди иншооти сифаташ паст, пешбинӣ карда шудааст, ки агар нархи дархости тендерии довталаб аз маблағи барои хариди иҷрои корҳои сохтмонӣ ҷудогардида зиёда аз 10 фоиз камтар бошад, чунин дархости тендерӣ рад карда мешавад.<br>**Оид ба иҷрои банди 4, Нақшаи чорабиниҳо** аз ҷониби нозирони Хадамоти давлатии назорати сохтмон ва меъмории Агентӣ ҷиҳати риояи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти меъморӣ,шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ" ва "Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мунтазам санҷиши корҳои сохтмонӣ гузаронида, ҳангоми ошкор кардани камбудиҳо дараҷаи гунаҳгории пудратчиён, фармоишгарон ва дигар иштирокчиёни ҷараёни сохтмонро муайян намуда,оиди ислоҳи онҳо дар асоси қонунҳои амалкунанда, чораҳои дахлдор андешида мешавад.<br>Ҷиҳати баланд бардоштани талабот оид ба беҳтар гардонидани сифати лоиҳаҳои сохтмонӣ бо назардошти риояи қатъии мӯҳлатҳо, истифодаи технологияи муосир, таҷҳизоти энергиясамаранок ва маводҳои сохтмонии босифати сертификатдор, машваратҳои корӣ бо ташкилотҳои лоиҳасоз ва экспертони ғайриштатӣ мунтазам гузаронида мешаванд.<br>**Оид ба иҷрои банди 5, Нақшаи чорабиниҳо**, ки ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастааст, айни ҳол ҳамкориҳо идома доранд. Ҳамчунин қобили қайд аст, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» дар таҳрири нав бо назардошти | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ таҳия гашта истодааст.<br>**Доир ба иҷрои банди 6, Нақшаи чорабиниҳо,** корҳои фаҳмондадиҳӣ ва омӯзишӣ ба роҳ монда шуда, дар давоми соли 2012 ҷиҳати гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ гурӯҳи корӣ ба шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Нуробод, Хуҷанд, Ваҳдат ва Турсунзода сафар карда бо ташкилотҳои сохтмонӣ вохурӣ баргузор намуданд. Дар шаҳри Душанбе чунин вохурӣ санаи 06.06.2012 сол баргузор карда шуд. Лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав низ баррасӣ карда шуда бо назардошти таклифу пешниҳодҳои гуруҳи сохтмончиён қабул ва мавриди истифодабарӣ қарор гирифт.<br>Дар давоми соли ҷорӣ тариқи шабакаҳои мухталифи телевизионии давлатию маҳаллӣ , маҷаллаю рӯзномаҳо, марказҳои иттилоотӣ ва радиоҳои гуногун тақрибан 200 намоишҳои таҳлилию аналитикӣ зери унвони “Андоз –бақои давлат”, “Дар мавзӯи рӯз”, гузоришҳо барои барномаҳои иттилоотии шабакаҳои радио ва телевизионҳо, мақолаю сӯҳбатҳо дар рӯзномаҳои даврӣ нашру пешкаши бинандагон ва шунавандагон гардониданд.<br>**Ҷиҳати иҷрои банди 7, Нақшаи чорабиниҳо**, «Низомнома оид ба тартиби гузаронидани мониторинги нархҳо (тарифҳо), ҳисобкунии индекси нархҳо дар сохтмон» таҳия карда шуда, бо фармоиши директори Агентӣ №91/Ф аз санаи 10 декабри соли 2012 тасдиқ карда шуд.<br>Барои гузаронидани мониторинг ва муайян намудани арзиши масолеҳҳои сохтмонӣ дар бозорҳои марказии шаҳрҳои Қурғонтеппа, Кӯлоб, Хӯҷанд ва Хоруғ аз ҷониби КВД «Маркази нархгузорӣ дар соҳаи сохтмон»-и Агентӣ дар шаҳрҳои номбурда, мутахассисонро ҳамчун намояндаи Маркази нархгузорӣ ба кори доимӣ қабул карда, дар асоси талаботи Низомномаи мазкур мониторинги арзиши масолеҳҳои сохтмонӣ дар бозорҳои марказии шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Хӯҷанд ва Хоруғ гузаронида шуда «Бюллетени | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ҳарсемоҳаи нархгузорӣ дар сохтмон» таҳия гардида, пешкаши истифодабарандагон карда шуд.<br>Ҳамзамон бо мақсади дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ, мувофиқ ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар соҳаи сохтмон ба лоиҳаи тартиби таҳияи харҷномаҳои захиравӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуд.<br>Ба таркиби харҷномаи захиравӣ 2% андоз барои истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз ҷамъи хароҷотҳои мустақим, мувофиқ ба Кодекси андоз дар таҳрири нав лоиҳаи таиийиру иловаҳо ба санадҳои амалкунандаи Агентӣ омода гардида барои мувофиқасозӣ ба Кумитаи андоз ирсол карда шуд ва дар марҳилаи қабулшавӣ қарор дорад.<br>Ҷиҳати татбиқи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Консепсияи такмилдиҳии нархгузорӣ ва меъёргузории харҷномавӣ дар сохтмон дар шароити такмилдиҳии муносибатҳои бозорӣ таҳия карда шуда аз моҳи январи соли 2013 барои истифода пешниҳод гардид.<br>Ҳамчунин қайд карда мешавад, ки масъалаҳои ҳамкориҳои байналхалқӣ дар самти таҳияи санаду ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ, меъёрию қоидаҳои сохтмон ва ГОСТ-ҳо дар ҳамкорӣ бо комиссияи байнидавлатӣ оиди таҳияи меъёрҳои соҳаи сохтмони Шӯрои байниҳукуматии ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди баррасӣ қарор дорад. Барои баррасӣ аз ҷониби комиссияи байнидавлатӣ 96 номгӯи ҳуҷҷатҳои меъёрии байнидавлатӣ ба Агентӣ ворид гардида нисбати онҳо хулосаи Агентӣ омода ва барои қабул бо тағйироту иловаҳо овоз дода шуд.<br>**Ҷиҳати иҷрои банди 8, Нақшаи чорабиниҳо**, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» таҳия карда шуд, ки аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Инчунин ҷиҳати иҷрои банди мазкур, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007 таҳти №172» Оид ба тасдиқи низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (дар таҳрири нав) таҳия карда шуда баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати Ҷумҳурии пешниҳод карда шуд. Айни замон баъди эродҳои Шӯъбаи сохтмон ва меъмории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқаи иловагӣ қарор дорад.<br>Ҳамзамон мебояд қайд кард, ки Агентӣ баҳри амалӣ гардонии Барномаи мазкур тамоми чораҳоро меандешад, ки он ба пуррагӣ ҳалли худро ёбад. | |
| 14. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе барои ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар назди роҳбарони вилоятҳо ва шаҳри Душанбе тадбирҳои зарурӣ андешанд. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад*.**<br>**Оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон:**<br>Дар вилояти Хатлон Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ фаъолият намуд истодааст ва оид ба натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои минтақавӣ дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ Раиси вилоят бо ахбороти муфассал баромад намуд.<br>Мавриди зикр аст, ки дар соли 2012 се маротиба вохӯрии раиси вилоят бо соҳибкорони маҳаллӣ гузаронида шуда, барои пешрафти фаъолияти онҳо ва баратарафсозии монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои саривақтӣ андешида шуданд.Натиҷаи чунин ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ буд, ки дар соли 2012 дарвилоят 132 адад корхона ва оргоҳҳои хурди саноатӣ бунёд гардид, ки аз ин ҳисоб 3315 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд.<br>Соли гузашта аз ҷониби соҳибкорон 198 адад иншооти гуногун сохта ба истифода дода шуданд. Дар соли 2013 соҳибкорон тасмим гирифтаанд, ки 208 адад корхона ва коргоҳҳои истеҳсолию саноатӣ сохта мавриди истифода қарор медиҳанд.<br>**Оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд:** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Дар давраи ҳисоботӣ се ҷаласаи Шӯрои минтақавӣ гузаронида шуданд. Дар ҷаласаҳо масъалаҳои гузаронидани таҳлил дарбахши коркарди маҳсулот, баланд бардоштани иқтидори содиротии соҳаи коркарди меваю сабзавот, рушди бахши сайёҳӣ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.<br>Мунтазам вохӯрии раиси вилоят бо раисони шаҳру ноҳияҳо бо соҳибкорон доир гардида, дар он масъалаҳои вобаста ба рушди соҳибкорӣ ва мушкилоти ҷойдошта баррасӣ карда мешаванд.<br>Дар натиҷаҳои ҳамкориҳои зич ва дастгириҳои мақомоти иҷроияи маҳаллӣ бо соҳибкорон буд, ки соли 2011, 200 иншооти гуногуни хизматрасонӣ, 65 корхонаҳои саноатӣ бо маблағгузории соҳибкорони маҳаллӣ ба истифода дода шуда, аз ҷониби соҳибкорон соли 2012 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 102 адад корхонаҳои саноатӣ бунёд гардид.<br>Аз ҷумла дар вилоят таи солҳои охир якчанд корхонаҳои коркарди меваи хушк, аз ҷумла дар шаҳри Исфара ва ноҳияи Ашт ба фаъолият оғоз намуданд, ки пурра ба содирот машғуланд.<br>Оид ба натиҷаҳои фаъолияти Шӯрои минтақавӣ, Раиси вилояти Суғд дар ҷаласаи 9-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо ахбороти мфассал баромад намуд.<br><br>**<u>Оид ба фаъолияти Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон:</u>**<br>Шӯрои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ВМКБ чор ҷаласа доир намуда, дар онҳо масъалаҳои зерин баррасӣ карда шуданд:<br>1.Оид ба нақша чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мулоқоти Президенти мамлакат бо соҳибкорони ҷумҳурӣ за 15 январи соли 2010.<br>2. Муносибатҳои иқтисодӣ ва проблемаҳои ҷойдошта дар рафту омад бо Ҷумҳурии Халқии Хитой.<br>2.Савдои байни сарҳадӣ яке аз омилҳои рушди муносибатҳои | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | минтақавӣ.<br>3. Ҳолат ва мушкилоти қарздиҳӣ барои соҳаи соҳибкорӣ.<br>4.Таклифу пешниҳодот ба лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав.<br>Илова ба ин, дар моҳи майи соли сипаригашта вохӯрии Раиси вилоят бо соҳибкорони вилоят баргузор гардида, дар он зиёда аз 100 нафар соҳибкорон ширкат варзиданд.<br><br>Санаи 15 августи соли 2013 ҷаласаи панҷуми Шӯрои машваратии назди Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ гузаронида шуд. Дар он масъалаҳои “Таҳлили вазъи соҳаи сайёҳӣ ва таҳияи иловаҳо ба Барномаи рушди сайёҳии вилоят ва омодагӣ ба Анҷумани байналмиллалии иқтисодӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон” дида баромада шуданд.<br>Дар ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ гузориши Раиси ВМКБ ба нақша гирифта шудааст. Дар заминаи корҳои анҷомдодашуда лоиҳаи ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳия гардида истодааст ва вақтҳои наздик дастрас карда хоҳад шуд.<br>Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҷаласаи 11-уми Шӯро, ки дартаърихи 30 апрели соли 2013 доир гардид, дар бораи вазъи рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ гузориш дод. Вобаста ба масъалаи мазкур аз ҷониби Президенти мамлакат ба роҳбарияти вилояти дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд. | |
| 15. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд:<br>- сабабҳои кам шудани содироти | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад***.<br>Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| маҳсулоти кишоварзиро таҳлил намуда, ҷиҳати зиёд намудани иқтидори содиротии вилоят чораҳои таъхирнопазир андешад;<br><br>- дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, шумораи таъсиси корхонаҳои нави саноатиро дар қаламрави вилоят зиёд намояд. | | ва истифодаи иқтдорҳои бозистода чораҳои андешида истодааст.<br>Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ба 3,6 млрд сомонӣ расонида шуда, дар соли 2012 дар қаламрави вилоят102 корхонаҳои хурду бузург ба фаъолият шурӯъ намуд, ки аз ин ҳисоб 3924 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд.<br>Маҳсулоти содиротии вилоятро асосан маҳсулоти кишоварзӣ (сабзавот, меавҳои тар ва хушк, консерваҳо) нахи пахта, либосворӣ, маъданҳо, пӯсти коркарднашуда, маводи тарканда ва ғайра ташкил медиҳанд.<br>Истеҳсол ва содироти меваи хушк яке аз соҳаҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзии вилоят ба ҳисоб рафта, дар таркиби содироти вилоят мавқеи назаррас дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2012 меваи хушк ба маблағи 25,8 миллион доллари ИМА содир шуда, 5,15 % содроти вилоятро ташкил намуд. Ҳаҷми умумии маҳсулоти сдиротшаванда ба 77,4 ҳазор тонна баробаргардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2011 – 21,5% зиёд мебошад. | |
| 16. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, ҷиҳати ба низом даровардани тартибу қоидаҳои муайяни талабот нисбати фурӯши воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла нуриҳои минералӣ ва органикӣ, захрхимикатҳо ва тухмиҳо чораҳои амалӣ андешида, барои ташкил ва фаъолияти марказҳои фурӯши воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, яъне агромағозаҳо, марказҳои хизматрасонии техникию машваратӣ бо бахши хусусӣ ҳамкориро ба роҳ монанд. | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад*.**<br>Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи механиконии соҳаи кишоварзӣ ва ба ин васила расонидани ёри амалӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ имрӯз дар ҷумҳурӣ 63 адад марказҳои хизматрасонии техникӣ ташкил карда шудааст, ки онҳобо техника таҷҳизонида шудаанд ва ба кишоварзон хизмат мекунанд. Дар ин радиф, КВД “Тоҷикагролизинг” низ ташкил карда шудааст.<br>Ҳамчунин бо мақсади таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмиҳои хушсифат ва нуриҳои минералӣ Лоиҳаи таъҷилии таъмини амнияти озуқаворӣ ва воридоти тухмӣ дар 24 ноҳияи вилояти Хатлон фаъолият дорад.<br>Аз ҷониби Марказ дар ҳудуди 12 ноҳияҳои вилояти Хатлон марказҳои фурӯши нуриҳои минералӣ ташкил карда шуда, айни замон фурӯши нуриҳои минералӣ ба ҳаҷми 192 тонна расонида шудааст.<br>Умуман, дар вилояти Хатлон вобаста ба масъалаи мазкур корҳои зиёде анҷом дода шуда, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 113 адад мағоза ва | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | нуқтаҳои фурӯши тухмӣ ва 146 адад мағозаю нуқтаҳои фурӯши нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо ташкил ва фаъолият намуда истодаанд.<br>Тибқи иттилои роҳбарони баъзе ноҳияҳо, аз қабили ноҳияҳои Шаҳринав, Рӯдакӣ, Нуробод ва дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ фурӯши воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла нуриҳои минералӣ ва органикӣ, заҳрхимикатҳо ва тухмиҳо чораҳои амалӣ андешида, барои ташкил ва фаъолияти марказҳои фурӯши воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст. Дар натиҷа якчанд чунин марказҳо ташкил гардида, фаъолияти хуб доранд.<br>Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барои таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо нуриҳои минералӣ ва заҳрхимикатҳо зиёда аз 17 адад агромағозаҳо ташкил карда шудааст. Инчунин дар як қатор ноҳияҳои вилоят марказҳои хизматрасонии техникӣ ташкил карда шудааст. | |
| 17. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута барои муҳайё намудани аломатҳои ишоравии номҳои кӯчаву хамгаштҳо дар чорроҳаву сероҳа ва хонаҳои истиқоматӣ, инчунин муҳайё намудани харитаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ барои сайёҳон чораҳои таъхирнопазир андешанд. | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад***.<br><br>Бо мақсади иҷрои банди мазкур бо қарори Котиби масъули Шӯрои сармоягузорӣ, Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон №32 аз 27.03.2013 гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ таъсис дода шуд.<br><br>Мақсади гурӯҳи кории мазкур муайян намудани афзалиятҳои асосӣ ҷиҳати гузаронидани ислоҳот барои фароҳам овардани фазои мусоид дар бахши сайёҳӣ дар ҳамоҳангсозӣ бо бахшҳои давлатию хусусӣ ва шарикони рушд ба ҳисоб меравад, ки масъалаҳои дар банди мазкур зикргардида, яъне муҳайё намудани аломатҳои ишоравии номҳои кӯчаву хамгаштҳо дар чорроҳаву сероҳа ва хонаҳои истиқоматӣ, инчунин муҳайё намудани харитаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ барои сайёҳон аз инҳо мебошад.<br>Вазифаҳои асосии гурӯҳи кории номбурда гузаронидани таҳлил оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва пешниҳоди тавсияҳо ба ҷаласаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ки тахминан моҳҳои август/сентябри соли 2013 баргузор мегардад, иборат | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | мебошад. | |
| 18. Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон, Намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ ва Иттифоқи Тоҷикматлубот барои пайдо намудани бозорҳои нави маҳсулоти содиротии Тоҷикистон ва шарикони боэътимоди тиҷоратӣ ба ширкатҳо ва соҳибкорони Тоҷикистон кӯмакҳои амалӣ намоянд. | Доимӣ | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдо намояндагиҳои тиҷоратии ҶТ дар кишварҳои хориҷӣ барои пайдо намудани бозорҳои нави маҳсулоти содиротии Тоҷикистон ва шарикони боэътимоди тиҷоратӣ ба ширкатҳо ва соҳибкорони Тоҷикистон кӯмакҳои амалӣ намуда истодаанд.<br>Намояндагиҳои тиҷоратӣ дар кишварҳои хориҷӣ лоиҳаҳои сармоягузории соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди кишварамонро пайваста пайгирӣ намуда, чорабиниҳои вобаста ба баргузории намоишгоҳҳои тахассуӣ ва бизнес-форумҳои доираҳои соҳибкории ватанию хориҷиро амалӣ менамоянд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо наоишгоҳи маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Москва, Оренбург ва Сочии Федератсияи Россия мебошад, ки аз ҷониби Намояндагии тиҷоратии ҶТ дар ФР ташкил карда шудааст.<br>Инчунин бо ташаббуси Намояндагии тиҷоратии ҶТ дар Ҷ.И. Эрон дарсолҳои 2010-2012 вохӯриву мулоқотҳои мунтазами ҳайати сармоягузорон ва соҳибкорони эронӣ бо ҳамтоёни худ дар Тоҷикистон баргузор гардиданд ва зиёда аз 10 санади ҳамкорӣ ба имзо расонида шуданд.<br>Ҳамзамон, корҳои ба анҷомрасонидаи намояндагиҳои тиҷоратӣ дар Қазоқистон, Украина, Туркманистон, Қувейт, Хитой, Латвия ва Малайзия низ назаррас аст.<br>Дар ин самт, фаъолияти Палатаи савдо ва санот низ қаобили қайд мебошад. Тибқи иттилои Палатаи савдо ва саноат аз ҷониби Палата мунтазам мизҳои мудаввар бо иштироки шарикони хориҷие, ки барои баркарор намудани муносибатҳои иқтисодиютиҷоратӣ бо ширкатҳои Тоҷикистон ҳавасманд мебошанд, гузаронида мешавад.<br>Дар соли 2012 зиёда аз 60 вохӯриҳо бо намояндагони ширкатҳои ҷумҳуриҳои исломии Эрон, Афғонистон, Покистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, ҷумҳуриҳои Туркия, Қазоқистон, Беларус, Федератсияи Россия гузаронида шуданд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 19. Ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ, ахбороти Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешниҳод карда шавад. | Нимсолаи аввали соли 2013 | ***Иҷро шудааст.*** Масъалаи мазкур ба лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи 11-уми Шӯро гузошта шудааст. Айни замон, ахбороти Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таҳия гардида, дастрас карда шудааст. Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҷаласаи 11-уми Шӯро, ки дартаърихи 30 апрели соли 2013 доир гардид, дар бораи вазъи рушди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ гузориш дод. Вобаста ба масъалаи мазкур аз ҷониби Президенти мамлакат ба роҳбарияти вилояти дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд. | |
| **Қарорҳои протоколии ҷаласаи ёздаҳуми Шӯрои машваратӣ аз 30 апрели соли 2013** | | | |
| 1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба муроҷиати соҳибкорон оид ба таъсири Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар заминаи Кодекси мазкур қабул гардидаанд, аз ҷумла «Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолият мекунанд» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451) ба рушди соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ ба рушди иқтисодии мамлакат таҳлили ҳамаҷониба гузаронида, аз натиҷааш ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро ахборот манзур намояд. | Солҳои 2013-2014 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.*** Ҷиҳати иҷрои банди мазкур қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013 таҳти №361 “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451” қабул гардид. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 “«Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд” мебошад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамоянд, ки таҳлилҳои иқтисодӣ, вохӯриҳо бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон рафти татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451, инчунин муроҷиату дархостҳои андозсупорандагон нишон дод, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори мазкур ба миён омадааст. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки барои дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба банди 3 қарор илова карда шавад, ки пардохти андози иҷтимоӣ барои аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар замини лалмӣ фаъолият менамоянд, дар як соли тақвимӣ ҳафт моҳ муқаррар карда шавад. Дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, тағйиротҳо ворид карда | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | шуданд, аз ҷумла вобаста ба аниқ намудани объекти андоз ҳангоми фурӯши ғайристатсионарии молҳои омехтаи ниѐзи мардум ва маҳсулоти кишоварзӣ (бандҳои 9 ва 13), аз 105 то 90 сомонӣ кам кардани маблағи пардохт барои патент барои фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои халқӣ (сандуқҳо, гаҳворахо, зарфҳои чӯбин ва ғайраҳо) (банди 11), зиёд намудани намудҳои фаъолияте, ки дар асоси патент иҷозат дода шудааст, аз ҷумла фурӯши газетаю маҷалаҳо (банди 12), фаъолияти дӯзандагӣ, сартарошӣ, таълимӣ репититорӣ (банди 34), таъмир, вулканизатсия (банди 35), фаъолияти байторӣ ва фаъолияти омӯзишӣ (бандҳои 47 ва 48). Инчунин дар бандҳои 24, 30 ва 42 пардохт барои андози иҷтимоӣ аз 150 сомонӣ то 100 сомонӣ кам карда шудааст, ки ба фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият мекунад, таъсири мусбӣ мерасонад.<br>Тағйирот ба бандҳои дигари Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродии дар асоси патент амалишаванда барои дастгирии соҳибкорони инфиродӣ таҳия шудааст.<br>Бо мақсади омӯзиш, таҳлил ва такмили Кодекси андози ҶТ дар назди Вазорати молияи ҶТ (Фармоиши Вазири молия аз 19.07.2013, №71) гурӯҳи кории доимоамалкунанда таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст.<br>Тибқи иттилои Кумитаи андоз, Кумита якҷо бо Вазорати молия то охири соли ҷорӣ лоиҳаи Қонуни ҶТ-ро “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози ҶТ” таҳия намуда, ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод менамояд.<br>Бо мақсади ҳавасманд намудани андозсупорандагони фаъолу бомасъулият, инчунин беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ва сарфа намудани вақти онҳо, аз ҷониби Кумитаи андоз барномаи алоҳидаи копютерии Системаи иттилоотии андоз «Пешниҳоди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ» такмил ва мавриди истифода қарор дода шудааст, ки айни ҳол 1720 андозсупоранда эъломиҳои худро ба мақомоти андоз тариқи электронӣ пешниҳод намуда истодаанд.<br>Яке аз роҳҳои дигари муҳими ҳавасманд намудани соҳибкорони фаъол ва андозсупорандагони бомасъулият ин таъин кардани санҷиши | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | риояи қонуггузории андоз нисбати фаъолияти онҳо аз руи хавфҳо, яъне бо истифода аз усули баҳодиҳии хавфҳо мебошад.<br>Истифодабарии усули баҳодиҳии хавфҳо дахолати беасосро ба фаъолияти андозсупорандагон маҳдуд намуда, аз тарафи дигар ба интизоми андозсупории андозсупорандагон таъсири мусбӣ мерасонад.<br>Баргузор намудани семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон доир ба татбиқи Кодекси андози ҶТ дар таҳрири нав, яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти андоз мебошад. Тибқи маълумотҳои пешакӣ дар нуҳмоҳаи соли 2013 дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат аз ҷониби мақомоти марказӣ, вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявии андоз дар маҷмуъ 1349 семинар-машваратҳо гузаронида шудааст. | |
| 2. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br><br>- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар таҳрири навро такмил дода, бо тартиби муқаррааргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;<br>- якҷо бо вазорату идораҳои марбута, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд ҷиҳати идомаи ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ дар заминаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш дар ҷаласаҳои оянда Шӯро ахборот пешниҳод намояд;<br>- мониторинги иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»-ро гузаронида, аз | Солҳои 2013-2014 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» аз ҷониби Кумита такмил дода шуда, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод карда шудаст.<br>Аз ҷониби Кумита ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ дар заминаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ идома дорад. Аз ҷумла тибқи Нақшаи кории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Раиси Кумита аз 10 майи соли 2013 №81 тасдиқ шудааст, мониторинги татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” дар 16 мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва 27 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронида шуд.<br>Аз натиҷаи санҷиши фаъолияти 13 мақомоти марказии иҷозатдиҳанда маълум шуд, ки аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани Қонун аз ҷониби ин мақомотҳо 7 701 ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба маблағи умумии 705 610,22 сомонӣ дода шудааст. Аз ҷумла 163 920 сомонӣ барои барасии ариза, 326 000 сомонӣ барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва 25 сомонӣ барои додани дубликати ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мебошад. Аз ин маблағҳо 559 502,75 сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва 142 449,45 сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст. Аз 7701 ҳуҷҷати иҷозатдиҳии дода | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| натиҷааш ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро ахборот манзур намояд. | | шуда 5 999 ҳуҷҷат ба мӯҳлати номаҳдуди амал, 973 ҳуҷҷат ба мӯҳлати амали иҷозатнома ва 2 811 ҳуҷҷат ба дигар мӯҳлат дода шудаанд.<br>Бо мақсади иҷрои банди 15 Нақшаи чорабиниҳои Кумита барои амалӣ намудани Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 дар нимсолаи аввали соли 2013 сомонаи www.ijozat.tj таҷдиди назар карда шуд. Дар он маълумотҳои нав, хабарҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи низоми иҷозатдиҳӣ ва мораторияи, рӯйхати субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ва дигар маълумотҳои ҷадид ворид карда шуданд.<br>Ҷиҳати ба тариқи электронӣ ба роҳ мондани тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ аз ҷониби Раёсат таҳлилҳо гузаронида шуда, корҳои амалӣ ба нақша гирифта шудааст. Таҳлилҳо собит сохтанд, ки на ҳамаи мақомоти иҷозатдиҳанда, ки ба унвонии Кумита маълумот ирсол намудаанд сомонаи расмӣ ва суроғаи электронии худро доранд, ки ин амал барои татбиқи ҳадафҳои қонунгузории низоми иҷозатдиҳӣ монеаи сунъӣ ба вуҷуд меоранд. | |
| 3. Бонки миллӣ, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ва бо ҷалби шарикони рушди Тоҷикистон масъалаи ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистонро ҳаматарафа омӯхта, пешниҳод манзур намоянд. | Доимӣ | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон, бонк тасмим гирифтааст, ки ҷиҳати ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон бо Оҷонси рейтинги байналмилалии исломӣ ҳамкорӣ намояд. Дар ин хусус аз ҷониби Бонки миллӣ ба Ҳукумати ҶТ мактуб ирсол гардида, хоҳиш карда шудааст, вазорату идораҳои марбута бо Оҷонсии зикргардида ҳамкорӣ намоянд.<br>Тибқи супориши муовини якуми Сарвазири ҶТ аз 21 октябри соли 2013, №8515(12.2-6) Вазорати рушди иқтисод ва савдо фикру андешаҳои вазорату идораҳоро оид ба масъалаи мазкур ҷамъбаст намуда, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намудааст.<br>Дар маҷмӯъ, кушишҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон қобили дастгирӣ мебошад.<br>Аз ҷумла Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ қайд мекунад, ки ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ имконият медиҳад, ки қарзҳои берунаро бо фоизҳои | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | пасттар ва бо мӯҳлатҳои дароз барои маблағгузории соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ҷалб намоянд, чунки сармоягузорони хориҷӣ ҳангоми сармоягузории худ дар ин ё он кишвар аз рейтинги мазкур васеъ истифода мебаранд.<br>Вале, мутаассифона, ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон аз ҷониби Оҷонси рейтинги байналмилалии исломӣ барои мақсадҳои қайдгардида ва манфиатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ мувофиқат намекунад. Чунки Оҷонсии рейтинги байналмилалии исломӣ ташкилоти минтақавии навтаъсис буда, аз соли 2005 инҷониб фаъолият менамояд ва барои муайян намудани рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлатҳо иқтидор ва таҷрибаи кофӣ надорад. Инчунин рейтинги аз ҷониби Оҷонсии мазкур додашуда, тибқи баҳодиҳии тахассусии сармоягузорони хориҷӣ дар бозори ҷаҳонии сармоя ба таври зарурӣ эътироф карда намешавад.<br>Мавриди қайд аст, ки дар ҷаҳон оҷонсиҳои маъруфи махсусгардонидашудаи байналмилалии рейтингӣ, аз қабили "Стандартс энд Пуарс" ( Standard&Poor's), "Мудис Инвесторс Сервис" (Moody's Investors Service), "Фитч" (Fitch), "Ди Би Ар Эс" (DBRS) ва ғайра фаъолият мекунанд, ки сармоягузорони хориҷӣ рейтинги онҳоро пурра эътироф мекунанд. Оҷонсиҳои номбаршуда иқтидори кофӣ ва таҷрибаи бештар аз садсоларо дар самти рейтинги кредитии соҳибихтиёрии давлатҳо дар арсаи ҷаҳонӣ доро мебошанд.<br>Дар байни ҷумҳуриҳои аъзои ИДМ рейтинги кредитии соҳибихтиёрии мамлакатро ҷумҳуриҳои зерин аз оҷонсиҳои номбаргардида соҳиб шудаанд.<br>♦ **Рейтинги оҷонсии "Стандартс энд Пуарс":**<br>Россия (BBB), Белорус (B-), Гурҷистон (BB), Қазоқистон (BBB+), Озарбойҷон (BBB-) ва Украина (B).<br>♦ **Рейтинги оҷонсии "Мудис Инвесторс Сервис":**<br>Россия (Baa1, устувор), Арманистон (Ba2, устувор), Белорус (B3, манфӣ), Қазоқистон (Baa2, мусбӣ), Молдова (B3, устувор), Озарбойҷон (Baa3, устувор) ва Украина (Caa1, манфӣ).<br>♦ **Рейтинги оҷонсии "Фитч":** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Россия (BBB+, устувор), Арманистон (BB, устувор), Гурҷистон (BB, устувор), Қазоқистон (А-, устувор), Озарбойҷон (BBB-, устувор) ва Украина (B, устувор).<br>Бинобар ин, боназардошти манфиатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ ва пурра бархурдор гардидан аз самараи рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо яке аз оҷонсиҳои махсусгардонидашудаи байналмилалии рейтингии “Стандартс энд Пуарс”, “Мудис Инвесторс Сервис” ва “Фитч”, ки соҳиби обрую нуфузи байналмилалӣ буда, дар байни сармоягузорони хориҷӣ эътироф карда мешаванд, мувофиқи мақсад диниста мешавад (Мактуби Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ ба Ҳукумати ҶТ аз 11 ноябри соли 2013, №07/2-357).<br>Инчунин бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ №71154(12.2-6) аз 20 ноябри соли 2013 Бонки миллӣ бояд тибқи хулосаи вазорату идораҳои марбута, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҷамъбаст карда шудааст, чораҷуӣ намояд. | |
| 4. Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия якҷо бо вазорату идораҳои марбута, бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳлили зарурӣ гузаронида, натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои оянадаи Шӯро пешниҳод намоянд. | Соли 2013 | ***Дар ҷараёни иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ вазорат чораҳои заруриро амалӣ намуда, бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ якчанд мизҳои мудаввар баргузор намуд.<br>Дар асоси супориши протоколӣ дар бахши суғурта таҳлил гузаронида шуда, натиҷаҳои он бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои оянадаи Шӯро пешниҳод карда мешавад. | |
| 5. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, адлия ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вобаста ба ҳалли босуръати масъалаи шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага аз соли 1961 ё Конвенсияи Апостил чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш | Солҳои 2013-2014 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Вазорати корҳои хориҷӣ бо мақсади иҷрои банди мазкур дар якҷоягӣ бо Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба “Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани талаботи таъйиди ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961” мавриди таҳлил ва баррасӣ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ахборот пешниҳод намоянд. | | қарор додааст. Дар назди Вазорат вобаста ба масъалаи мазкур гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.<br>Вазорати корҳои хориҷӣ иттилоъ медиҳад, ки дар баррасии Гуруҳи корӣ, ки дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ таҳти №121313(12.2-4) аз 08.01.2013 барои баррасии масъалаи ҳамроҳшавии ҶТ ба «Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961» таъсис дода шудаст, масъалаи қабули санади маъёрию ҳуқуқӣ барои татбиқи Конвенсияи мазкур, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои амалкунанда, муайян намудани мақомоти ваколатдор ва андозаи пардохти хироҷи консулӣ, ташкил ва пешбурди реестри электронии марказонидашуда ва дигар масъалаҳои вобаста ба татбиқи Конвенсия, қарор доранд.<br>Бинобар ин, зарурат пеш омадааст, ки тамоми ҳуҷҷатҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ додашаванда, дар як руйхат ҷамъоварӣ карда шуда, характери расмӣ доштани онҳо муайян карда шавад.<br>Ҳамзамон, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) тибқи ӯҳдадориҳои худ барои расонидани кӯмаки техникӣ ба ҶТ ҷиҳати ҳамроҳ шудан ба Конвенсияи номбурда, коршиноси маҳалиро ҷалб намудааст.<br>Тибқи иттилои Вазорати корҳои хориҷӣ дар санаи 29 августи соли равон ҷаласаи навбатии Гурӯҳи корӣ вобаста ба баррасии масъалаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани талаботи таъйиди ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ аз 5 октябри соли 1961» (Конвенсияи апостил) дар якҷоягӣ бо семинари омӯзишӣ барои намояндагони мақомотҳои давлатӣ баргузор карда шуд.<br>Дар чорабинии мазкур дар қатори аъзоёни Гурӯҳи корӣ намояндагони Вазоратҳои маориф, тандурустӣ, мудофиа, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Академияи илмҳо, Бонки миллии Тоҷикистон, Маркази миллии | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | қонунгузорӣ ва Палатаи саноат ва савдо иштирок намуданд.<br>Семинари мазкур дар асоси банди 3 Нақшаи кории гурӯҳи корӣ, ки дар ҷаласаи қаблии Гурӯҳи корӣ дар санаи 6 августи соли равон баргузор гардида буд, гузаронида шуд.<br>Дар ҷаласае, ки 6 августи соли равон баргузор гардид, Гурӯҳи корӣ Нақшаи кории худро қабул намуда, ба мувофиқа омад, ки минбаъд дар асоси он фаъолияти худро пеш мебарад.<br>Айни замон дар баррасии Гурӯҳи корӣ масъалаҳои зерин қарор доранд:<br>- Интихоби модели мақомотҳои дахлдор (ду ва ё якчанд) барои гузоштани Апостил;<br>- муайян намудани андозаи хироҷ барои он;<br>- таъсиси феҳристи ягона барои бақайдгирии апостилҳои додашуда.<br>Масъалаҳои дигаре, ки дар баррасии Гурӯҳи корӣ қарор доранд, ин муайян намудани ҳуҷҷатҳои расмие, ки аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дода мешаванд, мебошад.<br>Барои ҷамъоварӣ намудани маълумоти зарурӣ ҷиҳати муайян намудани тамоми ҳуҷҷатҳои расмии аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ додашаванда, зурур аст, ки худи мақомотҳои давлатӣ намунаи ҳуҷҷатҳои расмии худро пешниҳод намоянд.<br>Дар маҷмуъ, корҳои зарурӣ вобаста ба шомилшавии ҶТ ба Конвенсияи Гаага идома дорад. | |
| 6. Вазорату идораҳо ҷиҳати дастгирии соҳибкорони соҳаи худ тадбирҳои амалӣ андешанд. Иштироки бахши хусусӣ дар марҳилаи таҳия, қабул ва татбиқи тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ оид ба рушди | Доимӣ | ***Мавриди иҷрои доимӣ қарор дорад.***<br>Айни замон намояндагони бахши хусусӣ дар таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, барномаҳои соҳавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо вобаста ба рушди соҳибкориву сармоягзорӣ фаъолона ширкат менамоянд. Ҳангоми таъсиси ин ё он гурӯҳи корӣ намояндагони бахши хусусӣ ба ҳайати он шомил карда мешаванд. Аз ҷумла Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, қонунҳои ҶТ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| соҳибкорӣ таъмин карда шавад ва хулосаҳои пешниҳодкардаи бахши хусусии соҳавӣ ба инобат гирифта шаванд. | | “дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ”, “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, “Санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ”, гуруҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва ғайра намояндагони бахши хусусӣ фаъолона ширкат намуданд ва намуда истодаанд.<br>Ҳамчунин намояндагони бахши хусусӣ узви фаъоли Шӯрои машваратии назд Президенти ҶТ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, шӯроҳои минтақавӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд ва шӯроҳои шаҳриву ноҳиявӣ мебошанд. | |
| 7. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон:<br><br>- дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва бо ҷалби шарикони рушд барои фаъолияти пурсамари минтақаи озоди иқтисодии «Ишқошим» чораҳои муассир андешад ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот диҳад;<br><br>- якҷо бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазорату идораҳои дахлдор масъалаи таъсиси минтақаи озоди иқтисодии «Мурғоб»-ро омӯхта, дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодот манзур намояд;<br><br>- якҷо бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазорату идораҳои марбута ҷиҳати вусъат бахшидани савдои наздисарҳадӣ, муҳайё намудани шароити зарурӣ дар бозорҳои наздисарҳадӣ ва зиёд намудани ҳаҷми | Доимӣ | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баҳри иҷрои протоколи мазкур корҳои муайянро ба анҷом расонид.<br>Санаи 15 августи соли 2013 ҷаласаи панҷуми Шӯрои машваратии назди Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ гузаронида шуд. Дар он масъалаҳои “Таҳлили вазъи соҳаи сайёҳӣ ва таҳияи иловаҳо ба Барномаи рушди сайёҳии вилоят ва омодагӣ ба Анҷумани байналмиллалии иқтисодӣ дар ВМКБ” дида баромада шуданд.<br>Бо мақсади дида баромадани масъалаи таъсиси минтақаи озоди иқтисодии “Мурғоб” Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, нисбати зарурият надоштани ташкили минтақаи мазкур дар ноҳияи Мурғоб ахборот ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод гардид.<br>Зеро, бояд тазаккур дод, ки МОИ дар ҷумҳурӣ пеш аз ҳама бо мақсади баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар ва ҷалби техникаи муосир ва технологияи инноватсионӣ таъсис дода мешаванд.<br>Бинобар ин, ҳангоми баррасии масъалаи таъсиси МОИ имконоти истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва фурши он дарбозорҳои беруна яке аз шартҳои асосӣ мебошад.<br>Ҳамзамон, таҷрибаи ташкили МОИ дар ҷумҳурӣ нишон дод, ки барои сохтмони инфрасохтори минтақаҳо маблағҳои калон зарур аст, ки | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| содироти молу маҳсулоти ватанӣ ва хизматрасонӣ ба бозорҳои Афғонистон ва дигар кишварҳои ҳамсоя чораҳои муассир андешад;<br><br>- якҷо бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва саноат, кишоварзӣ ва дигар вазорату идораҳо дар самти рушди соҳибкории истеҳсолӣ, аз ҷумла таъсиси корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва доруворӣ, сангҳо ва металҳои қимматбаҳо, бандубасти обҳои ошомиданӣ, рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарварӣ чораҳои таъхирнопазир андешида, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ахборот манзур намояд. | | дарёфт кардани онҳо айни замон мушкил мебошад.<br>Дар ин замина, Вазорати рушди иқтисод ва садвои ҶТ баррасии масъалаи таъсиси МОИ "Мурғоб"-ро пас аз фаъолияти пурраи МОИ амалкунанда (фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ дар онҳо), аз ҷумла МОИ "Ишқошим" мувофиқи мақсад мешуморад.<br>Дар қаламрави вилоят якчанд бозорҳои наздисарҳадӣ ташкил карда шуда, фаъолият намуда истодаанд. Тайи солҳои сипаришуда дар бозорҳои наздисарҳадӣ шароитҳои лозимӣ барои фурӯшандагон фароҳам оварда шуда, бо реҷаи мувофиқашудаи тарафайн ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе бозор баргузор шуда истодааст.<br>Аз ҷумла бозорҳои тиҷоратии наздисарҳадии маҳаллаи «Тем»-и шаҳри Хоруғ ва «Рузвай»-и ноҳияи Дарвоз аз моҳи апрели соли 2005 фаъолият намуда истодаанд. Масоҳати умумии бозори наздисарҳадии «Тем» 840 $м^2$ буда, дар он 170 ҷои нишаст вуҷуд дорад. Масоҳати умумии бозори наздисарҳадии «Рузвай" 266 $м^2$ ташкил намуда, дар он 150 ҷои нишаст вуҷуд дорад. Тартиби кории бозор шанбеи ҳар ҳафта муқаррар шудааст.<br>Бозори наздисарҳадии «Ишқошим»-и ноҳияи Ишкошим ба як маркази калони тиҷоратии назди марказ мубаддал гардидааст. Дар ин бозор дар рӯзҳои савдо истиқоматкунандагони вулусволиҳои Зебоку, Вахони Ҷ.И. Афғонистон ва ноҳияи Ишкошими Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ меоянд. Масоҳати бозор 3 гектарро ташкил дода, 150 адад ҷои нишаст дорад.<br>Сохтмони бозори наздисарҳадии Хумроғи ноҳияи Ванҷ соли 2011 ба маблағи умумии 1158,7 ҳазор сомонӣ сохта ва ба истифода дода шуд. Бозор имконияти ҷойгир намудани зиёда аз 200 растаҳои 1,5х2 метрро доро буда, масоҳати умумии он 494,8$м^2$ – ро ташкил медиҳад. | |
| 8. Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои соҳибкорӣ барои шинос намудани соҳибкорони Тоҷикистон бо муҳити иқтисодӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ворид гардидани | Доимӣ | ***Мавриди иҷрои мунтазам қарор дорад.***<br>Бо мақсади зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар, Иттифоқи Тоҷикматлубот чораҳои зарурӣ андешида, барои густариш ёфтани робита бо ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Федератсияи Россия ва инчунин Афғонистони ҳамсоя дар ҳашт моҳи соли 2013 ба миқдори 10360 тонна маҳсулот содир карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| онҳо ба бозорҳои Афғонистон ва иштироки онҳо дар лоиҳаҳои барқарорсозии кишвари ҳамсоя чораҳои зарурӣ андешад. | | гузашта 3780 тонна зиёд мебошад.<br>Дар сурати пайдо гардидани шарикони боъэтимод, Иттифоқи Тоҷикматлубот омода аст, ки содироти меваю сабзавот ва маҳсулоти коркарди он, меваи хушк, асали табиӣ, оби ошомиданӣ ва ғайраро ба роҳ монад.<br>Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон тавассути гузаронидани намоишгоҳҳо ва вохурив умулоққҳои доираҳои соҳибкорон, ки ба рушди ҳамгироӣ, васеъ намудани содирот, ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак равона шудаанд, ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мусоидат намуда истодааст. | |
| 9. Ҳукумати мамлакат якҷо бо шарикони рушд ва бахши хусусӣ дар масъалаҳои зерин ҳамкории судмандро ба роҳ монанд:<br>- татбиқи босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ»;<br>- таҳия, такмил ва татбиқи лоҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» ва «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»;<br>- ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- гузаронидани таҳлил оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта ва идомаи ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ дар заминаи ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ;<br>- гузаронидани таҳлили таъсири Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба рушди соҳибкорӣ ва баланд бардоштани савияи донишҳои | Доимӣ | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Бо мақсади татбиқи босамари босамари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣи ва Муассисаи давлатии “Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ” таъсис дода шуданд. Ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти Маркази номбурда Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ бо Бонки Осиёии Рушд ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.<br>Барои таҳияи лоиҳаҳои қонунҳои ҶТ «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» ва «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар натиҷаи ҳамкориҳои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ аз ҷониби Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ коршиносони маҳаллӣ ҷалб карда шуданд.<br>Бо дастгирии шарикони рушд як қатор семинар-машваратҳо ва корҳои фаҳмонадидиҳӣ вобаста ба истифодаи Кодекси андози ҶТ дар таҳрири нав гузаронида шуданд.<br>Дар натиҷаи ҳамкориҳои Котиботи Шӯрои машваратӣ бо шарикони рушд, бо даъвати Сафорати Британияи Кабир дар Тоҷикистон коршиноси байналмилалӣ оид ба рушди бахши сайёҳӣ ба Тоҷикистон даъват карда шуда, дар гузаронидани таҳлили ин бахш ҳамкории зич ба роҳ монда шудааст. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкорон;<br>- таҳия ва татбиқи дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки дар доираи Шӯрои сармоягузорӣ қабул карда мешаванд. | | | |